# Мунозараи имом Ҷаъфари Содиқ бо як Рофизӣ

[ Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية]

Таҳқиқ:

**Дуктур Алӣ Ал-Шибл**

Тарҷума:

**Абдуллоҳ Ҳайдарӣ**

**1388 шамсӣ**

2012 - 1433

IslamHouse.com

# ﴿ مناظرة الإمام جعفر الصادق وأحد الرافضة ﴾

«باللغة الطاجيكية»


تحقيق: د. علي الشبل

ترجمة: عبد الله حيدري



2011 - 1432

IslamHouse.com

## Пешгуфтори мутарҷим

Бо салом ва таҳиёти холисона хидмати тамоми хонандагони азиз ва гиромӣ, бародарон ва хоҳарони динӣ! Худованди мутаъолро шукр ва сипосгузорам, ки инак китоби арзишманд "**мунозараи имом Ҷаъфари Содиқ бо як Рофизӣ**"-ро, ки солҳо пеш тарҷума карда будам, хидмати шумо тақдим мекунам.

Бо арзи пузиш он чӣ дар пай хоҳад омад, навишторе аз мутарҷим аст, ки барои муқаддима интихоб кардам, чун феълан фурсати навиштани муқаддимае фароҳам нашуд, дар фурсати муносиб иншоаллоҳ матлаберо, ки лозим бошад, ёдошт хоҳам кард, агар дӯстон ишколот ва навоқисро ёдоварӣ кунанд, мамнун хоҳам шуд.

Кинатузон ва маризони ҷаҳл ва нифоқ наметавонанд таҳаммул кунанд ва бо калимоти зишти худ гӯё метавонанд авроқи поки таърихи заррини ононро доғдор кунанд! Ҳайҳота ҳайҳота! Ва гӯё дониста ё надониста имрӯз ҳам мехоҳанд бо ин бархурди манфӣ ва ҳаракати мутаҳаввиронаи худ ҳамонанди ҷаддашон Абулӯлӯ, қалби поки Паёмбар (с) ва Оли Байти Атҳор ва Саҳобаи ахёрашро (дуруду саломи Худо бар онҳо бод)

биранҷонанд! Ғофил аз ин, ки онон ба ормони худ расидаанд ва хушнудии паравардигорашонро хариданд, Худованд аз онон розӣ шуд ва онон аз Худованд розӣ ва хушнӯд гардиданд. Хушо ба саъодаташон.

Шигифтангез ин, ки инҳо муддаъии Исломи ноби Муҳаммадӣ ва пайрав аз Аҳли Байт ҳастанд. Кадом Аҳли байт?! Ва кадом Исломи ноби Муҳаммадӣ?! Аҳли Байти Паёмбари гиромӣ (а), ки нӯри чашмашон имоми Содиқ аст, чунин ақида доранд. Шумо аз кадом Аҳли байт сухан мегӯед? Манзури шумо кист? Исломи ноби шумо ба кадом Муҳаммад мансуб аст?!.

Агар манзуратон Хотами Паёмбарон ва Расулон, ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с) аст? Агар манзуратон домоди Абӯбакри Сиддиқ ва Умари Форуқ аст? Агар манзуратон падари дуто ҳамсари гиромии Усмони Зиннурайн аст? Агар манзуратон ҳамон Исломест, ки бо шамшер ва хуни Саҳобаи ҷонбози Паёмбар (с) ба хориҷ аз Ҷазираи Араб расида ва коххҳои зару зуру ва тазвирро дар ҳама ҷо дар ҳам шикаста, пас бибахшед иштибоҳ мекунед ва роҳе, ки шумо дар пеш гирифтаед ба харобистон аст!.

Чаро ба халқи Аллоҳ дуруғ мегӯед? Чаро Исломро дини кинаву ҷасорат ва нафрин ва манфибофи ва ҳиллагарӣ муъаррифӣ мекунед? Аз Худо битарсед, аз қабри торик ҳазар кунед, аз вуқуф дар пешгоҳи зоте, ки ба дуруғ адолатро ҷузъи динаш медонед, битарсед, аз дуруғ битарсед, аз Паёмбари азиз ва гиромӣ (с) хиҷолат бикашед, аз Аҳли Байт ҳаё кунед.

То ба кай мехоҳед ҷаҳонеро бо дуруғ саргарм кунед, тасаввур намекунед, ки ҳамчунон, ки дорад кам-кам дуруғҳо рӯ мешавад, ҳама дуруғҳоятон рӯ шуд, ҳатто наздиктарин афроди ва мухлистарин муридонатон дар чашмонатон чашм биандозанд ва бигӯянд: чаро ба мо дуруғ гуфтед?! Ҳамонҳое, ки шуморо таъмин мекунанд, ҳазинаи чоп ва нашри дуруғҳоятонро мепардозанд, ҳазинаи тамоми дуруғпардозиҳоятонро мепардозанд!.

Тасаввур намекунед, рӯзе дар дохили манзилатон ва дохили дафтаратон, бағали дастонатон дар мошин, дохили масҷид ва ҳусайния, синфхона ва ҳатто хиёбон ба шумо бигӯянд, чӣ лозим буд, ки ба мо дуруғ бигӯед?!

Чаро бо сарнавишти мо бозӣ кардед, ин муъомила, муъомилаи охират аст, шухӣ нест, кори ширкату корхонае нест, ки агар фасодаш ошкор

шуд, ҳадди аксар як зарари молӣ бошад. Хайр баъд аз мурдан дигар бозгаште нест, инҷо агар пулҳои шумо қаллобӣ даромад, метавонед таҳаммул кунед, аммо тасаввур кунед, ки имон ва Исломи ноб ва даъвоҳои газзофи шумо онҷо қаллобӣ дар ояд!.

Он ҷо бигӯед, ки мутаъассифона иштибоҳ кардед, сиккаҳоятон қаллобӣ  аст, ба чӣ далел?! Ба далели ин, ки Худо мегӯед: Ман ин Исломро нахоста будам! Ҷибрил бигӯяд: Ман ин Исломро наоварда будам! Паёмбар (с) бигӯянд: Ман чунин Исломе таблиғ накарда будам! Ва Аҳли Байт бигӯянд: Мо ин Исломро намешиносем!! Ба қавли марҳум Аллома Иқболи Лоҳурӣ:

Зи ман бар суфию мулло саломе
Ки пайғоми Худо гуфтанд моро
Вале таъвилашон дар ҳайрат андохт
Худову Ҷибраилу Мустафоро

Тасаввур кунед вовайло чӣ самаре дорад?! Гиря ва нола чӣ фоидае дорад?!

Рӯзе Умари Форуқ (р.з) аз конори Савмаъа (ибодатгоҳи насоро) мегузашт, ки чеҳраи хастаи Роҳибе нигоҳашро ҷалб кард, истод ва ба фикр фурӯ рафт! Яке аз асҳоб арз кард: Гӯё дар чизе фикр

мекунед? Фармуданд: Ба ҳоли ин бечора фикр мекунам, ки бо вуҷуди ин ҳама ибодат ва хастагиву таҳаммули сахтиҳо дар ниҳоят ҷояш дузах аст", он гоҳ ояти каримаи сураи Ғошияро тиловат фармуд:

﴿عَامِلَةٌ نَّاصِبَةٌ ۝٣ تَصۡلَىٰ نَارًا حَامِيَةً ۝٤﴾ [الغاشية 3-4]

«Коркунандаанд ранҷдида, чашанд оташи сузон»[1].

Лизо инсон ҳамеша бояд дар талаби ҳақ кушо бошад, достони Салмони Форсӣ (р.з) намунаи бисёр ҷолиб ва омузандаест, ки чанд динро таҳқиқ ва мутолиъа кард, то ин ки ба мақсуд расид.

Бинобарин ин ояти карима:

﴿فَبَشِّرۡ عِبَادِ ۝١٧ ٱلَّذِينَ يَسۡتَمِعُونَ ٱلۡقَوۡلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحۡسَنَهُۥٓۚ ۝١٨﴾ [الزمر 17-18]

«Пас бандагони маро башорат деҳ, он касоне, ки ба сухан гӯш медиҳанд ва аз беҳтарини он пайравӣ мекунанд»[2].

Роҳнамой бисёр ҷолибест барои касоне, ки дар пайи ҳақ бошанд, ки инсон аз хондан ва шунидан ҳеҷ сухане инкор ва ибо надошта бошад.

Шояд ҳақ дар ҳамон ҷо бошад, ки ӯ майли шуниданашро надорад, шояд касоне, ки

[1] : Сураи Ғошия 3-4
[2] : Сураи Зумар 17-18

нафъашонро дар дӯр нигоҳ доштани мардум аз дониш ва таҳқиқ мебинанд, нагузоранд, ки касе таҳқиқ кунад, аммо инсони ҳақҷӯ ва ҳақ талаб ва ташнаи ҳақиқату дилсӯз ба оянда ҳамеша дар талош аст.

Агар шубҳае, нуқтаи заъфе эҳсос кард, онро зер намезанад, балки фавран таҳқиқ мекунад, дидгоҳи мухолифро мехонад, ҷавоби ишколашро пайдо мекунад ва аз нишастан бо ҳеҷ кас ва шунидани дидгоҳҳои дигарон тарс ва ҳаросе надорад.

Аз Худованди ҳодӣ оҷизона хосторем, ки ҳамаи моро бо роҳи рост ҳидоят кунад ва ҳақро он гуна, ки ҳаст ва сабаби саъодат ва растагорӣ мешавад, ба мо бинмояд ва тавфиқи пазириш ва пайравӣ иноят фармояд, омин.

Тазаккури ин нукта лозим аст, ки ҳавошии китобро лозим дидем ҷудогона дар охири китоб биёварем ва онро андаке хулоса намуда, барояш сарлавҳа муносибе интихоб кунем, то хонандаро хаста накунад ва ҳамчунин сарлавҳа соири матолиби китоб, тибқи маъмул аз мутарҷим аст.

Муҳимтарин мавриде, ки дар муқаддима лозим буд, бо он ишора кунам, мавзӯъи "Рофиза"

аст, чун исми китоб чунин аст, лозим буд тавзеҳ дода шавад:

"Замоне, ки Зайд бин Алӣ (р.з) дар Куфа бар зидди ҳукумати Амавӣ қиём намуд, шиъаён дар мавриди шайхайн (Абубакр ва Умар (р.з)) аз вай пурсиданд, аз инҳо табаррӣ (безорӣ) наҷуст, ба хотири ҳамин иддае аз мардуми Куфа аз сипоҳи Зайд хориҷ шуданд. Вай ононро Рофизӣ хитоб намуд"[3].

Бо илтимоси дуои хайр, бародари кучаки шумо,

**Абдуллоҳ Ҳайдарӣ**

Дар моҳи 88 шамсӣ

Мадинаи Мунаввара

---

[3]: Шариф Яҳё Ал-Амин, 120, 119 чопи 1406 ҳиҷрӣ ва Тарихи Табарӣ, ҷилди 5, сафҳаи 165 ва Ал-Уюн Ал-Ҳадоиқ ҷилди 3, сафҳаи 65 ва Комил ибни Асир, ҷилди 5 сафҳаи 86. http://www.shiaslam.blogfa.com.

Бахши аввал

# Бо имом Ҷаъфари Содиқ ошно шавем

**Ному ва насаб**:

Эшон, имом Ҷаъфари бин Муҳаммад бин Алӣ бин Зайнулобидин бин Ҳусайн бин Алӣ бин Абутолиб, писарамаки ҳазарати Расули Акрам (с) ва писари Фотимаи Батул (р.з) духтари гиромии Паёмбар (с) аст. Ин насаби эшон аз тарафи усул буд.

Ва аммо аз тарафи модар: Эшон аз ду ҷиҳат фарзанди Абубакри Сиддиқ (р.з), афзалтарин валии Худо ва Саҳобаи бузургвори Расули Худо (с) аст, лизо имоми Содиқ мефармояд: (ولدني أبو بكر مرتين), яъне Абубакр аз ду тараф ҷадди ман аст.

Бо ин тафсил, ки: Модари эшон, Умми Фарваҳ бинти Қосим бин Муҳаммад бин Абӯбакри Сиддиқ (р.з) аст ва модари эшон –яъне модарбузурги модари эшон- Асмо бинти Абдурраҳмон бин Абӯбакри Сиддиқ (р.з) аст.

Касе, ки насабаш ин гуна бошад, ки аз як тараф фарзанди Паёмбар (с) ва аз тарафи дигар фарзанди Абубакри Сиддиқ (р.з), ҳазрати Сиддиқ аз ду ҷиҳат падари бузурги эшон бошад, бо ин диндорӣ ва тақво ва қаробаташ ба Паёмбар (с) маҳол аст, ки падари бузургашро бад бинад, ё бо ӯ кина дошта бошад, ё ӯро дашном диҳаду лаънат

кунад. Зеро қатъи назар аз дину тақво ва камоли илму дониш ва фазилат ҳатто ахлоқу мурувати Арабият ва бузургворияш ба ӯ иҷозаи чунин ҷасоратеро намедиҳад.

Эшон дар соли 80 қамарӣ дар Мадинаи Мунаввара таваллуд шуд ва дар соли 148 қамарӣ дар синни 68 солагӣ дар Мадинаи Мунаввара чашм аз ҷаҳон фурӯ баст.

**Лақаб**

Имом Ҷаъфар бин Муҳаммад ба "Содиқ" лақаб ёфт ва ин лақаб он қадар барояш ғолиб шуд, ки ҳар гоҳ зикр мешуд, ҷуз эшон дар зеҳни касе бо ҷойи дигаре намерафт.

Иллати шуҳрати эшон ба ин лақаб ин буд, ки эшон дар гуфтору кирдор ва рафтораш содиқ буд, ҷӯз садоқат ва ростӣ аз эшон ҳар гиз дуруғе собит нашуда аст, ба қавли шоир:

بأبيه اقتدي عدى بالكرم

ومن يشبه أباه فما ظلم

"Адий дар саховат ба падараш гаравид ва касе, ки ба падараш шабоҳат дошта бошад, зиёдарӯй накарда аст".

Ва падари эшон содиқтарин инсонҳои дунё буданд. Аз як сӯ Расули Амин (с), ки ҳатто дар миёни кофирону мушрикон ва ба эътирофи онон содиқ ва амонатдор буд ва аз тарафи дигар падари бузургаш, Абубакр, сиддиқи ин уммат, ки Худованди мутаъол дар борааш (дар охири сураи Тавба) чунин нозил фармуданд:

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَكُونُوا۟ مَعَ ٱلصَّـٰدِقِينَ ﴿١١٩﴾﴾ [التوبة 119]

«Эй касоне, ки имон овардед! аз Худо битарсед ва бо ростгӯён бошед» [4].

Хулоса эшон ба ин лақаб шуҳрат ёфт ва уламо эшонро ба ҳамин лақаб мешиносанд ва муъаррифӣ мекунанд. Аз дигар лақабҳои эшон (имом) аст, ки воқеъан шоистагии онро дорад ва ҳаминчунин (фақеҳ) аз лақабҳои дигари эшон аст, аммо чунон чӣ мухолифини эшон муддаъи ҳастанд, эшон маъсум нестанд, зеро худи эшон ин чизро аз худ нафй кардааст, мақоми исмат ҷуз Паёмбарон (а), ки дар таблиғи рисолаташон ба он ниёз доранд ва Худованд ба онон иноят фармуда, ҳеҷ инсони дигар маъсум нест.

---

[4] : Сураи Тавба 119

## Фарзандон

Имом Ҷаъфари Содиқ (р) фарзандони зиёде ба ҷой гузоштанд:

1: **Исмоил**, ки фарзанди бузургтарин ишон аст ва дар ҳаёти ишон дар соли 138 ҳиҷрӣ вафот намуд ва фарзанде бо номи Муҳаммад бин Исмоил аз  худ ба ҷой гузошт. Муҳаммад фарзанди зиёде дошт, ки ҳар кадоми онон насле ба ҷой гузоштанд.

2. **Абдуллоҳ**, лиҳозо кунияи эшон Абӯ Абдулло аст.

3. **Мусо**, ки ба номи Козим лақаб ёфт. Шиъаёни исноашарӣ ӯро баъд аз падар, имоми ҳафтум медонанд. Аз ҳамин ҷо ихтилоф карданд. Исмоилиҳо фарзанди аввали эшон, Исмоилро имом медонанд ва исноашариҳо Мӯсои Козимро имом гуфтанд.

4. **Исҳоқ**. 5. **Муҳаммад**. 6. **Алӣ**. 7. **Фотима**.

## Муҳимтарин устодон

Имом Ҷаъафаи Содиқ илм ва ҳадисро аз табақаи олӣ аз уламо омухтанд, зеро эшон авохири асри Саҳобаро дарк карданд, монанди Саҳл бин Саъиди Соъидӣ ва Анас бин Молик (р). Аз падарашон Муҳаммад бин Алӣ Боқир ҳам зиёд

ривоят кардаанд. Вафоти эшон тақрибан соли 110 ҳиҷрӣ буд. Аксари ривояти эшон аз тариқи падар аз ҷадаш Ҳусайн бин Алӣ, ё Алӣ бин Абутолиб (р.з) аз Расули Худо (с) аст ва ин ба эътибори санади олитарини ривоёти вай аст ва инҳо беҳтарин намунаи ривоёти писарон аз падар ишон аст.

Аз дигар шайххои имом Содиқ сардори тобиъин, Ато бин Абӯрибоҳ, Муҳаммад бин Шиҳоб Зуҳрӣ, Урва бин Зубайр, Муҳаммад бин Ал-Мункадир, Абдуллоҳ бин Абӯрофеъ, Икрима мавло Ибни Аббос аст. Ҳамчунин аз ҷадаш Қосим бин Муҳаммад бин Абӯбакр низ ривоят кардааст ва аксари шуюхи эшон аз уламои Мадина аст. Ҳамаи инҳо, ки зикр кардем, имомои сиққа, муътабар, диндор, содиқ, одил ва амонатдор ҳастанд. Худованд ҳамашонро раҳмат кунад.

## Боризтарин шогирдон

Касоне, ки аз эшон илм омухтанд, чӣ илми ривоят ва чӣ илми фиқҳ, иддае бузурге аз уламо ва ҳуффози сиққа ва муътамад ҳастанд, ки машҳуртарини онон иборатанд аз: Яҳё бин Саъид Ансорӣ Қаттон, Язид бин Абдулло бин Алҳод Ал-Маданӣ -эшон аз имоми Содиқ дар синн бузуртар

буданд ва даҳ сол пеш аз эшон вафот карданд, Абдулмалик бин Абдулазиз бин Ҷурайҷ, ки ҳамдавраҳои эшон аст, Ибон бин Тағлаб, Аюб Сахтиёнӣ, Абӯамр бин Ал-Ало, Молик бин Анас Ал-Исбаҳӣ (имоми дори ҳиҷрат), Сафён Саврӣ, имоми наққод, Шуъба бин Ҳиҷоҷ, Сафён бин Уяйна, Муҳаммад бин Собит Бунонӣ ва бисёре дигар.

Аз миёни шогирдони, баъзе бештар аз эшон фиқҳ омухт ва бо эшон ҳамнишин буд ва ҳадис ривоят карда аз ин ҷумла имом Молик ва имом Абӯҳанифа (р) ба таври хусус қобили зикр аст.

Тамоми асҳоби сиҳоҳи ситта аз эшон ҳадис нақл кардаанд. Албатта имом Бухорӣ дар саҳеҳ на, балки дар китобҳои дигараш аз эшон ҳадис нақл кардааст. Ба ростӣ, ки эшон имоми содиқ, сиққа ва саддуқ ва имом ва фақеҳ буд. Раҳмати Худо бар ӯ бод.

**Саховат ва карам**

Эшон дар майдони карам ва саховат манзалати фавқулодае доштанд ва ин амр аз эшон ва хонадони саховатманди Нубуват амри аҷибе нест. Ҷадди бузургвори эшон, Расули Худо (с) (ба таъбири ҳадиси шариф) аз бод ҳам саховатмандтар

буданд. Намунаҳои бориз ва бешумори карами он ҳазрат, чӣ дар ғазавот ва чӣ дар мавқеъҳои мухталифи дигар, равшан ва ошкор аст, ба қадре саховат мекарданд ва бо дасти боз медоданд, ки ҳеҷ нигаронӣ ва тарсе аз фақр ва тангдастӣ надоштанд.

Ҳиёҷ бин Бастоми Тамимӣ, шогирди имом Ҷаъфари Содиқ (р) дар бораи соховати эшон чунин мегӯяд:

"كان جعفر بن محمد يطعم حتى لا يبقي لعياله شيء".

"Имом Содиқ (р) ба қадре бо дасти боз ғизо медод, ки барои фарзандони хеш чизе боқӣ намегузошт".

Ва ин бахшиш ва саховати касе аст, ки аз фақр ва тангдастӣ наметарсад. Ривоят шуда, ки вақте аз эшон дар бораи таҳрими рибо пурсида шуд, фармуданд:

"لا يتمانع الناس المعروف".

"Ангезаи ҳаром шудани рибо инаст, то ин ки мардум аз кори хайр боз наистанд". Ин далолат бар саховат ва итминони нафс мекунад.

Мегӯянд, ки эшон гоҳе бо хотири ин, ки сулҳ байни мардум барқарор шавад, хозир мешуд аз ҷайби худаш хасорати ононро таҳаммул кунад.

Ҳамчунин гуфта мешавад, ки эшон дар инфоқ ва харҷ кардани махфиёна мушобаҳати зиёде ба ҷаддаш имом Зайнулобидин Алӣ бин Ҳусайн (р) дошт. Одати эшон чунин буд, ки дар торикии шаб боре аз нон ва гушту пул бар дӯш мегузошт ва бар фуқаро ва байни мустамандони Мадина тақсим мекард.

Ин одат ҳамчунон идома дошт, то ин ки вафот намуд ва мардум замоне фаҳмиданд, ки мустамандон дар монданд ва касе набуд, ки ниёзашонро бароварад.

Пас Худованд раҳмат кунад эшонро. Умедворам Худованд эшонро дар зумраи касоне ба ҳисоб оварад, ки дар бораи эшон фармуда:

﴿وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفۡسِهِۦ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ٩﴾ [الحشر 9]

«Ва онон, ки аз бахилии худ дар амон монда бошанд, наҷотёфтагонанд!».

## Ҳикмат ва дониши вофир

Касоне, ки зиндгиномаи имом Содиқ (р)-ро навиштаанд, аз ҳикмат ва ҳозирҷавобии эшон ба касрати сухан гуфтаанд, ҳозирҷавобӣ дар баробари пурсишҳои душвор ва печида, ки воқеъан ин

ҳозирҷавобиҳо бар илму дониши густарда ва фаҳми амиқ ва дурраси эшон далолат мекунад.

Ҳамчунин ин далолат бар ин дорад, ки Худованди мутаъол ба эшон дарки сареъ ва забони фасеҳ, иноят фармуда, ки битавонад ҷомеътарин маъониро таъбир кунад ва фиқҳ ва бинише, ки мақосид ва асрори шариътро дарк кунад.

Шогирди эшон Сафён бин Уяйна мегӯяд:

Дар мавсими Ҳаҷ ба Макка омада дидам Абӯ Абдулло Ҷаъфар бин Муҳаммад, шутурро дар Абтаҳ хобонида, гуфт: "Эй писари Расули Худо! Чаро мавқиф (ҷойи истодан дар Арафон) пушти Ҳарам қарор гирифт ва на дохили Машъарул-ҳаром?", фармуд: "Каъба хонаи Худост, Ҳарам пардаи он ва (мавқиф) дарвозаи онаст". Вақте, ки озимини Ҳаҷ ба қасди зиёрати Каъба омаданд, аввал ононро дами дарвоза нигоҳ дошт, то ин ки зорӣ ва тазарруъ кунанд, вақте иҷозаи вуруд ба онон дод, андаке ба дарвозаи дуввум наздикашон кард, яъне Муздалифа. Вақте касрати зорӣ ва тазурруъи ононро дид, раҳмаш омад, вақте ба онон раҳм кард, дастӯр дод қурбониашонро тақдим кунанд. Вақте қурбониашонро тақдим карданд ва маносикро анҷом доданд ва аз гуноҳоне, ки байн ӯ

Таъоло ва онҳо монеъ буд, пок шуданд, дастур дод покиза ва бо таҳорат Хонаашро зиёрат кунанд.

Пурсид: Чаро рӯза дар айёми ташриқ макруҳ аст: фармуд: "Зеро онон дар ин рӯзҳо меҳмони Худоянд ва барои меҳмон шоиста нест, ки дар хонаи мизбон рӯза бигирад.

Абӯнаъим дар Ҳуллия бо санади худаш то Аҳмад бин Амр бин Муқаддами Розӣ ривоят мекунад, ки фармуданд: Бар сурати Мансур халифаи Аббосӣ магасе нишаст, онро киш кард ва ронд. Ду бора омад, дубора ронд, хеле азияташ кард. Имом Ҷаъфари Содиқ ворид шуд, Мансур гуфт: Эй Абӯ Абдулло! Худованд магасро чаро офаридааст? Фармуд: то ба василаи он ситамгоронро хор кунад.

Шогирди эшон, Ойиз бин Ҳабиб ривоят мекунад, ки имом Ҷаъфари Содиқ фармуданд: "

"لا زاد أفضل من التقوى ولا شيء أحسن من الصمت ولا عدو أضر من الجهل ولا داء أدوأ من الكذب".

"Ҳеҷ тушае беҳтар аз тақво нест ва ҳеҷ чизе беҳтар аз хомушӣ нест ва ҳеҷ душмане музиртар аз ҷаҳл нест ва ҳеҷ маразе хатарноктар аз дуруғ нест".

Боре имоми Содиқ фарзандаш, Мусо Козимро дошт насиҳат мекард, фармуд: "Фарзанди

азизам! Касе, ки ба қисмат ва тақдираш розӣ бошад бенаёз аст, касе, ки ба доштаи дигарон чашм дузад, аз гуруснагӣ мемирад, касе, ки ба қисмат ва тақдираш розӣ набошад Худовадро дар (қазои) адолаташ мутаҳҳам кардааст, касе, ки айби дигаронро кучак бишморад, айби худаш дар назараш бузург ҷилва мекунад, касе, ки пардапӯшии дигароро накунад, айбҳояш ошкор хоҳад шуд, касе ки шамшери бағоват ва шуриш бикашад, бо он кушта хоҳад шуд ва касе, ки барои бародараш чоҳе биканад, Худованд худ ӯро дар он сарнагун мекунад, касе, ки бо аблаҳон ҳамнишинӣ кунад, таҳқир мешавад, касе, ки бо Уламо нишасту бархез кунад, мавриди эҳтиром қарор мегирад, касе, ки ба ҷойҳои бар сар занад, мутаҳҳам мешавад.

Эй фарзанди азиз! Мабодо аз дигарор айбҷӯйи кунӣ, ки аз ту айбҷӯйи хоҳад шуд ва мабодо дар корҳои ло яъне дахолат кунӣ, ки ба хотири он залил хоҳӣ шуд.

Эй фарзанди азизам! Ҳақро бигӯ чӣ ба нафъи ту бошад ва чӣ ба зарарат, ки мавриди машварати хешовандонат қарор хоҳӣ гирифт, ҳамвора Қуръонро тиловат кун ва дар нашри Ислом бикуш. Амр ва наҳй аз мункар кун ва бо касоне, ки аз ту

мебуранд, рафту омад дошта бош! Саломро ту оғоз кун, ҳар кас аз ту чизе талабид, бидеҳ ва мабодо хабарчинӣ кунӣ, ки хабарчинӣ дар дилҳо кина мекорад. Мабодо ба айбҳои дигарон машғул шавӣ, ки ҳак касе дигаронро ҳадаф қарор диҳад, худаш ҳадаф қарор мегирад.

Ҳар гоҳ хостӣ саховат кунӣ, аз реша шуруъ кун, ки саховат решаҳое дорад ва решаҳо тана дорад, танаҳо шоха доранд ва шохаҳо мева медиҳанд. Ҳеҷ меваe хуб намешавад, магар дар шохааш ва шоха вуҷуд надорад, магар ба тана ва тана нест аз решаи хуб.

Ба дидани некон бирав ва аз гунаҳкорон дидан макун, ки онҳо ҳамонанди санге ҳастанд, ки аз он об берун намеояд ва дарахте, ки баргҳояш сабз намешаванд ва замине, ки аз он гиёҳ намерӯяд".

Боре асҳоб  пурсиданд: чаро Худованд риборо ҳаром карда аст? Фармуд: "То ин, ки мардум аз кори хайр боз наистанд". Ва ин дар воқеъ дарки амиқи эшон аз мақосиди шариъат буд, ки бо касб ва омухтан хосил намешавад, балки фазл ва лутфи Худованд аст, ки ба ҳар касе аз бандагонаш бехоҳад, мебахшад ва Худованд дорои фазли бузург аст.

Аз дигар посухҳои ҷолиб ва камназири эшон, ки ҳозирҷавобии эшонро бештар ба намоиш

мегузорад, ҷараёнест ки соҳиби "рабиъул-анвор" нақл кардааст, ки: Марде аз имом Содиқ пурсид: далел бар вуҷуди Худованд чист? Ба шарте, ки аз ҷаҳон ва арзу ҷавҳар чизе бароям нагӯйи?!

Ҳазрат пурсиданд: "Оё то кунун дар дарё сафар кардаи? Гуфт: бале. Пурсиданд: гоҳе шуда, ки кишти тӯфоне шуда бошад ва тарсида бошед, ки ғарқ шавед? мегӯяд, бале. Мепурсанд: оё дигар умеде ба наҷоти киштӣ доштед ва оё нохудоён киштиро метавонистанд коре бикунанд? мегӯяд: на! Мепурсад: дар чунин вазъияте оё дар дилат мегӯзашт, ки касе туро наҷот диҳад? Мегӯяд: бале! Мефармояд: ҳамон исмаш Худост, лизо дар китоби маҷидаш мефармояд:

﴿وَإِذَا مَسَّكُمُ ٱلضُّرُّ فِي ٱلۡبَحۡرِ ضَلَّ مَن تَدۡعُونَ إِلَّآ إِيَّاهُۖ ٦٧﴾ [الإسراء 67]

«Чун дар дарё зараре ба шумо расад, ҷуз ӯ (Худованд) ҳар касро, ки ба дуо мехонед, нопадид гардад»[1].

﴿وَمَا بِكُم مِّن نِّعۡمَةٖ فَمِنَ ٱللَّهِۖ ثُمَّ إِذَا مَسَّكُمُ ٱلضُّرُّ فَإِلَيۡهِ تَجۡـَٔرُونَ ٥٣﴾

«Ҳар он чӣ аз неъмат доред, аз ҷониби Худованд аст, сипас чун ранҷе ба шумо расад, онгоҳ ба даргоҳи ӯ менолид»[2]

---

[1] : Сураи Исро 67
[2] : Сураи Нахл 53

Лизо имом Абӯҳанифа (р) мефармояд: "Фақеҳтар аз Ҷаъфар бин Муҳаммад надидааст".

**Шахсият**

Худованди мутаъол ба имом Содиқ дар канори тавозуъ ва ахлоқи накуйи эшон, виқор ва сангинии хосе инояти фармуда буд, ки бузургтарин ҳокими рӯйи замин дар замони худаш, яъне Абӯҷаъфари Мансур, халифаи Аббосӣ дар баробари эшон таслим буд.

Чунон, ки имом Шамсиддини Заҳабӣ бо санади худаш то Фазл бин Рабиъ аз падараш ривоят мекунад, ки фармуд: "Мансӯр маро фаро хонд ва гуфт: Ҷаъфар бин Муҳаммад қудрати моро ба бозӣ гирифта аст, Худованд маро бикушад агар ӯро накушам! Наздаш омадам ва гуфтам: Амирулмӯминин аз шумо хоста, ки пеши ӯ биравӣ! Эшон дӯш гирифт ва либос пушид (ба гумонам гуфт: либоси нав пушид) ӯро овардам ва барояш иҷозаи вуруд хостам, гуфт: биёвар! Худо маро бикушад агар ӯро накушам!.

Вақте, ки доштем ворид мешудем, ба сӯяш нигоҳе кард ва аз ҷояш баланд шуд ва бо гармҷӯшӣ аз ӯ истиқбол кард ва гуфт:

"مرحباً بنقي الساحة البري من الدغل والخيانة أخي وابن عمي"

"Эй пок ва эй пок аз ҳар макру хиёнат, эй бародар ва эй писари амак, хуш омадӣ".

Он гоҳ ӯро канор худ рӯйи тахт нишонд ва холашро пусид, сипас гуфт: чӣ ниёзе дорӣ? Гуфт: "Атои мардуми Макка ва Мадина ба таъхир афтодааст, дастӯр бидеҳ, ки бирасонанд! Гуфт: чашм! Он гоҳ гуфт: канизашро садо кард ва гуфт: Ҳадяро биёвар! Шишаи атри гаронқиматеро овард ва ба эшон дод ва аз ҳам ҷудо шуданд.

Ман дунболи эшон роҳ афтодам ва гуфтам: Эй писари Расули Худо! Вақте ман шуморо овардам, шак надоштам, ки шуморо мекушад, аммо бархурдаш иваз шуд. Ман дидам, шумо ҳангоми вуруд либосҳоятонро ҳаракат медодед, гӯё чизе хондед, чӣ буд? Фармуданд: гуфтам:

"اللّٰهُمَّ احرسني بعينك التي لا تمام، واكنفني بركنك الذي لا يرام، و احفظني بقدرتك علي، ولا تهلكني وأنت رجائي. رب كم من نعمة أنعمت بها علي، قل لك عندها شكري، وكم من بلية ابتليتني بها، قل لها عندك صبري! فيا من قل عند نعمته شكري، فلم يحرمني، ويا من قل عند بلية صبري، فلم يخذلني، ويا من رآني على المعاصي فلم يفضحني، ويا ذا النعم التي لا تحصى أبدا، ويا ذا المعروف الذي ينقطع أبدا، أعني علي ديني بدناي، وعلى آخرتي بتقوى، واحفظنى فيما غلت عنه، ولا تكلني إلى نفسي فيما خطرت. ويا من لا تضره الذنوب، ولا تنقصه

المغفرة اغفرن لي ما لا يضرك و أعطني ما لا ينقصك، يا وهاب أسألك فرحا قريبا، وصبرا جميلا، والعافية من جميع البلايا واشكر العافية".

"Парвардигоро! Маро бо чашми бедори худат, ки намехобад, ҳиросатам кун, дар паноҳи қудрати худат, ки тасхир нопазир аст, ҷоям деҳ, ва бо қудрате, ки бар ман дорӣ ҳифозатам кун! Ҳалокатам макун, ки умеди ман туйи, Парвардигорам! Чӣ қадар бисёранд неъматҳое, ки ту бар ман арзонӣ доштӣ, аммо ман дар қиболи онҳо аз ту шукри андаке ба ҷой овардам ва чӣ қадар зиёданд озмоишоте, ки маро бадонҳо озмудӣ, аммо ман дар баробари онҳо андаке сабр кардам, пас эй зоте, ки бо вуҷуди шукри андакам, маро маҳрӯм надоштӣ ва эй зоте, ки бо вуҷуди камсабрии ман дар ҳангоми мусибат расвоям накардӣ.

Ва эй зоте, ки маро дар ҳолати гуноҳ диди, аммо обрӯямро нарехтӣ ва эй соҳиби неъматҳое, ки ҳар гиз қобили шумориш нест ва эй соҳиби хубиҳое, ки ҳар гиз қатъ намешавад, маро бар дунё бар динам ва бо тақво бар охиратам ёрӣ фармо ва дар он чӣ ман аз ӯ дӯр шудаам хифозатам кун ва ҳар гоҳ эҳсоси хатар кардам, маро ба нафси худам во магузор.

Эй зоте, ки гуноҳон ба ӯ зарар намерасонад ва мағфирату омурзиш кам надорад, он чӣ бароят зарар надорад аз ман биёмуз ва он чӣ аз ту кам намешавад, ба ман бидеҳ, эй ваҳҳоби зиёд бахшоянда аз ту мехоҳам, ки мушкиламро зуд ҳал кунӣ ва ба ман сабри наку иноят фармоӣ, аз тамоми мусибатҳо саломат ва барин саломатӣ тавфиқи шукр кардан иноят кунӣ".

Ин ҳолат ва кайфияте, ки Худованд дили душманашро ба ҷойи кина ва душманӣ пур аз муҳаббат ва дӯстӣ мекунад, лутфк карам ва инояти фавқулодаи Худованди мутаъол бо дӯстонаш аст ва бо таваҷҷуҳ ба масоили душвор ва буғранҷе, ки байни Аббосиҳо ва Алавиҳо вуҷуд дошт, аслан тасаввур намешавад, ки Мансури Аббосӣ аз яке аз бузургони Алавӣ чунин пазирой кунад.

Покаст, Худое, ки дилҳои бандагон (ба таъбири ҳадиси набавӣ) байн ду ангушти било кайфи ӯст, ки ҳар тавр бихоҳад, мечархонад.

## Ситоиши Уламо

Барои бузургворӣ ва шинохти мавзеъи уламо дар қиболи эшон ҳамин қадар кофист бидонед, ки тамоми асҳоби сиҳоҳи ситта аз эшон ҳадис нақл

кардаанд. Албатта имом Бухорӣ на дар саҳеҳ, балки дар китобҳои дигараш аз эшон  ҳадис оварда аст. Лизо Ибни Ҳаҷар дар тарҷумаи ҳоли эшон дар "Тақриб" мефармояд: "Саддӯқ, фақеҳ, имом". (имом ба истилоҳи муҳаддисин ва на Шиъаёни исноашарӣ) уламои илми ҳадис ва наққодони маъруфи ин илми шариф аз эшон бисёр тамҷиду ситоиш карда ва ҳар кас бо алқоб ва авсофе, ки шоистаи мақоми эшон медонистанд, аз эшон таҷлил ба амал овардааст.

Абӯҳотами Розӣ мефармояд: " ثقة لا يسأله عن مثله", чунон, ки дар китоби "ал-ҷарҳ"и эшон омадааст. (2/487) Ҳамчунин имом Шофиъӣ ва Ибни Муъин ва дигарон эшонро тавсиқ карданд. Ибни Ҳиббон мефармояд: "эшон аз бузургони Аҳли байт ва аз обидтарин атбоъи тобиъин ва аз уламои Мадина аст".

Шайхул-ислом Ибни Таймия дар "Минҳоҷусунна" мефармояд: "Ба иттифоқи Аҳли суннат, Ҷаъфар бин Муҳаммад аз айммаи дин аст"[1].

Дар ҷойи дигаре низ мефармояд: "

"وإمامتهم فيما دلت الشريعة على الإئتمام بهم فيه"

[1] : Минҳоҷуссунна 2/245
[2] : Минҳоҷуссунна 4/108-110

"Эшон дар умуре, ки Шариъат далолат бар пайравӣ аз онон дорад, имом ҳастанд".

Вақте аз имом Абӯҳанифа (р) дар бораи эшон пурсида шуд, фармуданд: "Аз Ҷаъфар бин Муҳаммад фақеҳтар надидам".

**Мавқеъи эшон дар қиболи Шайхайн, Абӯбакри Сиддиқ ва Умари Форӯқ (р.з).**

Ҳазрати Абӯбакри Сиддиқ (р.з), ки аз ду тараф падари бузурги эшон аст ва ҳар дуи онон ҳазрати Сиддиқ ва Форуқ, вузарои ҷаддаш ҳазрати Муҳаммад (с) ҳастанд. Эшон ҳар ду бузургворро дӯст медошт ва эҳтиром мекард ва аз онон ба хубӣ ёд менамуд ва касоне, ки бо эшон буғзу кина медошт, бад медид ва бо онон буғз меварзид, лизо бо Рофиза ба хотири мавзеъи хасмонае, ки бо Сиддиқ ва Форуқ (р.з) доштанд, ба шиддат буғз меварзид ва роҳи оштиро бо онон масдуд медиданд.

Абдулҷаббор бин Аббоси Ҳамадонӣ мегӯяд: Ҳангоме, ки мехостем аз Мадина куч кунем, Ҷаъфар бин Муҳаммад назди мо омад ва фармуд: "Иншоаллоҳ шумо аз некони шаҳристон ҳастед, ба онон аз тарафи ман бигӯед:

"من زعم أنى إمام معصوم مفترض الطاعة، فأنا بريء منه ومن زعم أني أبرأ من أبي بكر وعمر، فأنا بريء منه".

"Ҳар касе муътақид бошад, ки ман имоми маъсум ва воҷиби итоъат ҳастам, ман аз ӯ безорам ва ҳар касе муътақид бошад, ки ман аз Абӯбакр ва Умар (р.з) безорӣ меҷӯям, ман аз ӯ безорам".

Ибни Абӯ Амри Аданӣ аз Ҷаъфар бин Муҳаммади Содиқ аз падарашон ривоят мекунад, ки фармуданд:

"آل أبي بكر كانوا يدعون على عهد رسول الله آل رسول الله (ص)"

Дар замони Расули Худо (с) мардум аҳли байти Абӯбакрро низ Аҳли байти Расули Худо (с) мехонанд".

Зуҳайр бин Муъовия мегӯяд: Падарам ба Ҷаъфар бин Муҳаммад гуфт: Ман ҳамсояе дорам, ки муддоъист, шумо аз Абӯбакр ва Умар безорӣ меҷӯйи?!. Имом Содиқ фармуданд: " برئ الله من جارك". "Худованд аз ҳамсоят безор бод".

"والله إني لأرجو أن ينفعني الله بقرابتي من أبي بكر ولقد اشتكيت شكاية فأوصيت إلى خالي عبدالرحمن بن القاسم".

"Ба Худо савганд, ман умедворам Худованд ба хотири қаробатам бо Абӯбакр ба ман нафъе бирасонад. Вақте, ки ман мариз шудам, тағоям

Абдурраҳмон бин Қосимро васиии худ қарор додам".

Муҳаммад бин Фазл аз Солим бин Абуҳафс ривоят мекунад, фармуданд: Аз Абӯҷаъфар ва писараш (имом Содиқ ва имом Боқир (р)) дар бораи Абӯбакр ва Умар пурсидам, фармуд:

"يا سالم! تولهما وأبرأ من عدوهما، فإنهما كانا إمامى هدي".

"Эй Солим! Бо он ду дӯстӣ кун ва аз душманонашон безор бош, зеро ки он ду имоми ҳидоят буданд".

Сипас фармуданд:

"يا سالم! أيسب الرجل جده؟ أبو بكر جدي، لا نالتني شفاعة محمد يوم القيامة إن لم أكن أتولا هما وأبرأ من عدوهما".

"Эй Солим! Оё касе падарбузургашро дашном медиҳад? Абӯбакр падарбузурги ман аст, шафоъати Муҳаммад (с) дар қиёмат насибам нашавад, агар онҳоро дӯст надошта бошам ва аз душманонашон безор набошам".

Ин суханонро имом Содиқ дар ҳузури падари бузургвораш имом Муҳаммад Боқир фармуд ва эшон –бо сукуташон таъйид карданд- ва чизе нагуфтанд.

Ҳафс бин Ғиёс, шогирди имом Содиқ мефармояд: Аз Ҷаъфар бин Муҳаммад шунидам, ки мефармуданд:

"ما أرجو من شفاعة علي شيئا إلا وأنا أرجو من شفاعة أبي بكر مثله، لقد ولدني مرتين".

"Ман ҳамон қадре, ки умедворам шафоъати Алӣ ҳастам, ба шафоъати Абӯбакр низ ҳамон андоза умедворам, Абӯбакр аз ду ҷиҳат ҷадди ман аст".

Шогирди дигари эшон Амр бин Қайс Ал-Малойи мефармояд: Аз Ҷаъфар бин Муҳаммад шунидам, ки мефамуданд:

"برئ الله ممن تبرأ من أبي بكر وعمر".

"Худованд безор бод аз касе, ки аз Абӯбакр ва Умар безорӣ биҷӯяд".

Ва имом Дор Қутнӣ бо санадаш аз Ҳисон бин Садир ривоят мекунад, ки фармуд: Ҳангоме, ки Ҷаъфар бин Муҳаммад дар бораи Абӯбакр ва Умар пурсида шуд, шунидам, ки фармуданд:

"إنك تسألني عن رجلين قد أكلا من ثمار الجنة".

"Ту аз ман дар бораи он ду марде мепурсӣ, ки муддатҳо пеш аз меваи биҳишт хурдаанд".

Субҳоналлоҳ! Хушо ба саъодати онон ва бадо ба ҳоли касоне, ки ба дуруғ даъво мекунанд, дӯстдори Аҳли байтанд.

Ин нусус аз имом Ҷаъфари Содиқ (р) дар бораи муҳаббати Шайхайн ва дӯстӣ бо онон сареҳ ва ошкор аст ва мақому манзалати эшонро назди Худованд боло мебарад ва эшонро ба Худованд наздик мекунад. Ҳамчунон, ки далолати сареҳ ва ошкор бар буғз ва адовату нафрин ва инзиҷори эшон аз душманони Саҳоба, ба хусус он бузургони баргузида дорад.

Муҳимтар аз ҳама ин, ки худи имом Содиқ барои он ду Халифаи рошид, Сиддиқи акбар ва Форуқи аъзам, ду ёр ва мунису ғамхори ҳазрати Фахри Расулон ва тоҷи Анбиё ва Расулон ва Афзали Паёмбарон ва Фariштагон ва ду ходим ва мухлиси Ислом ва Қуръон ва дини хотам (Худованд аз онон розӣ бод) муждаи биҳиштӣ будан медиҳад.

Бахши дуввум

# Матни мунозараи имом Ҷаъфари Содиқ бо як Рофизӣ

Ба номи Худованди бахшанда ва меҳрубон

Парвардигоро! Кумак кун.

Шайх, фақеҳ, Абӯлқосим Абдурраҳмон бин Муҳаммад бин Саъид Ансорӣ Бухорӣ дар ҳоле, ки ман дар соли 435 ҳиҷрӣ -дар Маккаи Мукаррамма-(Худованд ҳифозаташ кунад) бар ӯ мехондам, барояҳадисе гуфт:

Фармуд: Абӯ Муҳаммад Абдулло бин Мусофир ба ман хабар дода фармуд: Абӯбакр бин Умар бин Халаф Ҳамадонӣ ба ман хабар дода фармуд: Абӯлҳасан Аҳмад бин Муҳаммад бин Бозмаҳ ба ман ҳадис гуфт, фармуд: Абӯлҳасан бин Алӣ Танофисӣ ба ман ҳадис гуфт: фармуд: Халаф бин Муҳаммад Қатвонӣ ба ман ҳадис гуфт, фармуд: Алӣ бин Солиҳ ба ман ҳадис гуфт, фармуд: марде аз Рофиза назди Ҷаъфар бин Муҳаммад Содиқ (алайҳиссалом) омад ва гуфт: Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу! Ҷавоби саломашро дод, мард гуфт:

1. Эй писари Расули Худо (с) баъд аз Расули Худо (с) беҳтарин мардум кист? Ҷаъфари Содиқ фармуд: "Абӯбакри Сиддиқ (р.з)" гуфт: далели ин амр чист: фармуд: иршоди Худованд Азза ва Ҷалла:

﴿إِلَّا تَنصُرُوهُ فَقَدْ نَصَرَهُ ٱللَّهُ إِذْ أَخْرَجَهُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ ثَانِيَ ٱثْنَيْنِ إِذْ هُمَا فِي ٱلْغَارِ إِذْ يَقُولُ لِصَٰحِبِهِۦ لَا تَحْزَنْ إِنَّ ٱللَّهَ مَعَنَاۖ فَأَنزَلَ ٱللَّهُ سَكِينَتَهُۥ عَلَيْهِ وَأَيَّدَهُۥ بِجُنُودٍ لَّمْ تَرَوْهَا ٤٠﴾

«Агар ӯро (Паёмбар) ёрӣ накунед, дар ҳақиқат Худованд ҳангоме ба ӯ ёрӣ кард, ки кофирон дар ҳоле, ки яке аз ду тан буд (аз Макка) берунаш карданд, ҳаногом, ки дар ғор буданд, он гоҳ, ки ба ёри худ мегӯфт: нигарон мабош, бегумон Худованд бо мост, пас Худованд оромишро бар ӯ нозил кард ва ӯро бо сипоҳиёне, ки онҳоро намедиданд таъйид намуд» [1].

Пас чӣ касе беҳтар аз он ду нафар аст, ки Худованд саввумашон аст? Ва оё ғайр аз Паёмбар (с) касе аз Абӯбакр беҳтар ҳаст?!.

2. Рофизӣ гуфт: Алӣ бин Абӯтолиб (р.з) бидуни нигоронӣ ва нороҳатӣ бар рахти хоби Расули Худо (с) хобид!

Имом Содиқ фармуданд: Абӯбакр низ бидуни нигоронӣ ва нороҳатӣ, бо Паёмбар (с) ҳамроҳ буд.

[1] : Сураи Тавба 40

3. Мард гуфт: Худованд бар хилофи гуфтаи ту мефармояд: Имом гуфт: чӣ мефармояд: гуфт: Худованд мефармояд: ﴿إِذۡ يَقُولُ لِصَٰحِبِهِۦ لَا تَحۡزَنۡ إِنَّ ٱللَّهَ مَعَنَا ٤٠﴾ «он гоҳ, ки ба ёри худ мегуфт: нигарон мабош! Бе гумон Худованд бо мост»[1]. Магар ин тарс ва нороҳатӣ набуд?

Имом Содиқ фармуданд: "На! Зеро ғамгинӣ ғайр аз ҷазаъ ва фазаъ аст. Ғамгинии Абӯбакр аз ин буд, ки мабодо Паёмбар (с) шаҳид шавад ва касе ба дини Худо нагарояд, пас ғамгинӣ ба дини Худо ва бар Паёмбари Худо буд. Ғамгинияш дар бораи худаш набуд, ба далели ин, ки пеш аз сад мартаба мор пояшро зад, уф нагуфт".

4. Рофизӣ гуфт: Худованди мутаъол мефармояд:

﴿إِنَّمَا وَلِيُّكُمُ ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱلَّذِينَ يُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَيُؤۡتُونَ ٱلزَّكَوٰةَ وَهُمۡ رَٰكِعُونَ ٥٥﴾ [المائدة 55]

«Ҷуз ин нест, ки валии шумо Худованд ва Расулаш ва мӯминоне ҳастанд, ки намоз бар пой

[1] : Сураи Тавба 40

медоранд ва онон дар авҷи фурутанӣ закот мепардозанд»[1].

Ин дар бораи Алӣ бин Абӯтолиб нозил шуда ҳангоме, ки ангуштаринашро дар ҳоли рукуъ садақа кард, фармуд: "الحمد لله الذي جعلها في وفي أهل بيتي", яъне, "Худоро сипос, ки ин ифтихорро дар ман ва Аҳли байтам қарор дод".

Имом Содиқ фармуданд: "Ояте, ки пеш аз ин оят дар ҳамин сура аст, аз ин оят муҳимтар аст. Худованди мутаъол мефармояд:

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَن يَرۡتَدَّ مِنكُمۡ عَن دِينِهِۦ فَسَوۡفَ يَأۡتِي ٱللَّهُ بِقَوۡمٖ يُحِبُّهُمۡ وَيُحِبُّونَهُۥٓ﴾ [المائدة54]

«Эй мӯминон! Ҳар кас аз шумо аз динаш бар гардад, бидонад, ки Худованд гуруҳеро дар миён хоҳад овард, ки ононро дӯст медорад ва онон низ ӯро дӯст медоранд»[2].

Баъд аз Расули Худо (с) иртидод сурат гирифт. Арабҳои саҳронишин баъд аз Расули Худо (с) муртад шуданд ва куффор дар Ниҳованд гирд омаданд ва гуфтанд марде, ки мусалмонон ба василаи ӯ пирӯз мешуданд, мурдааст, то ҷое, ки Умар (р.з) фармуд: "Ҳоло намозро аз онон бипазир

---

[1] : Сураи Моида 55

[2] : Сураи Моида 54

ва закотро бо худашон вогузор кун", фармуд: "Агар ресмонеро аз ман боз доранд, ки ба Расули Худо (с) медоданд, ба хотири надодани он ресмон бо онон хоҳам ҷангид ва агар ба теъдод сангҳо ва хору дарахт ва ҷинну инс бар зидди ман нерӯ ҷамъ шавад, ба танҳойи ба ҳамаи онон хоҳам ҷангид". Ин оят дар фазилати Абӯбакр аст".

5. Рофизи гуфт: Худованди мутаъол мефармояд:

﴿ٱلَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمۡوَٰلَهُم بِٱلَّيۡلِ وَٱلنَّهَارِ سِرّٗا وَعَلَانِيَةٗ ﴿٢٧٤﴾ [البقرة274]

«Касоне, ки дар шабу рӯз, пинҳону ошкор молҳои худро нафақа мекунанд»[1], дар бораи Алӣ (р.з) нозил шуда, ки чаҳор динор дошт, як динорашро шаб нафақа кард, як динорашро рӯз нафақа кард, як динорро пинҳонӣ ва як динорро оншкор нафақа кард, лизо ин оят нозил шуд.

Имом Содиқ (р) фармуд: "Барои Абӯбакр беҳтар аз ин оят дар Қуръон вуҷуд дорад. Худованди мутаъол мефармояд: 1) وَاللَّيْلِ إِذَا يَغْشَى, ин қасам аст, "وَالنَّهَارِ إِذَا تَجَلَّى ... وَصَدَّقَ بِالْحُسْنَى ﴾ Абӯбакр فَسَنُيَسِّرُهُ

[1] : Сураи Бақара 274

﴿لِلْيُسْرَى ﴾ Абӯбакр, ﴿ وَسَيُجَنَّبُهَا الْأَتْقَى﴾, **Абӯбакр** الَّذِى يُؤْتِى ﴿مَالَهُ يَتَزَكَّى ﴾ Абӯбакр,

﴿وَمَا لِأَحَدٍ عِنْدَهُ مِنْ نِعْمَةٍ تُجْزَى إِلَّا ابْتِغَاءَ وَجْهِ رَبِّهِ الْأَعْلَى ﴾ وَلَسَوْفَ يَرْضَى ﴾

Абӯбакр чиҳил ҳазор молашро бар Расул Худо (с) харҷ кард, то ин ки аз фақр ибоашро ба дарвеш печид, Ҷибрил (а) фуруд омад ва фармуд: "Худованди Алӣ ва Аъло саломат мерасонад ва мефармояд: аз тарафи ман ба Абӯбакр салом бирасон ва бигӯ дар ин ҳолати фақр аз ман розӣ ҳастӣ ё норозӣ? Фармуд: оё аз Парвардигорам норозӣ мешавам? Ман аз Парвардигорам розиям, ман аз Парвардигорам розиям, ман аз Парвардигорам розиям, Худованд ваъда дода ки ӯро розӣ кунад.

6. Рофизӣ гуфт: Худованди мутаъол мефармояд:

﴿أَجَعَلْتُمْ سِقَايَةَ ٱلْحَآجِّ وَعِمَارَةَ ٱلْمَسْجِدِ ٱلْحَرَامِ كَمَنْ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْآخِرِ وَجَٰهَدَ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ ۚ لَا يَسْتَوُۥنَ عِندَ ٱللَّهِ ۗ وَٱللَّهُ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿١٩﴾﴾

«Оё об додан ба Ҳоҷиён ва обод сохтани Масҷиди ҳаромро монанди кори касе қарор додаед, ки ба Худованд ва рӯзи қиёмат имон оварда ва дар

роҳи Худо ҷиҳод кардааст. Инҳо дар назди Худованд яксон нестанд ва Худованд гуруҳи ситамгоронро ҳидоят намекунад»[1].

Ин дар бораи Алӣ (р.з) нозил шудааст.

Имом Содиқ фармуд: "Абӯбакр низ чунин фазилате дар Қуръон дорад. Худованди мутаъол мефармояд:

﴿ لَا يَسْتَوِى مِنكُم مَّنْ أَنفَقَ مِن قَبْلِ ٱلْفَتْحِ وَقَٰتَلَ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ أَعْظَمُ دَرَجَةً مِّنَ ٱلَّذِينَ أَنفَقُوا۟ مِنۢ بَعْدُ وَقَٰتَلُوا۟ ۚ وَكُلًّا وَعَدَ ٱللَّهُ ٱلْحُسْنَىٰ ۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرٌ ﴿١٠﴾ [الحديد 10]

«Касоне аз шумо пеш аз фатҳи Макка нафақа карданд ва бо кофирон ҷангиданд, бо нафақакунандагон ва ҷиҳодгарони пас аз фатҳ яксон нестанд. Онон дар манзалат аз касоне, ки пас аз фатҳ нафақа карданд ва бо кофирон ҷангиданд, бузургтаранд ва Худованд ба ҳар як аз онон саранҷоми нек ваъда додааст ва Худованд аз он чӣ мекунед бо хабар аст»[2].

Абӯбакр аввалин касе буд, ки молашро барои Расули Худо (с) дар роҳи нусрати дин нафақа кард ва аввалин касе буд, ки ҷангид ва аввалин касе буд,

---

[1] : Сураи Тавба 19

[2] : Сураи Ҳадид 10

ки ҷиҳод кард. Мушрикин омаданд ва Паёмбар (с) чунон заданд, ки Ҳазрат хунолӯд шуданд. Вақте ба Абӯбакр хабар расид, саросема дар кучаҳи Макка медавид ва мегӯфт: "Ҳалокат бод бар шумо! Оё мардеро мекушед, ки мегӯяд: Парвардигорам Аллоҳ аст, дар ҳоле, ки ӯ аз ҷониби Худованд назди шумо омада аст?!", то ин, ки Паёмбар (с) раҳо карданд ва шуруъ ба задани Абӯбакр карданд, он қадар заданд, ки бинияшро дар чеҳрааш шинохта намешуд. Ӯ аввалин касе буд, ки дар роҳи Худо ҷиҳод намуд ва аввалин касе буд, ки дар канори Расули Худо (с) ҷангид ва аввалин касе буд, ки молашро дар роҳи Худо харҷ кард. Паёмбар (с) фармуданд:

«ما نفعني مال كمال أبي بكر».

«Ҳеҷ моле ба андозаи моли Абӯбакр ба ман кумак накард».

7. Рофизӣ фармуд: Алӣ ҳатто ба андозаи чашм ба ҳам задане ҳам ба Худо шарик наовардааст.

Имом Содиқ фармуданд: Худованд чунон ситоише аз Абӯбакр карда, ки ӯро аз ҳар ситоиши дигаре бенаёз мегардонад. Худованди мутаъол мефармояд:

﴿وَٱلَّذِي جَآءَ بِٱلصِّدۡقِ وَصَدَّقَ بِهِۦٓ أُوْلَـٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُتَّقُونَ ٣٣﴾ [الزمر 33]

«Ва касе, ки дини ростинро овард (Муҳаммад (с)) ва тасдиқаш кард (Абӯбакр) онон парҳезгоронанд»[1].

Ҳама ба Паёмбар (с) гуфтанд duruғ мегӯй! Ҷуз Абӯбакр, ки гуфт: " صدقت", рост мегӯй. Лизо ин оят дар бораи Абӯбакр нозил гардид. Ояте, ки хос дар бораи тасдиқ ва бовар аст, пас Абӯбакри Сиддиқи парҳезгор ва покдоман розӣ шуда ва аз ӯ розӣ гардида, одил ва ба сифати адл мавсуф шуда ва бовафост.

8. Рофизӣ гуфт: Ҳубби Алӣ дар китоби Худо фарз аст. Худованди мутаъол мефармояд:

﴿قُل لَّآ أَسۡـَٔلُكُمۡ عَلَيۡهِ أَجۡرًا إِلَّا ٱلۡمَوَدَّةَ فِي ٱلۡقُرۡبَىٰۗ ٢٣﴾ [شورى 23]

«Бигӯ! Бар расонидани он музде аз шумо дархост намекунам, вале бояд дар миёни хешовандон дӯстӣ пеша кунед ва ҳаққи хешовандии маро ба ҷой биёред»[2].

Имом Содиқ фармуданд: "Абӯбакр низ чунин имтиёзе дорад. Худованди мутаъол мефармояд:

[1] : Сураи Зумар 33

[2] : Сураи Шӯро 23

﴿وَٱلَّذِينَ جَآءُو مِنۢ بَعۡدِهِمۡ يَقُولُونَ رَبَّنَا ٱغۡفِرۡ لَنَا وَلِإِخۡوَٰنِنَا ٱلَّذِينَ سَبَقُونَا بِٱلۡإِيمَٰنِ وَلَا تَجۡعَلۡ فِي قُلُوبِنَا غِلّٗا لِّلَّذِينَ ءَامَنُواْ رَبَّنَآ إِنَّكَ رَءُوفٞ رَّحِيمٌ ١٠﴾ [الحشر 10]

«Ва низ касоне, ки пеш аз онҳо омаданд (Ансор) мегӯянд: Парвардигоро! Мо ва он бародаронамонро, ки дар имон оварданд аз мо пешӣ гирифтан ва дар дилҳои мо ҳеҷ кинае дар ҳаққи касоне, ки имон овардаанд, қарор мадеҳ. Парвардигоро! Туи бахшандаи меҳрубон»[1].

Абӯбакр касест, ки дар имон сабқат ҷуст, пас истиғфор ва талаби омурзиш барои ӯ воҷиб ва муҳаббаташ фарз ва буғзу душманӣ бо ӯ куфр аст.

9. Рофизӣ гуфт: Паёмбар (с) фармудаанд: «الحسن والحسين سيدا شباب أهل الجنة وأبوهما خير منهما»

«Ҳасан ва Ҳусайн сардори ҷавонони биҳиштанд ва падарашон аз онон беҳтараст».

Имом Содиқ фармуданд: Абӯбакр дар пешгоҳи Худованд имтиёзи беҳтар аз ин дорад. Падарам аз ҷаддам аз Алӣ бин Абӯтолиб (р.з) ривоят мекунад,ки фармуд: Хидмати Паёмбари Худо (с) будам ҳеҷ каси дигаре ҷуз ман набуд, ки

---

[1] : Сураи Ҳашр 10

дидам Абӯбакр ва Умар (р.з) зоҳир шуданд. Паёмбар (с) фармуданд:

«يا علي: هذان سيدا كهول أهل الجنة و شبابهما فيما مضى من سالف الدهر في الأولين و مابقي في غابره من الاخرين إلا النبيين و المرسلين لا تخبرهما يا علي ما داما حيين».

«Эй Алӣ! Ин ду сардори пирон ва ҷавонони биҳиштанд. Аз аввали дунё то охири дунё ба ҷуз Паёмбарон ва Расулон. Эй Алӣ! То зинда ҳастанд ба онон хабар надеҳ". Алӣ (р.з) мефармояд: "То фавт накарданд ба ҳеҷ кас нагуфтам»[1].

10. Рофизӣ гуфт: Кадом яке афзал аст, Фотима, духтари Расули Худо (с), ё Ойша, духтари Абӯбакр?

Имом Содиқ фармуданд:

"بسم الله الرحمن الرحيم، "يس وَالْقُرْآنِ الْحَكِيمِ" "حم و الكتاب المبين".

Гуфт: ман аз ту мепурсам, кадом яке афзал аст, Фотима, духтари Паёмбар (с), ё Ойша, духтари Абӯбакр, ту бароям Қуръон мехонӣ?.

Имом Содиқ фармуданд: "Ойша духтари Абӯбакр, ҳамсари Паёмбар (с) ва бо ӯ дар биҳишт аст ва Фотима духтари Расули Худо (с) сардори занони биҳишт аст. Касе, ки бар ҳамсари Расули

[1] : Ривояти Тирмизӣ ва Ибни Моҷҷа

Худо лаънат кунад ва касе, ки духтари Расули Худоро бад бинад, Худованд ӯро хор кунад.

11. Рофизӣ гуфт: Ойша бо ин, ки ҳамсари Паёмбар (с) бо Алӣ ҷангидааст?!

Имом Содиқ фармуданд: "Оре! Ҳалокат бар ту бод! Худованд мефармояд:

﴿وَمَا كَانَ لَكُمۡ أَن تُؤۡذُواْ رَسُولَ ٱللَّهِ ﴾ [الأحزاب 53]

«Ва шуморо насазад, ки Расули Худоро биранҷонед»[1].

12. Рофизӣ гуфт: Оё хилофати Абӯбакр ва Умар ва Усмон ва Алӣ дар Қуръон омада аст?

Имом Содиқ фармуданд: "Бале! Дар Таврот ва Инҷил ҳам омадааст. Худованд мефармояд:

﴿وَهُوَ ٱلَّذِي جَعَلَكُمۡ خَلَٰٓئِفَ ٱلۡأَرۡضِ وَرَفَعَ بَعۡضَكُمۡ فَوۡقَ بَعۡضٖ دَرَجَٰتٖ ﴾ [الأنعام 165]

«Ва ӯ зотест, ки шуморо фармонравоёни замин ва бархе аз шуморо ба маротибе бар бархи дигаре бартарӣ бахшид»[2].

Ва мефармояд:

---

[1] : Сураи Аҳзоб 53

[2] : Сураи Анъом 165

﴿أَمَّن يُجِيبُ ٱلۡمُضۡطَرَّ إِذَا دَعَاهُ وَيَكۡشِفُ ٱلسُّوٓءَ وَيَجۡعَلُكُمۡ خُلَفَآءَ ٱلۡأَرۡضِۗ أَءِلَٰهٞ مَّعَ ٱللَّهِۚ قَلِيلٗا مَّا تَذَكَّرُونَ ٦٢﴾ [النمل 62]

«На, балки (суол инаст) чӣ касе (дуои шахси) дармондаро чун ӯро бихонад, мепазирад ва сахтиро бар медорад ва шуморо ҷонишинони замин қарор медиҳад? Оё бо Худованд маъбуди дигаре ҳаст? Андаке панд мепазиред»[1].

Ва мефармояд:

﴿لَيَسۡتَخۡلِفَنَّهُمۡ فِي ٱلۡأَرۡضِ كَمَا ٱسۡتَخۡلَفَ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡ وَلَيُمَكِّنَنَّ لَهُمۡ دِينَهُمُ ٱلَّذِي ٱرۡتَضَىٰ ٥٥﴾ [النور 55]

«Ваъда додааст, ки бе шак ононро дар ин сарзамин ҷонишин кунад, чунон чӣ касонеро, ки пеш аз онон буданд, ҷонишин намуд ва он динашонро, ки бар эшон писандида аст, барояшон устувор дорад»[2].

13. Рофизӣ гуфт: Эй писари Расули Худо (с)! Хилофати онон дар куҷои Таврот ва Инҷил аст?

Имом Содиқ фармуд:

---

[1] : Сураи Намл 62
[2] : Сураи Нӯр 55

﴿مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ﴾ (Абӯбакр) ﴿أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ﴾ (Умар)"، ﴿رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ﴾، (Усмон)، ﴿تَرَاهُمْ رُكَّعًا سُجَّدًا يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِنَ اللَّهِ وَرِضْوَانًا﴾ (Алӣ бин Абӯтолиб)، ﴿سِيمَاهُمْ فِي وُجُوهِهِمْ مِنْ أَثَرِ السُّجُودِ﴾ (Асҳоби Муҳаммад (с))"، ﴿ذَلِكَ مَثَلُهُمْ فِي التَّوْرَاةِ وَمَثَلُهُمْ فِي الْإِنْجِيلِ﴾.

«Муҳаммад Расули Худост ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд, бар кофирон сахтгир ва дар миёни худ меҳрубон. Ононро дар ҳоли рукуъ ва саҷдаҳ мебинӣ, ки аз Худованд фазл ва хушнудӣ меҷӯянд. Нишонаи дурусткории онон аз асари саҷда дар чеҳраҳяшон пайдост. Ин авсофи онон дар Таврот ва Инҷил аст, монанди киште, ҳастанд, ки ҷавонаашро баровард, он гоҳ онро тануманд сохт, он гоҳ сутбар шуд, сипас бар соқаҳояш истод. Кишоварзонро шигифтзада месозад то аз дидани онон кофиронро ба хашм оварад. Худованд ба касоне, ки оз онон имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд, омурзиш ва подоши бузурге ваъда додааст».

Гуфт: дар Тавроту Инҷил яъне чӣ?

Фармуд: Муҳаммад Расули Худо (с) аст ва Хулафояш Абӯбакр ва Умар ва Усмон ва Алӣ ҳастанд.

Он гоҳ Имом ба синааш кӯбид ва фармуд: "Ҳалокат бод бар ту! Худованди мутаъол мефармояд:

﴿كَزَرْعٍ أَخْرَجَ شَطْأَهُ فَآزَرَهُ﴾ (Абӯбакр) ﴿فَاسْتَغْلَظَ﴾ (Умар) ، ﴿فَاسْتَوَى عَلَى سُوقِهِ﴾ (Усмон бин Аффон ﴿يُعْجِبُ الزُّرَّاعَ﴾ ،( ﴿لِيَغِيظَ بِهِمُ الْكُفَّارَ﴾ (Алӣ бин Абӯтолиб) ﴿وَعَدَ اللَّهُ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ مِنْهُمْ مَغْفِرَةً وَأَجْرًا عَظِيمًا﴾ (Асҳоби Расули Худо (с) ).

Ҳалокат бод бар ту! Падарам аз Ҷаддам аз Алӣ бин Абӯтолиб ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фармуданд:

«أنا أول من تنشق الأرض عنه ولا فخر و يعطيني الله من الكرامة ما لم يعط نبي قبلي»

«Ман аввалин касе хоҳам буд, ки замин аз рӯйи ӯ шақ мешавад, фахр намекунам ва Худованд иззат ва каромате ба ман хоҳад дод, ки ба ҳеҷ Паёмбаре пеш аз ман надодааст».

Сипас нидо мекунад, ки Хулафои баъд аз худатро наздик кун, мегӯям: Парвардигорам! Кист Хулафо? Мефармояд: Абдулло бин Усмон, яъне Абӯбакри Сиддиқ. Пас аввалин касе, ки баъд аз ман замин аз рӯйи ӯ шақ (пора) мешавад Абӯбакр аст. Дастур мешавад, ки пеши Худо биистад. Бо андак

ҳисобе муҳосиба мешавад, он гоҳ ду ҷомаи сабз пушонда мешавад. Он гоҳ дастӯр мерасад, ки пеши арш биистад.

Сипас нидокунандае нидо мекунад! Умар бин Хаттоб куҷост? Умар дар ҳоле, ки хун аз раги гарданаш фаввора мекунад, ҳозир мешавад, мепурсад: чӣ касе бо ту чунин карда эй Умар? Арз мекунад: Ғуломи Муғира бини Шуъба (Абӯлулӯи Маҷӯсӣ ба қавли баъзеҳо Бобо Шуҷоъуддин). Дастӯр мерасад, ки пеши Худованд биистад, бо андак ҳисобе муҳосаба мешавад ва ду ҷомаи сабз пушонда мешавад ва дастӯр мерасад, ки пеши арш биистад.

Он гоҳ Усмон бин Аффон оварда мешавад, дар ҳоле, ки хун аз гарданаш фаввора мекунад, пурсида мешавад: чӣ касе бо ту чунин карда арз мекунад: Фулонӣ! Бо андак ҳисобе муҳосаба мешавад ва ду ҷомаи сабз пушонида мешавад. Он гоҳ дастӯр мерасад, пеши арш биистед.

Сипас Алӣ бин Абӯтолиб фаро хонда мешавад, дар ҳоле ҳозир мешавад, ки хун аз гарданаш фаввора мекунад, пурсида мешавад: чӣ касе бо ту чунин карда мегӯяд: Абдурраҳмон бин Мулҷим! дастӯр мерасад пеши Худованд биистад. Бо андак ҳисобе муҳосаба мешавад. Он гоҳ ду

ҷомаи сабз пушонда мешавад ва дастӯр мерасад, ки пеши арш биистад

Мард мегӯяд: Эй писари Расули Худо! Оё дар Қуръон аст?

Имом Содиқ мефармояд: Бале! Худованди мутаъол мефармояд:

﴿ وَجِاْيٓءَ بِٱلنَّبِيِّـۧنَ وَٱلشُّهَدَآءِ وَقُضِيَ بَيۡنَهُم بِٱلۡحَقِّ وَهُمۡ لَا يُظۡلَمُونَ ٦٩ ﴾

[الزمر 69]

«Ва Паёмбарон ва гувоҳон оварда мешаванд ва байни онон ба ҳақ ҳукм мешавад ва онон ситам набинанд»[1], ки мисдоқи аввалашон Абӯбакр ва Умар ва Усмон ва Алӣ ҳастанд.

Рофизӣ мегӯяд: Эй Расули Худо! Оё Худованд тавбаи маро қабул мекунад, ки то кунун байни Абӯбакру Умар ва Усмону Алӣ тафриқа эҷод мекардам?!

Имом Содиқ мефармояд: Бале! Дарвозаи тавба боз аст. Ҳар чӣ метавонӣ барои онон дуо кун ва аммо агар дар ҳоле бимирӣ, ки бо онон мухолиф ҳастӣ ба ғайри фитрати Ислом мурдаи ва аъмоли ҳасанаат, ҳамонанди аъмоли куффор пуч ва беарзиш аст.

---

[1] : Сураи Зумар 69

Мард тавба кард ва аз ақидааш боз гашт ва ба сӯйи Худованд руҷуъ намуд.

Тамом шуд бо ҳамд ва сано ва ситоиши Худованд ва дуруду салом бар Муҳаммад ва Оли ӯ ва Асҳобу Азвоҷи Муҳаммад ба дасти бандаи гунаҳкор ва умедвори бахшиши Худованд, хоиф ва тарснок аз азоби Худованд:

Юсуф бин Муҳаммад бин Юсуф Ҳакорӣ дар моҳи раҷаби соли 669 ҳиҷрӣ қамарӣ. Худованд раҳмат кунад касеро, ки бар ӯ ва волидайн ва соири муслимин дуруд ва раҳмат бифирист.

## Симои ин мунозара

Мунозараи Ҷаъфар бин Муҳаммади Содиқ бо Рофизиро фақеҳ имом, олим, Маҷдуддин Алӣ бин Абӯбакр бин Муҳаммад Ҳаккории Шофиъӣ, ки Худованд бо ҳифз ва инояти худаш ӯро ҳифозат кунад ва ба ӯ илм ва амал иноят кунад ва дар як маҷлис назди ман хонд. Ин рӯз мусодиф буд бо 16 моҳи шаввол соли 669 ҳиҷрӣ қамарӣ. Валҳамду лиллоҳи ваҳдаҳу ва саллаллоҳу ало Муҳаммадин ва Олиҳи ва Асҳобиҳи.

Навишта шуда ба дасти фақир ба боргоҳи Мутаъол Юсуф бин Муҳаммад бин Юсуф. Ҳамди бар Худо ва дуруду салом бар Паёмбар ва Оли ӯ.

## Бахши саввум:

## **Замимаи аввал:**

## **Хасоиси Абӯбакри Сиддиқ (р.з)**

## Вижагиҳои Абӯбакри Сиддиқ (р.з)

Ин маҷмуъае аз фазоил аст, ки ба Абӯбакри Сиддиқ, Абдулло бин Усмон, Абӯқаҳҳофа Таймӣ, Саҳобии Расули Худо (с) ихтисос дорад, чунон чӣ Муҳибби Табарӣ онро дар китоби (Ал-Риёзу ал-назраҳ) дар маноқиби Абӯбакри Сиддиқ зикр карда, ки аз он ҷо хулосааш кардаам. Далоил ва шавоҳидаш аз нусус бо тахриҷи он дар он ҷо сабт аст. Ба ихтисор чунин аст:

1: Ихтисоси Абӯбакри Сиддиқ ба суҳбати Расули Худо (с) дар ғор ва ӯнс гирифтани Ҳазраташ ба вай.

2. Ихтисоси Сиддиқ ба сабқат ҷустан ба Ислом ва сабқат гирифтанаш ба духули биҳишт.

3. Ихтисоси Сиддиқ ба исботи аҳлият ва шоистагии дӯстӣ бо Расули Худо (с).

4. Ихтисоси Сиддиқ ба ухуват ва суҳбати Расули Худо (с).

5. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки вай аз маъмунтарин ва мутмаъинтарин мардум дар мол ва суҳбаташ ба Расули Худо (с) аст.

6. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки моли ҳеҷ кас ба андозаи моли Абӯбакр ба Расули Худо (с) кумак накардааст.

7. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки подоши заҳамоти эшонро Худованд худаш аз тарафи Паёмбар (с) адо мегардонад.

8. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки вай маҳбубтарин мардони дар назди Расули Худо (с) аст.

9. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки вай афзалтарин ва беҳтарин фарди уммат аст.

10. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки сардори пирамардони Араб аст.

11. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки шуҷоътарин мардум аст, чӣ канори Расули Худо (с) ва чӣ баъд аз вафоти эшон.

12. Ихтисоси Сиддиқ ба фаҳми манзури Расули Худо (с) ва огоҳ шудани аз он, ки ҳеҷ каси дигар чунин набуд.

13. Ихтисоси Сиддиқ ба фатво дар ҳузури Расули Худо (с).

14. Ихтисоси Сиддиқ ба шӯро дар ҳузури Расули Худо (с) ва пазируфтани машварати вай аз сӯйи Ҳазрат.

15. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки Расули Худо (с) гоҳе шабро ба хотири машварат дар умури муслимин дар манзили эшон мегузаронданд.

16. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки вай аввалин касе буд, ки Қуръонро ҷамъоварӣ намуд.

17. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки вай аввалин касе буд, ки дар соли нуҳум ба дастури Расули Худо (с) ва дар ҳаёти эшон Ҳаҷро барои мусалмонон барпо дошт.

18. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки вай аввалин касе хоҳад буд, ки баъд аз Паёмбар (с) дар рӯзи қиёмат замин аз рӯйи вай шақ мешавад.

19. Ихтисоси вай ба ин, ки вай аввалин касе аст, ки бар сари Ҳавзи Паёмбар (с) хоҳад омад.

20. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки ваай танҳо касе аст, ки дар рӯзи қиёмат ба танҳои муҳосаба мешавад ва дар пеши уммат.

21. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки вай дар рӯзи ҳашр байни Иброҳими Халил (а) ва Муҳаммад (с) хоҳад истод.

22. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки Худованд дар рӯзи қиёмат аз миёни тамоми мӯминон барои вай ҷудогона таҷаллӣ мекунад.

23. Ихтисоси вай ба ин, ки ғайр аз эшон каси дигаре садои пойи Ҷибрил (а) ро ҳангоми овардани ваҳй нашунидааст.

24. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки ишора ба исми эшон дар канори  исми гиромии Паёмбар (с) шуда аст. (ишора ба ояти 40 сураи Тавба аст:

﴿إِذۡ يَقُولُ لِصَٰحِبِهِۦ لَا تَحۡزَنۡ إِنَّ ٱللَّهَ مَعَنَاۖ ٤٠﴾

25. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки Паёмбар (с) дар ҳаёташон вайро дар Ҳаҷ имом таъйин кард.

26. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки Паёмбар (с) дар ҳаёташон вайро барои имомати намози ҷамоъат бар Саҳоба (р.з) таъйин карданд.

27. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки Паёмбар (с) пушти сарашон намоз хондаанд.

28. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, Ки Расули Худо (с) масоили баъд аз вафоташонро ба вай муҳаввил карданд, зеро ки баъд аз вафоти эшон зимоми умурро эшон ба даст гирифт.

29. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки Расули Худо (с) мехостанд эшонро барои Хилофат баъд аз худ таъйин кунанд, аммо бар асари ихтилофе, ки дар ҳузурашон пеш омад, мунсариф шуданд.

30. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки эшон дар як рӯз чандин амали нек анҷом медод.

31. Ихтисоси Сиддик ба ин, ки аз миёни Саҳоба фақат барои эшон ба унвони халифаи Расули Худо (с) дуо шуда аст.

32. Ихтисоси Сиддик ба ин, ки вай ҳам барои худи Расули Худо (с) дар намоз имом буда ва ҳам барои духтарашон Фотима (р.з).

33. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки вай чандин оят аз Қуръони карим дар бораи эшон нозил шуда аст.

34. Ихтисоси Сиддик ба ин, ки вай дар роҳи нусрат ва тасалии Расули Худо (с) аз ҷону моли худ дареғ накарда ва ин, ки бар дарвозаи дили вай ба гувоҳии худи Расули Худо (с) торикӣ роҳ надорад.

35. Ихтисоси Сиддиқ ба ин, ки вай ба навиштани бақияи шире, ки Расули Худ нушида буданд дар хобе, ки дида буданд.

36. Ихтисоси Сиддик ба ин, ки вай муқовимат дар баробари муртидин ва исрор ба ҷанг бо онҳо ва ин, ки онон ба хотири надодани закот ва лав ин, ки ресмоне бошад, муртад ҳастанд.

37. Ихтисоси Сиддик ба ин, ки Паёмбар (с) дар марази вафоташ вайро имоми ҷамоъат таъйин карданд, ки ишора ба имомати узмои эшон буд.

Хасоиси дигаре низ эҳтимолан ҳаст, ки касе таваҷҷуҳ накарда бо ин ёдоварӣ, ки ҳар кадом аз Хулофо хасоиси дигаре доранд, ки мунҳасир ба фард аст. Аммо ба ҳеҷ унвон бо фазоили хасоиси Абӯбакр (р.з) рақобат намекунад. Худованд аз ҳамаи онон розӣ ва хушнӯд бод.

# Бахши чаҳорум

# **Замимаи дуввум: Дар бораи махтут**

**Аввал: Исми махтут**

Барои ин махтут сето исм зикр шудааст:

1. Бар рӯйи нусхаи туркӣ навишта шуда:

«هذه مناظرة جعفر بن محمد الصادق (ر) مع الرافضي»

Дар охири симоъ низ ҳамин исм омадааст.

2. Ва бар рӯйи нусхаи Зоҳирӣ навишта шуда:

«ذكر مناظرة الصادق أبي عبد الله جعفر بن محمد بن علي بن الحسين بن علي بن أبي طالب (ر) لبعض الشيعة في تفضيل بين أبي بكر وعلي (ر)»

3. Ва дар бахши сабти осори имом Содиқ дар таърихи Туроси Арабӣ чунин омадааст:

«مناظرة الصادق في التفضيل بين أبي بكر وعلي»

Бо таваҷҷуҳ ба муҳтавои мунозара ва ба муносибати ихтисори исми китоб, тарҷеҳ додам, ин исмро интихоб кунам:

«مناظرة جعفر بن محمد الصادق مع الرافضي في التفضيل بين أبي بكر وعلي-رضي الله عنهما»

Зеро исмҳое, ки бар рӯйи махтутот навишта шуда, иҷтиҳодӣ навишта шуда, худи имом Содиқ исме борои мунозара интихоб накардаанд.

## Дуввум: Нисбати мунозара ба имом Ҷаъфари Содиқ (р).

Ин масъал муҳимтарин бахши таҳқиқ аст, лизо арз мекунам, ки:

Наздиктарин касе, ки мунозараро ба имом Ҷаъфари Содиқ нисбат дода, ду нафаранд:

Яке Брукламон дар Тарихи адаби Арабӣ.

Ва дигаре дуктур Фуод Сизгин дар Таърихи туроси Арабӣ, ки кори худашро ба масобаи нақде бар авҳоми Брукламон навиштааст.

Чунон чӣ дар 2/271 омада аст дар зайли шумораи 12, осори имом Содиқ (р) онро дарҷ карда аст.

Ва мегӯяд: Ва Абӯлқосим Абдурраҳмон бин Муҳаммад Ансорii Бухорӣ онро таҳзиб кардааст.

мегӯям: Ин дуруст нест, зеро Абӯлқосими Ансори онро таҳзиб накарда, балки ҳамчунон, ки дар иснод мулоҳаза мекунед, бо иснoди худаш онро нақл кардааст.

Ва ҷиҳати дигари мунозара ба василаи асониде, ки бар ҷилди махтутот навишта шуда, ба имом Ҷаъфари Содиқ (р) нисбат дода мешавад ва ҳамчунин дар аввали мунозара дар ҳар ду нусха ва иснoди саввумӣ, ки охирин варақ аз нусхаи

Зоҳирия омада, пайрави иснод аст, ки қабл аз он дар аввали мунозара зикр аст.

Ва аз ҷиҳати саввум, ин мунозара василаи симоъот ва қаророте собит мегардад, ки дар аввал ва охири мунозара сабт шудааст, ки теъдоди он беш аз нӯҳ симоъ ва иҷоза аз айммаи бузург ва ҳуффоз ва мусаннидин аст. Машҳуртарини онон, ки мадори тамоми симоъот аз пойинтарин санад бар он мечархад, хофиз Зиёуддин Муҳаммад бин Абдулвоҳиди Мақдисӣ, соҳиби "ал-мухтор" аст, ки ҳамин яке кофист.

Ва ҳамчунин китоби нусхаи туркӣ, ки аз уламост, бо иноят ва таваҷҷуҳ ба нусхаи Зоҳирия аз ноҳияи нақли он аз нусхаи аслӣ ва муқобала ва муқоранаи он бар нусхаи аслӣ ва мушаххас кардани фарқҳо ва тасҳеҳоте, ки дар ҳавошӣ нигошта аст.

Ҳамаи ин далоил ва қароин мушаххас мекунад, ки (бино ба гумони ғолиб) мунозара аз эшон аст, камо ин, ки уламои мазкур ба он ва забти он бар ин амр таъкид мегузоранд.

Ва ин амр аз манҳаҷи имом Содиқ ва ақида ва иродати эшонр нисбат ба Ҷаддаш, Абӯбакри Сиддиқ чизи баъид нест ва ҷойи таъаҷҷуб надорад, ки эшон биёяд ҳазрати Сиддиқро бар Алӣ (р.з)

фазилат диҳад, зеро манҳаҷ ва дидгоҳи умуми уламо ҳамин аст ва онон бар ин амр иҷмоъ кардаанд ва ҳамин аст, ки ҳамвора ва ба ҳар муносибате аз забони аиммаи Аҳли байт шунида мешудааст, ки ин мунозара як намунаи он аст.

Ва аммо равиши ихтисор дар мунозара ва гоҳе ҷавоб надодан ба баъзе суолот дар мунозара амри табиъиаст, ки зоҳиран маҳсус мешавад.

## Саввум: Тавсифи нусхаҳои хаттӣ

Ин мунозараи имом Ҷаъфари Содиқ бо Рофизӣ ду нусхаи ҷолиб ва нафис дорад, ки:

1. **Нусхаи Туркия**, ки дар хазонаи шаҳид Алӣ Бошо дар Истанбул ҷуъи маҷмӯъаи шумораи 2764 қарор гирифта аст.

Дар ин маҷмӯъа чандин рисола дар мавзуъи ақдида ва ҳадис вуҷуд дорад. Ин рисола шумораи ёздаҳумро ба худ ихтисос дода, ки аз сафҳаи 152 то 157 аст.

Яъне дар даҳ сафҳа воқеъ шуда, ки ҳар сафҳа чаҳордаҳ сатр аст ва ҳар сатре ба таври мутавассит 15 калима дорад, чунон, ки дар шиносномаи махтут зикр гардида. Ин нусха дар соли 669 ҳиҷрӣ ба

қалами шайх Юсуф бин Муҳаммад бин Муҳаммад бин Юсуф Ҳаккорӣ навишта шуда аст.

Котиб онро қалам насхе навишта ва дар баъзе калимот бо ҳаракоте, ки бо он нутқ ва талаффуз мешавад, монанди ташдид ва мад ва зеру забар ва пеш, онро хоно кардааст.

Ва " صلى الله عليه وسلم"-ро бо аломти ихтисор " صلعم" навиштааст, вале ман онро ҷудо ва комил навиштам ва ҳамчунин баъд аз исми Алӣ бин Абӯтолиб ва Ҷаъфари Содиқ калимаи ( عليه السلام) ба кор бурдааст ва исми рисоларо бо қалами дурушт чунин навитааст:

«هذه مناظرة جعفر بن محمد الصادق- رضي الله عنه- مع الرافضي»

Албатта бо ҳаракот ва пойин Муҳаммад бақияи нисбатҳоро навиштааст: Ибни Алӣ Ибни Ҳасан бин Алӣ бин Абӯтолиб чунон ки дар намунаи махтут, ки қабл аз матн қарор дода шуда, мулоҳаза бифармоед.

Ҳамчунин дар охири нусха исми носих (ё котиб) ва таърихи нусхабардорӣ, ё дуо барои худ ва волидайн ва соири муслимин дарҷ гардидааст ва биографияи носихро дар охири махтут иншоаллоҳ мулоҳаза хоҳед кард.

Ва дар он қироъате аз мунозара тавассути яке аз уломо дар ҳамон соле, ки мунозара навишата шуда, дарҷ гардида аст ва қироъат фақат дар як маҷлис будааст, ки таърихи онро чунин нигошта аст: 16/10669 ҳиҷрӣ.

Ва ҳачунин баъзе рисолаҳои дигар бо ихтилофи андаке, ки фақат фарқ дар таърихи қироъати он мулоҳиза мешавад.

Ва аслан дар мунозара ҳамин нусхаи туркӣ муътабар  аст, зеро ибтидо ин нусха буда, нусхаи Зоҳирия баъд аз он омада аст.

2. **Нусхаи Зоҳирия**, ки ҷузъи маҷмуъаи шумораи 111 ва рисолае нуздаҳум аз маҷмуъаҳои он қарор гирифта аст. Ин нусха дар 9 варақ аз лавҳаҳои 227- 235 қарор гирифта аст ва ин аз авқофи мадраса Умария дар Зоҳирия аст. Шумораи махтут дар дорул-кутуби Зоҳирияи умуми 3847 аст. Таърихи насх дар ин нусха мушаххас нест, аммо қадимитарин симоъе, ки дар он дарҷ шуда, моҳи рабиъул-аввали 558 ҳиҷрӣ аст. Аммо хати варақи қадимист, зеро қалами ривоят бо қалами симоъ мутафовит аст.

Ин нусха бо қалами насхи одӣ навишта шуда, баъзе калимоти он зеру забар дорад ва баъзе дигар

на. Камо ин, ки нусха аз баъзе тасҳифот ва нақоис тасҳеҳ шудааст ва дар охири он тасриҳ шудааст, ки бар нусхаи манқул анҳо муқобала шудааст.

Ин нусха муътамад ва мувассақ аст. Аз ҳаракоти қалами носих чунин пайдост. Ҳамчунин бо таваҷҷуҳ ба касрати симоъе, ки дар аввал ва охири ин нусха сабт шудааст, балки ин симоъот дар ду варақ дар дар охири он қарор гирифта аст. Теъдоди ин симоъот ёздаҳ симоъ ва қироъот аст.

Ҳар лавҳа ё варақе аз ин нусха муштамили бар ду сафҳа аст, ки маҷмуъи сафаҳоти он 18 сафҳа аст. Дар ҳар сафҳа 17 сатр ва мутавассити ҳар сатр 11 калима аст.

Исми ин нусха: исми мунозара бар рӯйи ҷилди ин нусха чунин омада аст:

«ذكر مناظره الصادق أبى عبدالله جعفر بن محمد بن علي بن الحسين بن علي بن ابي طالب رضيالله عنهم لبعض الشيعة فى التفضيل بين أبى بكر و علي رضى الله عنهما»

Ва дар болои сафҳа ва васати сатри аввал аз исми китоб муҳри гирде зада, дар васати он навиштааст: "دار الكتب الأهلية الظاهرية".

Ва чанд сатр поёнтар навишта: "وقفُ الشيخ علي الموصلي بسفح قاسيون" ва дар байни он чанд симоъ ва иҷоза аз Юсуф бин Абдулҳодӣ аст.

Дар охири мунозара исми носихи он сабт нашуда аст, вале дар аввали мунозара омадааст, ки аз тарафи шайх Алӣ Мувсилӣ вақф гардида аст ва дар охири симоъҳо дар ду вараќи охир омадааст, ки:

«أن ناقلها جمعها كما وجدها: علي ابن مسعود الموصلي».

Ин ду эҳтимолро мерасонад:

1. Ин, ки мунозара бо таваҷҷуҳ ба симоъоте, ки дар аввал ва охири мунозара дарҷ гардида, носихи он куллан худи шайх Алии Мусилӣ аст.

Аммо ин эҳтимол рад мешавад, зеро қалами мунозара бо қалами вақфкунанда фарқ мекунад, ки бинобарин ин эҳтимоли дигар тақвият мегардад ва он ин, ки:

2. Алӣ бин Масъуд Мувсилӣ ин нусхаро дар ихтиёр дошта, лизо симоъотро барон навитааст. Ин эҳтимол роҷеҳтар аст, зеро қалами Мувсилӣ мушобиҳат ба қалами симоъ ва иҷозаи Юсуф бин Абдулҳодӣ дорад, ки эҳтимолан ҳамаср будаанд.

Ин нусхаи Зоҳирия замоне ба дастам расид, ки таҳқиқи мунозара аз рӯйи нусхаи дуввуми

туркияро тамом карда будам, китобро барои чоп омода карда будам. Аммо баъд аз расидани нусхаи Зоҳирия муносиб дидам, нусхаи аслиро бо он муқобала (муқоиса) кунам, ки шукри Худо дар тавсиқи мунозара аз он истифода кардам, чунон, ки фаққро дар ҳавошӣ нигоштаам.

Ин маҷмуъа куллан 257 сафҳаро дар бар мегирад, ки бо хутути мухталифе навишта шуда, ки дар баъзе маворид носих мушаххас нест. Асмои носихине, ки мушаххас шуда иборатанд аз:

Зиёи Мақдисӣ (вафот 601 ҳиҷрӣ) ва Алӣ бин Солим Арбонӣ Ҳайсинӣ (тарихи насх 650 ҳиҷрӣ), ки сафаҳоташ аз 14 то 26 сатр дорад ва калимоташ аз 8 то 14 калима дар ҳар сатр аст.

### Чаҳорум: Симоъот ва қироъоти мавҷуд бар махтут

Дар аввал ва охири махтут чунин симоъ ва иҷоза ва қироъат зикр шудааст, ки ҳамагӣ ба аҳамият ва таваҷҷуҳи ошкори уламо ба ин мунозара дорад ва ин, ки дар зайл тавсиқоте, ки тавонистаам бихонам биёварам:

1. Алҳамду лиллоҳ, ин мунозараро бо лафзи худам аз ман модарони фарзандонам (.......) Умми

Ҳасан ва Ҷавҳара, Умми Абдулло ва Ҳалва, Умми Ҷувайрияҳ ва Ғазол, Умми Исо шунидаанд... ин симоъ дар рӯзи панҷшанбе 14/5889 ҳиҷрӣ сурат гирифт ва иҷоза додаам ва онро Юсуф бин Абдулҳодӣ навиштааст.

2. Барои касоне, -ки номашон зикр мешавад, ки Худованд ба тоъаташ тавфиқашон бахшад- ривояти ҳар он чӣ аз ман ривояташ бо шарти муътабар дар назди асҳоби ҳадис ҷоиз аст, иҷоза додам, Юсуф бин Ҳиббатуллоҳ бин Муҳаммад бин Туфайл Димишқӣ, рабиъул-аввал 588 ҳиҷрӣ ҳомидан ва мусаллиян бар Набии ӯ Муҳаммад ва тамоми Олаш.

Тамоми мунозараи Ҷаъфар бин Муҳаммад (р) ро бар Шайхул-асл Муъинуддин Абӯ Яъқуб Юсуф бин Ҳиббатуллоҳ бин Туфайл –Худованд умрашро дароз кунад- шунидааст:

Шайх Солиҳ Абӯ Асъад бин Абӯлкарам бин Муҳаммад бин Алӣ бин Мусо Масъӣ Форсӣ Ободӣ Намғула ва Абдуллоҳ бин Иброҳим бин Юсуф Ансорӣ ва ин хаташ аст, дар моҳи рабиъул-охири соли 588 ҳиҷрӣ дар Риботуссуфия дар Қоҳира ва саллаллоҳу ало Муҳаммад ва Олиҳи.

Бо қаламе, ки хаташ мувофиқи хати иҷозаи увло, ки зикраш шуд, се сатр чунин навишта аст:

Онро Юсуф бин Ҳиббатуллоҳ бин Муҳаммад бин Туфайл ал-фақир ило раҳматиллоҳи таъоло тасҳеҳ карда ва навишта аст,... ҳомидан ва мусаллиян ало Набийҳи ва Олиҳи аҷмаъин.

3. Дар охири махтут чунин омада аст: " شاهدت علي الأصل المعارض به هذه النسخة ما مثاله"

Тамоми ин мунозараро писари бародарам, фақеҳ Абӯ Абдулло Муҳаммад бин Абдурраҳмон бин Абдулвоҳид ба Аҳмади Мақдисӣ ва Абдурраҳим бин Алӣ бин Аҳмад бин Абдулвоҳид бин Аҳмад Мақдисӣ ва Алӣ бин Ҳироҷ бин Усмон Мақдисӣ ва Алӣ бин Ал-Ҳақ бин Довуд Ҷазарӣ дар рӯзи душанбе даҳуми аввали моҳи ҷимодул-охири соли 633 ҳиҷрӣ аз ман шунидаанд.

«كتبه محمد بن عبد الواحد بن احمد المقدسي. و الحمد لله وحده و صلي الله علي محمد و آله وسلم».

4. Тамоми ин ҷузро бар имом олим, Зиёуддин Муҳаммад бин Абдулвоҳид бин Аҳмад Мақдисӣ дар рӯзи чаҳоршанбе 20/11/634 ҳиҷрӣ хондам ва онро Муҳаммад бин Умар бин Абдулмалие Даморӣ навиштааст.

5. Тамоми ин ҷузро бо лафзи худам Шайх Муҳаммад бин Солеҳ бин Муҳаммад Нафъӣ ва Умар бин Абӯлфатҳ бин Саъд Димишқӣ ва Шовар

бин Абдулло бин Муҳаммад Мақдисӣ ва Аҳмад бин Абдурраҳмон бин Абӯбакр Мақдисӣ ва Тархон бин Наср бин Тархон Ҳаворонӣ ва Муҳаммад бин Абдулвоҳид бин Аҳмад Мақдисӣ, онро навиштааст.

Валҳмду *лиллоҳи* ваҳдаҳу ва *саллоллоҳу* ало Муҳаммадин ва Олиҳи ва саллам.

6. Тамоми ин ҷузро бар шайх ва сайиди мо имом ҳофиз зобит Зиёуддин Абӯ Абдулло Муҳаммад бин Абдулвоҳид хондам. Бародарам Мусо низ онро шунид ва Исҳоқ бин Иброҳим бин Яҳё онро навишт. Ин дар 13/3/640 буд.

Валҳамду *лиллоҳи* ваҳдаҳу ва *саллаллоҳу* ало сайдино Муҳаммади ва Олиҳи ва саллам.

8. Тамоми ин ҷузро бар шайх имом ҳофиз бақиятул-машоих Зиёуддин Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад бин Абдулвоҳид маддаллоҳу умраҳу, дар рӯзи ҷумъа, даҳаи аввали моҳи ҷимодул-охири соли 643 ҳиҷрӣ хондам. Валҳамду *лиллоҳи* ваҳдаҳу.

Ва дар аввали варақи охири мунозара, ки варақи шумораи 235 аст, навишта аст:

«وصلي الله علي سيدنا محمد و علي آله و سلم تسليما و حسبنا الله و نعم الوكيل، كتبه أبو بكر بن محمد طرخان، حامدا و مصليا علي رسوله و مسلما، نقله اجمع مما وجده علي بن مسعود الموصلي».

"Ин мунозараро аз нусхае, ки дар ин нусха бо он муқоиса шуда, бар шайхайни имомайн, олими зоҳид, обид, Шамсуддин Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад бин Абдурраҳим бин Абдулвоҳид бин Аҳмад бин Абдурраҳмон Мақдисӣ ва муқрий, Зайнудди Абӯбакр Муҳаммад бин Тахон бин Абӯлҳасан бин Абдуллоҳ Димишқӣ хондам бо симоъ ва қироъоте он ду (шайх) бар ҳофиз Зиёуддин Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад бин Абдулвоҳид бин Аҳмад Мақдисӣ, ки мефармояд:

Абӯлҳасан Абдулҳақ бин Абдулхолиқ бин Аҳмад бин Абдулқодир бин Юсуф ба мо хабар дод, ки қозӣ Муҳаммад бин Абдулбоқӣ бин Муҳаммад Ансорӣ дар китобаш бо онон хабар дода аст, ки Абӯ Исҳоқ Иброҳим бин Умар бин Аҳмад Бармакӣ ба онон иҷозаи ривоят додаасн.

Мефармояд: Абӯлфатҳ Юсуф бин Умар бин Сарвар Қаввос, иҷозати ба онон ҳадис гуфтааст, мефармояд: Абӯбакр бин Сиддиқ Муаддаби Исфаҳонӣ мефармояд: Абӯбакр Аҳмад бин Фазлон бин Аббос бин Рошид бин Ҳаммод, мавло Муҳаммад бин Сулаймон бин Алӣ Абдуллоҳ бин Аббос бин Абдулмутталиб ба эшон имло карда мефармояд: Алӣ бин Муҳаммад Киндӣ ба мо ҳадис гуфта мефармояд: Алӣ бин Муҳаммад Тонофусӣ ба

мо ҳадис гуфта мефармояд: Холид бин Муҳаммад Лақтавонӣ ба мо ҳадис гуфта мефармояд: Алӣ бин Солеҳ ба мо ҳадис гуфта мефармояд: Шахсе аз Рофиза назди Ҷаъфар бин Муҳаммад Содиқ (а) омад ва гуфт: السلام عليكم يابن رسول الله و رحمة الله وبركاته, баъд аз Расули Худо (с) беҳтарин мардум кист? Онгоҳ тамоми мунозарaро зикр намуд. Абӯбакр Аҳмад бин Мусмеъи Аввал шунид ва духтари хоҳараш Хадиҷа бинти Абдулҳамид бин Муҳаммад бин Асамро, ки се сола буд, низ бо худ ҳозир кард ва ҳамчунин Аҳмад бин Мусмеъ Сонӣ ва Муҳаммад бин Шайх Тақиюддин Иброҳим бин Алӣ Воситӣ ва Муҳаммад бин Аҳмад бин Абдурраҳмон бин Айёш Саводиюласл онро шунид.

Ин симоъ дар рӯзи душандбе, аввали моҳи Рабиъул-охири соли 674 ҳиҷрӣ дар мадрасаи Зиёфия дар Сафҳи Қосюн Зоҳири Димишқи Маҳсура сурат гирифт ва навишта шуд ва Халил бин Абдулқодир бин Абӯлмаҳорими Суфӣ низ онро бо онон шунид.

«كتبه فقير رحمة الله: علي بن مسعود الموصلي الحلبي عفا الله عنه حامدا لله تعالي علي نعمه مصليا علي نبيه وآله و مسلما»

**Панҷум: Намунаҳои аз ҳар ду нусхаи махтут**

Аз аввал то охир ҳар махтут бо симоъот.

**Шашум: Ин санади нусхаи Зоҳирия аст**, ки дар аввали он ба сабт расидааст.

Шайхи бузургвор ҷалил, Муъинуддин Абӯ Яъқуб Юсуф бин Ҳиббатуллоҳ ибн Маҳмуд Димишқӣ أبقاه الله, ба мо хабар дод, фармуданд: Шайх аҷал, олим, муътамад, Абӯлфараҷ, Абдулхолиқ бин Шайх Зоҳид Абӯлҳасан Аҳмад бин Абдулқодир бин Муҳаммад бин Юсуф Бағдодӣ дар ҳоле, ки барояшон хонда мешуд ва мо мешунидем дар дувоздаҳуми Рабиъул-охири соли 546 ҳиҷрӣ онро таъйид фармуд ва гуфт: ман ин мунозараро бар шайхи солеҳ Абӯнаср Абдурраҳим бин Абдуллоҳ бин Абӯлфазл бин Ҳусайни Яздӣ аз асли симоъаш хондам ва аз он нақл кардам. Ба эшон гуфта шуд: Қозӣ Абӯлҳасан Саъд бин Алӣ бин Биндор (р) дар Шавволи соли 453 ҳиҷрӣ китобатан ба шумо хабар дод ва эшон таъйид намуд, мефармояд: Шайх, фақеҳ Абӯлқосим Абдурраҳмон бин Муҳаммад бин Муҳаммад бин Саъид Ансорӣ Бухорӣ дар сафари Макка дар Зулҳқаъдаи соли 435 ҳмҷрӣ онро

бароямон навишт ва иҷоза дод, фармуд: Абӯ Муҳаммад бин Мусофир онро ба мо хабар додааст.

**Санад ва исми нусхаи Туркия**

«هذه مناظره جعفر بن محمد الصادق رضي الله عنه مع الرافضي تصنيف شيخ و امام ابوالقاسم عبدالرحمن بن محمد انصاري بخاري قدس الله روحه»

Онро фақеҳ Абӯқосим Абдурраҳмон бин Муҳаммад бин Муҳаммад бин Саъид Ансорӣ Бухорӣ дар ҳоле ривоят карда, ки дар Макка – Худованд онро ҳифз кунад- бар ӯ хонда мешуд.

Ба ривояти Шайх, имом Аҷал, Авҳад, Олим, Ақзалқузот, Муҷидуддин Абӯлфатҳ Масъуд бин Ҳусайн бин Саҳл бин Алӣ Биндорӣ Яздӣ.

Ҳошия: Дар кутуби тароҷим кунияи эшон Абӯлҳасан омада: Масъуд бин Ҳусайн бин Саъд бин Биндор Яздӣ Ҳанафӣ Мувсилӣ омада, ки дар соли 571 ҳиҷрӣ дар Мувсил (Ироқ) вафот кард.

Дар мунтазам менависад, эшон дар соли 505 ҳиҷрӣ мутаввалид шуда, фиқҳ омухт ва фатво дод ва ноиби қозӣ шуд ва дар мадрасаи Абӯҳанифа ва мадрасаи Султон тадрис кард, сипас ба Мувсил

рафт, муддате дар онҷо иқомат гузид, ба тадрис ва ниёбати қазо машғул шуд[1].

[1]: Ниго: Зайли Тарихи Бағдод аз ибни Дабисӣ 3/188, шумораи 1191 ва Мунтазам дар ҳаводиси соли вилодат ва вафоти эшон ва Табақоти Сунния, шумораи 2479 ва Тоҷу Тароҷим, шумораи 294

Бахши Панҷум

# Ҳавошии китоб

**Фазоили Абӯбакри Сиддиқ (р.з)**

Ин фармудаи имом Содиқ (р) мавриди иҷмоъ ва иттифоқи назари тамоми Саҳобаи Расули Худо (с) қарор гирифтааст. Ҳам дар ҳаёт ва ҳам пас аз вафоти эшон ва Хулафои Рошидин сипас Аиммаи Тобиъин ва сипас тамоми аҳли қарнҳои муфаззала ва то имрӯз ҳамаи мусалмонон бар ҳамин ақида ҳастанд.

Мустанад ва далели ин амр ҳамон аст, ки имом Содиқ (р) дар ин оят ва дар оёти дигаре аз Қуръони карим зикр кардаанд ва далели он аз Суннат ва ривоёти саҳеҳ бисёр аст, аз ҷумла дар саҳиҳайн аз Абӯ Саъиди Хузрӣ (р.з) нақл шуда, ки фармуда, Паёмбар (с) хутба хонданд ва фармуданд:

«إن الله خيّر عبدا بين الدنيا و بين ما عنده فاختار ذلك العبد ما عند الله»

«Худованд бандаеро байни дунё ва байн он чӣ дар назди ӯст, мухайяр гузошт, он банда он чиро назди Худо буд, интихоб кард».

Ровӣ мегӯяд: Абӯбакр (р.з) бо шунидани ин калимот гирист. Мо таъаҷҷуб кардем, ки Расули Худо (с) аз бандае хабар медиҳанд, ки мухайяр гузошта шуда, гӯё Расули Худо (с) худашро мухайяр гузошта шуда будан ва Абӯбакр (р.з) олимтарини мо буд. Расули Худо (с) фармуданд:

«إن من أمن الناس علي في صحبته و ماله أبوبكر و لو كنت متخذا خليلا غير ربي لاتخذت أبابكر خليلا و لكن أخوة الإسلام و مودته، لا يبقين في المسجد باب إلا سد إلا باب أبي بكر».

«Аз маъмӯнтарин мардум бар ман дар суҳбат ва дар молаш, Абӯбакр аст ва агар қарор буд ғайр аз Парвардигорам халили дигаре интихоб кунам, ҳатман Абӯбакрро интихоб мекардам, бинобарин дӯстӣ ва бародарии Исломӣ боқист, ҷуз дари Абӯбакр ҳеҷ даре дар масҷид боқӣ намонед, магар ин, ки баста шавад».

Ва дар ҳадими Ибни Умар (р.з) омада аст, Ки фармуд: Дар замони Паёмбар (с) байни имтиёз шуморе мекардем. Дар дараҷаи аввал Абӯбакрро қарор медодем, сипас Умар бин Хаттоб ва сипас Усмон бин Аффон (р.з).

Ин ривоятро имом Бухорӣ дар саҳеҳаш нақл кардааст. Ҳамчунин дар Саҳиҳай аз Анас (р.з) омада аст, ки аз Расули Худо пурсида шуд: Шумо чӣ касеро беш аз бақияи мардум дӯст медоред? Фармуданд: "Ойша", пурсида шуд аз мардон? Фармуданд: "Падараш". Ва бидуни шак касеро, ки Расули Худо (с) бештар дӯст дошта бошад, аз ҳама беҳтар аст.

## Аҳли байт ва Абӯбакри Сиддиқ

Ин мавзуъ фақат дар кутуби Аҳли Суннат нест. Аз тариқи Аҳли байт низ ба ҳамин шакл ба исбот расидааст. Балки аз Алӣ (р.з) бо беш аз ҳаштод тариқ бо тавотур собит шуда аст, ки эшон бар минбари Куфа мефармуданд: "Беҳтарини ин Уммат пас аз Паёмбараш Абӯбакр ва сипас Умар аст". Ибни Таймия дар чандин ҷой аз "Минҳоҷуссуна" ин тавотуро бар асоси қоъидаи (التواتر عند أهل الحديث والأصول) нақл кардааст.

Ҳамчунин Муҳаммад бин Ҳанафия, фарзанди Алӣ мефармояд: Аз Амирулмӯминин пурсидам: баъд аз Расули Худо (с) чӣ касе беҳтарин мардум аст? Фармуданд: "Абӯбакр". Гуфтам: баъд аз эшон? Фармуданд: "Умар". Тарсидам, ки бигӯям, Усмон , гуфтам: сипас Шумо! Фармуданд: "Ман як фарде аз мусалмонон беш нестам"[1].

Аз Ҳакам бин Ҷаҳл ривоят шудааст, ки гуфт: Аз Алӣ (р.з) шунидам, ки мефармуд: "

«لا يفضلن أحد على أبي بكر و عمر إلا جلدته حد المفتري».

[1] : Ривояти Бухорӣ

"Мабодо касе маро аз Абӯбакр ва Умар бартар бидонад, ки ӯро ба андозаи як дурӯғгӯ шаллоқ хоҳам зад".

Ин ривоятро имом Аҳмад дар китоби "Фазоили Саҳоба" ва Ибни Абӯ Осим дар китоби "Ал-сунна" овардаанд.

Ва Бин Симмон дар китобаш (байни Аҳли байт ва Саҳоба) нақл мекунад, ки вақте аз имом ЧаъфарИ Содиқ дар бораи Абӯбакр пурсида шуд, фармуд: мепурсед дар бораи Абӯбакр чӣ мегӯям? (ما أقول فيه), ҷуз хайр чизе намегӯям, (لا أقول إلا خيراً). Абӯлҳасан ба ман ҳадис баён кард ва фармуд: аз падарам Алӣ бин Абӯтолиб шунидам, ки мефармуд: Аз Расули Худо (с) шунидаам, ки мефармуданд:

«ما طلعت شمس ولا غربت علي أحد بعد النبيين و المرسلين أفضل من أبي بكر»

«Пас аз Паёмбарон ва Мурсалин хуршед бар шахсе беҳтар аз Абӯбакр тулӯъ ва ғуруб накардааст».

Сипас фармуданд:

«لا نالني شفاعة جدي إن كنت كذبت فيما رويت لك وأني لأرجو شفاعة يوم القيامة»

«Агар ман ба ту дурӯғ ривоят карда бошам, Худованд маро аз шафоъти Ҷаддам Абӯбакр маҳрум гардонд ва ман шафоъати эшонро дар рӯзи қиёмат умедворам»[1].

Он чӣ аз Аиммаи Аҳли байт ва бузургони Саҳоба дар мадҳи Абӯбакри Сиддиқ омада, бисёр зиёд аст. Тамоми кутуби Сиҳоҳ ва Сунан пӯр аст. Бо ин ки Шиъаён нахустин Алиро бар Шайхайн, Абӯбакр ва Умар тарҷеҳ медоданд.

Аммо мутаъаххирини Шиъа вақте диданд наметавонанд чунин чизеро бипазиранд, балки пазириши ин амр бисёре аз муҳосаботи онҳоро ба ҳам мезанад, на танҳо аз тарҷеҳи Алӣ бар онон сухбат намекунанд, ки шуруъ ба дашном ва нафрин кардаанд, ки ин худ мухолифати ошкор бо нусус ва ақвол ва сареҳи Алӣ ва Аҳли байт ва иҷмоъи тамоми уммати Муҳаммад (с) аст. Ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ.

## Фазилати Абӯбакр дар Қуръони Карим

Ин аввали ояти 40 аз сураи Тавба аст. Ва ин оётест, ки уламои Ислом оз он бар фазилати

---

[1] : Риёзу ал-назра, Муҳиб Табарӣ 1/136

Абӯбакри Сиддиқ (р.з) бар дигар Саҳоба истидлол мекунанд ва ин, ки эшон ба Паёмбар (с) наздик буданд, балки пеш аз бақия ба Ҳазраташ (с) наздик буданд ва ин, ки эшон ба шиддат нигорони Расули Худо (с) ва дин ва даъвати эшон буд ва ин, ки ҷону моли худашро фидои он Расули Мукаррам намуд, зеро дар ояти карима баён шуда, ки Худованди мутаъол бо он ду аст. Худованд бо ҳама бандагонаш аст, аммо ин ҷо маъияти хоса мурод аст, ки вижаи Авлиё ва дӯстонаш аст ва муқтазои нусрат ва таъйиду кумаки онон аст, чунон ки қабл аз ин ба Мусо ва Ҳорун (а) низ фармуда буд: ﴿ إِنَّنِي مَعَكُمَا أَسْمَعُ وَأَرَى ﴾[1], «ман бо шумо ҳастам, мешунавам ва мебинам» ва ин, ки Абӯбакри Сиддиқ дар он шароити сахт ва душворе, ки кофирон бар зидди он Расули маҳбуб (с) якдаст шуда буданд ва эшонро яка ва танҳо аз хона ва кошонаашон ихроҷ карданд, Абӯбакри Сиддиқ танҳо касе буд, Ки эшонро ҳамроҳӣ кард ва ҷиҳати ёрӣ ва нусрати эшон бо Ҳазраташ роҳи ҳиҷрат дар пеш гирифт.

Ва ин, ки Сиддиқ (р.з) бар ёри маҳбуб ва бузургвораш (с) мушфиқ ва меҳрубон буд ва нисбат ба эшон аз душманон тарсу ҳарос дошт ва ба

---

[1] : Сураи Тоҳо 46

шиддат дӯсташон медошт ва ба тамоми ниёзҳои эшон расидагӣ мекард ва ин умур бар робитаи бисёр самимона ва вижаи ин дӯстон бо якдигар ва бар авҷу шиддати муҳаббат ва дӯстии онон нисбат ба якдигар далолат мекунад.

Балки эшон комилтарин, наздиктарин ва самимитарин дӯст ва ҳамдаму ғамхори Расули Худо (с) буд. Бинобарин ояти карима далолати равшан ва ошкор бар фазилати Сиддиқ бар дигар Саҳоба (р.з) дорад, зерро эшон ин шоитагиро дошт, ки машмули ин ояти карима қарор бигирад ва пас аз Расули Худо (с) беҳтарин инсони рӯйи замин бошад. Ин амрест, ки тамоми уммати Исломӣ аз оғоз то кунун бао он иҷмоъ доранд. Валҳаду лиллоҳи валминна.

## Маъияти Аллоҳ бо Абӯбакр

Чун ҳазрати Сиддиқ (р.з) нисбат ба Расули Мукаррам (с) нигарон буд, мефароязд: вақте пойҳои мушрикинро дами ғор мушоҳида кардам гуфтам: Эй Расули Худо (с)! Агар онон пойҳояшонро нигоҳ кунанд, моро хоҳанд дид!.

Расули Худо (с) фармуданд:

«يا أبا بكر ما ظنك باثنين الله ثالثهما»

«Эй Абӯбакр! Дар бораи ду нафаре, ки Худованд саввуми онҳост, чӣ гумон мекунӣ?».

Бухорӣ ва Муслим онро бо ривояти Анас бин Молик (р) нақл кардаанд.

Ва маънои ҷумлаи (الله ثالثهما), Худованд саввуми ононр аст. Маъияти хосса аз сӯйи Худованди мутаъол барои бандагони мӯминон ва авлиёи хоси ӯст. Маъияти Худованд низ монанди бақияи сифоти ӯ таъоло бо кайфияти шоистаи зоти муқаддаси ӯ таъолост, ки ақли башар аз идроки он ва сифоти ӯ таъоло ва аз кайфия ва чӣ гунагии он оҷиз ва нотавонаст.

Ва ҳамроҳии Худованд муқтазои inoяти хос ва нусрат ва таъйиди онҳост ва ин, ки ӯ таъоло ба онон наздик аст ва ононро аз ҳар шар ва газанде ҳифозат мекунад, чӣ саъодат ва ифтихоре ва чӣ имтиёзи мунҳасир ба фарде, ки барои ҳеҷ башаре такрор нахоҳад шуд.

## Рашки Умари Форуқ ба Абӯбакри Сиддиқ

Дар ин замина дар ривояти Насой аз Умари Форуқ (р.з) омадааст, ки рӯзе аз Абӯбакри Сиддиқ (р.з) сухан ба миён омад, гирист ва фармуд:

"Кош тамоми аъмоли неки ман бо як рӯз аз рӯзҳо, ё як шаб аз шабҳои ӯ баробари мекард".

Аммо шаб, манзур шабест, ки вай бо Расули Худо (с) дар сафари ҳиҷрат ба ғори "Савр" рафтанд. Ҳангоме, ки ба ғор наздик шуданд, Сиддиқ фармуд: (والله لا تدخله حتى أدخل قبلك), аз тарси ин, ки мабодо ба Ҳазраташ (с) газанде бирасад, "Ба Худо савганд нахоҳам гузошт шумо қабл аз ман дохил шавед", агар газанде бошад, бояд ба ман бирасад. Вай дохил шуд ва дохили ғорро соф кард ва сӯрохиҳои атрофи онро бо тикаҳои либосаш баст, ду сӯрох боқӣ монд ва онҳоро бо пойи худ баст.

Он гоҳ ба Расули Худо (с) фармуд, ки дохил шаванд. Ҳазрат дохил шуданд ва сари нозанинашро дар бағали Абӯбакр гузоштанд ва хобиданд. Дер нагузашта буд, ки море пойи Абӯбакри Сиддиқро неш зад, аммо дар баробари неш ва заҳри мор муқовимат кард ва ҳатто такон нахурд, ки мабодо ёри маҳбубаш (дуруди Худованд бар ӯ бод) аз хоб бедор шаванд. Аз шиддати дард ашкаш бар рухсораи мубораки Раҳмати оламиён чакид ва Ҳазрат мутаваҷҷеҳ шуданд ва фармуданд: "يا أبابكر ما لك؟", "Эй Абӯбакр! Туро чӣ шуда?! Фармуд: Падар ва модарам фидои шумо бод! Маро мор газид.

Ҳазраташ (дуруди Худованд бар ӯ бод) бо луъоби муборакаш ҷойи моргазидагиро тар карданд, ки билофосила дард таскин ёфт, сумма интақаза алайҳи. Албатта баъдҳо ҳамин моргазидагӣ сабаби вафоти Сиддиқ гардид.

## Ҷараёни иртидод ва нақши Сиддиқ

Ҳангоме, ки Расули Гиромӣ (с) вафот карданд, саҳронишинони Араб, ки аз маҳзари гиромии Расули Худо (с) интифода набурда буданд, саросарудо (с) интифода набурда буданд, саросар ба Ислом дохил шуда буданд, муртад шуданд ва аз пардохти закоти инкор карданд.

Ҳазрати Сиддиқ фармуд: (والله لو منعوني عقالا لجاهدتهم عليه), "Ба Худо савганд! Дастбанди шутурро, ки ба Паёмбар (с) мепардохтанд, аз ман боз доранд бо онон хоҳам ҷангид. Гуфтам: Эй Халифаи Расули Худо (с)! Бо мардум нармӣ кун, ононро муттаҳид нигаҳ дор! Фармуд: (أجبار في الجاهلية و خوار في الإسلام؟), "Дар ҷоҳилият қаландар будӣ, ҳоло дар Ислом буздил шудӣ? Ваҳй дар ҳоле катъ шуд, ки дин комил

гардид. Ман зинда бошам ва дар дин накс эҷод шавад?![1].

## Як достони ҷолиб

Шабеҳи ин ривоят, Ҳофиз бин Бушрон ва Мулло Умар бин Хизр дар сирати худаш аз Зубба бин Махз Ғанавӣ нақл карда, ки гуфт: Амири мо дар... Абӯмӯсо буд. Вақте хутба мехонд, пас аз ҳамду ситоиши Парвардигор барои Амири мӯминон Умар бин Форуқ, ки халифаи вақт буд, дуо мекард. мегӯяд ин кори ӯ маро ба хашм овард ва балан шудам ва гуфтам: Чаро аз ёр ва сохибаш чизе намегӯйи? Оё ӯро аз Абӯбакр беҳтар медонӣ? Се ҳафта ин корро такрор кард, он гоҳ ба Умар нома навит ва аз ман шикоят кард. Умар дастури иҳзори маро содир кард. Хидмати вай ҳозир шудам, маро сарзаниш кард ва фармуд: Бо устондоратон чӣ мушкилӣ дорӣ? Гуфтам: Эй Амири мӯминон! Ҳозир арз мекунам. ӯ вақте хутба мехонад, пас аз ситоиши Парвардигор ва дуруду салом бар Расули Худо (с) барои ту дуо мекунад. Ин кор маро ба хашм овард!. Аз ҷой баланд шудам ва

[1] : Поёни ривояти Насойи

гуфтам, чаро аз Абӯбакр чизе намегӯйи, оё Умарро аз Абӯбакр беҳтар медонӣ?! Се ҳафта ин амал ба ҳамин сурат такрор шуд, он гоҳ аз ман пеши шумо шикоят кард.

Мегӯяд: ногаҳон Умар ба гирят шуруъ кард ва ба қадре гирист, ки дилам барояш сухт. Он гоҳ фармуд: (أنت والله أوثق منه و أرشد), "Ба Худо қасам ту аз ӯ муътабартар ва оқилтарӣ, (فهل أنت غافر لي ذنبي يغفر الله لك), "Худованд туро бибахшад, оё тақсири маро мебахшӣ? Гуфтам: Эй Амири мӯминон! Худованд тақсири туро бибахшад. Он гоҳ ба гиря шуруъ кард ва ҳамчунон мегирист ва мефармуд: (والله لليلة من أبي بكر خير من عمر), "Ба Худо қасам, як шаби Абӯбакр аз тамоми зиндагии Умар беҳтар аст".

## Достони шаби Ҳиҷрат

Он гоҳ достони шаби Ғорро таъриф кард ва аз ҷумла фармуд: Расули Худо (с) ду шабонарӯз бар сари ангуштони пой роҳ мерафтанд, то ин ки пойҳои муборакашон.... вақте Абӯбакр дид, ки пойҳои нозанини Расули Худо (с) эшонро бар пушти худ ҳамл кард ва дар ҳоле, ки ба шиддат эҳсоси хастагӣ мекард, идома дод, то ин ки ба дами

ғор расиданд. Он гоҳ фармуд: (Қасам ба зоте, ки туро фиристода, қабл аз ман дохил нахоҳӣ рафт, агар газанде дар интизор бошад, бояд қалб аз шумо ба ман бирасад". Дохил шуд ва чизе наёфт, Эшонро ҳамл кард ва дохили ғор бурд. Ғор сӯроххое дошт, ки маскани морҳову каждумҳо буд. Эшон аз тарси ин, ки мабодо ба Расули Худо (с) осебе бирасад, бо пояш сӯроххоро баст. Морҳо ва каждумҳо яке пайи дигаре шуруъ ба газидани пойи Сиддиқ намуданд. Ашкҳо аз чашми эшон ҷорӣ буд... то охири ҳадис.

Ва дар ҳадиси Анас бин Молик омада, ки вақте субҳ шуд, Расули Худо (с) фармдуданд: "Абӯбакр, пироҳанат куҷост? Эшон ҷараёнро барои Ҳазрат таъриф кард. Расули Худо (с) дастони нозанинашро баланд кардан ва фармуданд: (اللّٰهُمَّ اجعل أبا بكر في درجتي يوم القيامة), (Худоё! Абӯбакрро дар рӯзи қиёмат дар дараҷаи ман қарор бидеҳ). Худованд ваҳй фармуд ва хабар дод: Худованд дуои туро истиҷобат кард[1].

Агар тарси он набуд, ки повараҷе беш аз ҳад тулонӣ шавад, матолиби мазкурро нақл кардам, то

---

[1]: Ҳуллиятул-авлиё, 1/33, Абӯнаъими Исфаҳонӣ. Сафваи Ибни Ҷавзӣ 1/240 ва осори дигар шабеҳи ин ривоятро дар Ал-риёзу ал-нузра аз Муҳибби Табарӣ 1/104 низ мулоҳиза фармоед.

шояд Худованд бадхоҳон ё дурустар бигӯед, ноогоҳон бо шахсияти ин ёри ҷонии Расули Худо (с) ро ҳидоят кунад.

**Дуруғи садақа додани ангуштарин дар намоз**

Ин ояти 55 аз сураи Моида аст. Даъвои ин оқо, ки мегӯяд, ин оят дар бораи Алӣ бин Абӯтолиб (р.з) нозил шуда ва ин, ки эшон дар ҳолати рукуъ ангуштарии худро садақа дода, даъвои ботил аст, ки на аз рӯйи санад дуруст аст ва на аз рӯйи матн, зеро уламо тақрибат иҷмоъ доранд, ки ин оят ихтисосан дар бораи Алӣ бин Абӯтолиб нозил нашуда аст. Ҳамчуноне, ки иҷмоъ ва иттифоқи назар доранд, ки достони садақа додани Алӣ дар намоз як достони дуруғ ва сохтагӣ аст[1].

Сабаби нузули оят чизи дигарест ва он амр ба муволоти мӯминин ва наҳй аз муволоти куффор, аъам аз Яҳуд ва мунофиқин ва дигарон аст, монанди Ибни Убай. Ва ин ҳангоме буд, ки Убода бин Сомит (р.з) аз Яҳуд эълони безорӣ кард ва гуфт: ﴿ أتولي الله و رسوله و الذين آمنوا ﴾, (Дӯстии ман бо Худо ва

---

[1] : Мулоҳазар фармоед: Минҳоҷуссунна 7/11

Расул ва мӯминон аст). Лизо оёт каримаи зайл нозил шуд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَّخِذُواْ ٱلۡيَهُودَ وَٱلنَّصَٰرَىٰٓ أَوۡلِيَآءَۘ بَعۡضُهُمۡ أَوۡلِيَآءُ
بَعۡضٖۚ وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمۡ فَإِنَّهُۥ مِنۡهُمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ٥١ فَتَرَى
ٱلَّذِينَ فِي قُلُوبِهِم مَّرَضٞ يُسَٰرِعُونَ فِيهِمۡ يَقُولُونَ نَخۡشَىٰٓ أَن تُصِيبَنَا دَآئِرَةٞۚ فَعَسَى ٱللَّهُ
أَن يَأۡتِيَ بِٱلۡفَتۡحِ أَوۡ أَمۡرٖ مِّنۡ عِندِهِۦ فَيُصۡبِحُواْ عَلَىٰ مَآ أَسَرُّواْ فِيٓ أَنفُسِهِمۡ نَٰدِمِينَ ٥٢
وَيَقُولُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَهَٰٓؤُلَآءِ ٱلَّذِينَ أَقۡسَمُواْ بِٱللَّهِ جَهۡدَ أَيۡمَٰنِهِمۡ إِنَّهُمۡ لَمَعَكُمۡۚ حَبِطَتۡ
أَعۡمَٰلُهُمۡ فَأَصۡبَحُواْ خَٰسِرِينَ ٥٣ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَن يَرۡتَدَّ مِنكُمۡ عَن دِينِهِۦ
فَسَوۡفَ يَأۡتِي ٱللَّهُ بِقَوۡمٖ يُحِبُّهُمۡ وَيُحِبُّونَهُۥٓ أَذِلَّةٍ عَلَى ٱلۡمُؤۡمِنِينَ أَعِزَّةٍ عَلَى ٱلۡكَٰفِرِينَ
يُجَٰهِدُونَ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِ وَلَا يَخَافُونَ لَوۡمَةَ لَآئِمٖۚ ذَٰلِكَ فَضۡلُ ٱللَّهِ يُؤۡتِيهِ مَن يَشَآءُۚ وَٱللَّهُ
وَٰسِعٌ عَلِيمٌ ٥٤ إِنَّمَا وَلِيُّكُمُ ٱللَّهُ وَرَسُولُهُۥ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱلَّذِينَ يُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ
وَيُؤۡتُونَ ٱلزَّكَوٰةَ وَهُمۡ رَٰكِعُونَ ٥٥﴾ [المائدة 51–55]

«51 Эй касоне, ки имон овардаед, яҳуд ва насороро ба дӯстӣ нагиред. Онон худ дӯстони якдигаранд. Ҳар кас аз шумо, ки онҳоро дӯст гирад, аз ҷумлаи онҳост. Ва Худо ситамкоронро ҳидоят намекунад!

52 Онҳоеро, ки дар дил маразе доранд, мебинӣ, ки ба сӯҳбаташон мешитобанд, мегӯянд: «Метарсем, ки ба мо осебе расад». Аммо шояд, ки Худо пирӯзие падид орад ё коре кунад, он гоҳ аз он чӣ дар дил ниҳон дошта буданд, пушаймон шаванд.

53 Онҳо, ки имон овардаанд, мегӯянд: «Оё инҳо ҳамон касонанд, ки ба Худо савгандҳои сахт мехӯрданд, ки бо шумо хоҳанд буд?». Амалҳояшон ботил гардид ва худ дар ҷумлаи зиёнкорон даромаданд.
54 Эй касоне, ки имон овардаед, ҳар кӣ аз шумо аз динаш бозгардад, чӣ бок; ба зудӣ Худо мардумеро биёварад, ки дӯсташон бидорад ва дӯсташ бидоранд. Дар баробари мӯъминон хоксоранд ва дар баробари кофирон саркаш; дар роҳи Худо ҷиҳод мекунанд ва аз маломати ҳеҷ маломатгаре намеҳаросанд. Ин фазли Худост, ки ба ҳар кас, ки хоҳад медиҳад. ва Худованд бахшояндаву доност!
55 Фақат ва фақат дӯсти шумо Худост ва расули Ӯ ва мӯъминоне, ки намоз мехонанд ва ҳамчунон, ки дар рукӯъанд, садақа мекунанд» [1]

Ин матлаб ҳамчунин аз Абдуллоҳ бин Саллом ва ғайра аз Саҳобаи Паёмбар (с) низ ривоят шуда аст.

Бинобар ин мисдоқи аввали оят касоне ҳастанд, ки дар бораи онон нозил шуда, сипас бақияи Саҳобаи Паёмбар (с), ки бо он амал карданд

[1] : Сураи Моида 51-55

ва сипас бақияи мӯминоне, ки ба онон иқдидо карданд. Ҳеҷ далеле вуҷуд надорад, ки оят ихтисос ба Алӣ (р.з) дошта бошад.

### Абӯбакр низ мисдоқи ояти закот дар рукуъ

Даъвои оқоён мабнӣ бар садақаи Алӣ дар рукуъро Саълабӣ бидуни санад дар тафсираш зикр карда ва маъруф аст, ки Саълабӣ ривояти заъиф ва ҷаълӣ бисёр нақл мекунад.

Бо ин вуҷуд, ҳамин Саълабӣ дар зайли ин оят қавли дигаре низ нақл карда, ки ояти дар бораи Абӯбакри Сиддиқ (р.з) нозил шуда аст ва аз Абдулмалик нақл мекунад, ки аз Абӯҷаъфар (имом Боқир (а)) дар бораи тафсири оят пурсидам, фармуд: "Ҳамаи мӯминон мардонанд, ( هم المؤمنون). Гуфтам: баъзе мегӯянд: мақсуди ояти, Алӣ бин Абӯтолиб аст. Фармуд: Алӣ низ ҷузъи мӯминон аст.

Шайхул-ислом Ибни Таймия дар "минҳоҷуссунна" дар чандин ҷой, аз ҷумла 7/11-31 бо нузадаҳ далели истилоли рофиза мабнӣ бар ихтисоси ояти мазкур ба Алӣ бин Абӯтолибро рад карда аст ва дар 2/30 бо нуҳ далел ва дар 3/404, бо ин тавзеҳ, ки ҳатто худи Суддӣ, ки мутаҳҳам низ ҳаст ва достони садақаи ангуштар дар рукуъро нақл

карда, ихтисосан оятро ба Алӣ мунҳасир накарада аст, балки Алӣ (р.з)ро дар зимни умум мӯминон шумурда, ки ояти карима шомили ҳолаш мешавад.

Ҳамчунин ҳадисе, ки Паёмбар (с) нақл карда, ки: (الحمد لله الذي جعلها في و في أهل بيتي). Дар ҳеҷ китоб ҳадисе наёфтам ва баъид нест, ки аз тарафи Равофиз ҷаъл шуда бошад, ки албатта ин одаташон аст: ( الحمد لله الذي جعلها في و في أهل بيتي).

## Ривояте аз имом Ҷаъфари Содиқ

Ин, ки имом Содиқ (а) ояти мазкурро раҳо карда ва ба ояти дигаре рӯй овардаанд, гӯё аз боби танзил бо хасм аст, ки аз асолиби маъруфи мунозара аст, ки имрӯз ба кор гирифт мешавад.

Аз падари ҳазрати Содиқ, имом Боқир (р) дар ин ҷо ҷавоби муфассал ва бо санаде дар ҷавоби ин мард нақл шуда аст.

Имом Ибни Абӯҳотами Розӣ дар тавсираш бо санади мутассил аз Абдулмалик бин Абӯсулаймон нақл мекунад, ки гуфт: Аз Абӯҷаъфар Муҳаммад бин Алӣ дар бораи ин оят пурсидам, фармуд: " هم الذين آمنوا". Гуфтам: Дар бораи Алӣ нозил шуда. Фармуд: Алӣ низ аз ҷумлаи мӯминон аст.

Ҳамчунин аз Суддӣ ва дигар Тобиъин низ ин матлаб собит шудааст, ки Ибни Таймия аз тафсири Ибни Абӯҳотам ин матлабро дар "минҳоҷуссунна" 7/15 нақл карда аст.

**Фатҳи Ниҳованд**

Ин калима дар тамоми нусхаҳо ба ҳамин сурат омада аст ва ин таъаҷҷубовар аст, зео Ниҳованд яке аз шаҳрҳои муҳими Ирон аст ва то он замон ҳануз Ирон Фатҳ нашуда буд, балки дар замони Умари Форуқ (р.з) фатҳ гардид ва ин амр дар назди тамоми сиранависон машҳур аст, ки аввалин лашкари ҷиҳод бар зидди муртадинро ҳазрати Сиддиқ худаш фармондиҳӣ мекард. Баъдан ҳазрати Холид бин Валидро фармонда интохоб кард, замоне, ки Тулайҳаи Асадӣ аз қабилаи Бани Асад дар канори чашмаи маъруфи онон наздики "Ҳоил" даъвои нубуват кард.

**Қотеъияти Сиддиқ**

Асли ин ҳадис бо ривояти Абӯҳурайра (р.з) дар саҳиҳайн ва ғайра омада аст, аз ҷумла ин, ки: ҳангоме, ки Паёмбар (с) вафот кардан ва Абӯбакр

зимоми умурро ба даст гирифт ва бисёрп аз саҳронишинони Араб муртад шуданд.

Умар (р.з) хитоб ба Абӯбакр фармуд: Чӣ гуна бо мардум меҷангӣ дар ҳоле, ки Расули Худо (с) фармудаанд:

«أمرت أن أقاتل الناس حتى يقولوا لا إله ألا الله فمن قالها فقد عصم مني ماله و نفسه إلا بحقه و حسابه علي الله».

Фармуд: «Ба Худо қасам! Бо ҳар касе, ки байни намоз ва закот фарқ бигзорад, хоҳам ҷанг, зеро закот ҳаққи мол аст. Ба Худо савганд, агар як иноқе ва дар ривояте, иқоле (ресони уштур), ки ба Паёмбар (с) мепардохтанд, аз ман боз доранд, ҳар ойна бо онон хоҳам ҷангид».

Умар (р.з) мефармояд: «Ба Худо қасам, то Худованд синаи Абӯбакр (р.з) ро муншариҳ (мутмаъин) сохт, донистам, ки ӯ бар ҳақ аст».

Ҳадис алфози дигаре низ дорад.

Он чӣ донишмандӣ ва мудирияту қотеъияти Сиддиқ (р.з)-ро таъйид мекунад. Инаст, ки иҷмоъи муслимин ва дар раъси онон Саҳобаи Паёмбар (р.з) ин кирдори ҳакимона ва шуҷоъонаи Сиддиқро таъйид кардааст.

**Подоши Абӯбакри Сиддиқ**

Ин нас аст, ки манзур аз касоне, ки Худовандро дӯст медоранд ва Худованд онончро дӯст медорад. Сиддиқ ва ёронаш ҳастанд, ки бо муртадин ва монеъини закот ба ҷиҳод пардохтанд, ки Амири мӯминон Алӣ (р.з) низ ин амрро таъйид мефармояд.

Ибни Ҷарири Табарӣ дар тафсираш аз Мусанно аз Абдуллоҳ ибн Ҳошим аз Сайф бин Умар аз Абӯравқ аз Заҳҳок аз Абӯаюб аз Алӣ (р.з) ривоят мекунад, ки дар бораи ин ояти карима:

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَن يَرۡتَدَّ مِنكُمۡ عَن دِينِهِۦ ٥٤﴾ [المائدة 54]

«Эй касоне, ки имон овардаед, ҳар кӣ аз шумо аз динаш бозгардад» [1]

фармуд: ки ( علم الله المؤمنين), Худованд мӯминонро мешинохт: و وقع معني السؤ على الحشد الذي فيهم من المنافقين, маънои иртидод дар ояти дар бораи мунофиқин аст ва касоне, ки Худованд дар бораи онон огоҳаст, ки муртад мешаванд, лизо фармуд:

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَن يَرۡتَدَّ مِنكُمۡ عَن دِينِهِۦ فَسَوۡفَ يَأۡتِي ٱللَّهُ بِقَوۡمٖ يُحِبُّهُمۡ وَيُحِبُّونَهُۥٓ ٥٤﴾ [المائدة 54]

[1]: Сураи Моида 54

«Эй мӯминон! Касоне, ки аз шумо аз динаш муртад шавад, ба зӯдӣ Худованд ҷойгузин мекунад ба ҷойи касоне, ки муртад мешаванд, касонеро, ки ононро дӯстон медоранд ва онон низ ӯро дӯст медоранд», яъне Абӯбакр ва ёронаш (Худованд аз ҳамаи онҳо розӣ буд)[1].

Қатода ва Ҳасани Басрӣ ва Заҳҳок ва Ибни Ҷурайҷ низ ҳамин тафсирро нақл кардаанд.

Бидуни шак, касоне, ки бо муртадин ҷангиданд, Абӯбакр ва дигар Саҳоба (р.з) аҷмаъин буданд ва инон аз касоне ҳастанд, ки Худовандро дӯст медоранд ва Худованд низ оноро дӯст медорад, ки инҳо авлотрин ва шоистатарин касоне ҳастанд, ки аввалин мисдоқи ояти карима қарор мегиранд.

Ва низ гуфта шуда, мисдоқи оят, Ашъариҳои Яман ҳастанд ва ҳамчунин гуфта шуда, мисдоқи оят Ансор ҳастанд ва ҳақиқат ин аст, ки ояти карима ҳамаи инҳоро шомил мешавад, зеро ҳамаи инҳо бо муртадин ҷангиданд. Дар қадами аввал ба муртадини Араб ҷангиданд ва сипас бо дигар кофирон, аъам аз Маҷусиёну Масиҳиёни Рум ва ғайра дар ҳар сурат Сиддиқ (р.з) ҷузъи аввалин касоне аст, ки мисдоқи ояти карима қарор мегирад.

---

[1] : Тафсири Табарӣ 10/411

**Али меҳварӣ чаро?**

Даъвои ин, ки ин оят ихтисосан дар бораи Алӣ нозил шуда, дуруст нест, ба хусус ба шакле, ки ин мард зикр карда, ки эшон чаҳор дирҳам ё чаҳор динор нафақа кардааст, ки онро Абдурразоқ бин Абӯҳотам ва Ибни Ҷарир ва Табаронӣ аз Ибни Аббос нақл кардааст.

Ҳамчунин аз Ибни Аббос (р.з) ривоят аст, ки оят дар бораи Абдурраҳмон бин Авф (р.з) нозил шуда, ки муболиғ зиёде барои асҳоби Суффа фиристод ва Алӣ дар нимаи шаб як сабад хурмо фиристод. Чунон чӣ Ибни Мунзир ва ғайра онро нақл карда аст.

Ҳамчунон нақл карда, ки ояти карима дар бораи Усмони зиннурайн ва Абдурраҳмон бин Авф нозил шуда, ки ҳар ду ҷайши "Усра"ро (лашкари сеҳазор нафарии муҷоҳидини Ислом, ки ба раҳбарии хуи Расули Худо (с) озими Табук гардид), таъмин карданд.

Аммо он чӣ машҳур аст ва ривоят шуда инаст, ки оят дар бораи касоне нозил шуда, ки асбобҳои ҷиҳодии роҳи Худоро алаф медиҳанд, чӣ ононе, ки амалан дар ҷиҳод ҳастанд, ё ин ки аспҳоро барои

ҷиҳод омода мекунанд, чунон, ки Ибни Касир дар тафсираш онро нақл кардааст.

Манзур ин аст, ки ояти карима ихтисосан дар бораи касе нозил нашуда аст, балки асбоби нузули он фаровон зикр шудааст ва ин ом ост дар бори ҳамаи касоне, ки ба навъе дар роҳи Худо харҷ мекунад, шаб ё рӯз, пинҳон ё ошкор. Пас ҳар кас бо он амал карда, машмули ояти карима қарор гирифтааст, чӣ Алӣ ё Усмон, ё Сиддиқ ва ё ғайри онон бошанд.

Бинобарин ояти карима аз вижагиҳои Алӣ (р.з) нест, балки Саҳобаи дигар низ ки чӣ басо дар инфоқ ва харҷ дар роҳи Худо аз Алӣ пешӣ гирифтаанд. Оят шомили холи онон низ мегардад, монанди Усмон (р.з), ки дар бисёре маворид ба қадре дар роҳи Худо харҷ карда, ки касе тавони рақобат бо эшонро надоштааст, монанди харидани чоҳи Равма, таҷҳизи лашкари "Усра", ки ҳазор шутур бо силоҳ ва борашро дар роҳи Худо дод. Ва низ инфоқи бедареғи Абдурраҳмон бин Авф ва харҷ кардани Умар нисфи молашро.

Ва аз ҳама бартар худи Абӯбакр (р.з) буд, ки шохистарин чеҳраҳои Саҳобаи бе бизоъати Расули Худо (с) монанди Билол ва Хубоб ва ғайраро бо пули худаш харид ва аз бардагӣ озод кард. Дар

ғазваи Табук тамоми молашро дар роҳи дини Худо ва нусрати Шариъати Расули Худо (с) дод.

Ҳамчунон Ансор низ машмули ии ояти карима қарор мегиранд, ки сифоти боризашон дар Қуръони карим инфоқ зикр шуда аст.

﴿وَٱلَّذِينَ تَبَوَّءُو ٱلدَّارَ وَٱلۡإِيمَٰنَ مِن قَبۡلِهِمۡ يُحِبُّونَ مَنۡ هَاجَرَ إِلَيۡهِمۡ وَلَا يَجِدُونَ فِي صُدُورِهِمۡ حَاجَةٗ مِّمَّآ أُوتُواْ وَيُؤۡثِرُونَ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمۡ وَلَوۡ كَانَ بِهِمۡ خَصَاصَةٞ ٩﴾

[الحشر 9]

«Ва (низ) касонероcт, ки пеш аз онон дар дори Ислом ҷой гирифтанд ва имон (низ) дар дилашон ҷой гирифт касонеро, ки ба сӯйи онон ҳиҷрат кунанд, дӯст медоранд ва дар дилҳои худ аз он чӣ (ба муҳоҷирон) додаанд, эҳсоси ниёзе накунанд ва (дигаронро) бар худашон –ва агар чӣ ниёзманд бошанд- тарҷеҳ медиҳанд»[1].

Пас ҳеҷ монеъе нест, ки ояти карима дигаронро низ шомил шавад. Аммо мушкил ин ҷост, ки баъзе аз мутолиъа ва таҳқиқу пазириши далоили сареҳи Қуръон ва Суннат ва ақл фарор мекунанд ва исрор доранд мавзеъи заъиф ва чӣ басо хилофи воқеъи худашонро ҳатто бо далоили воҳӣ собит кунанд, аммо аз пазириши далоили

[1] : Сураи Ҳашр 9

равшан ва қатъӣ ва нусуси фаровон ва мутавотир ибо варзанд.

Аммо ҳоли умум ин тавр нест. Онҳо иддаи бисёр андаке ҳастанд, умуман мардум дар пай таҳқиқ ва пажуҳишу пазириши ҳақ ҳастанд ва ин ҷойи хушбахтӣ аст.

## Гувоҳии имом Содиқ

Ин ояти карима ҷавоби бахши қаблӣ аст, ки фармуд: ﴿فَأَمَّا مَنْ أَعْطَى وَاتَّقَى﴾[1], то охир оёт, ки имоми Содиқ (р) мефармояд: дар бораи ҷадди бузургвораш, Сиддиқ (р.з) нозил шуда аст ва ин комилан дуруст ва бар ҳақ аст, зеро Сиддиқ (р.з) аз касоне, ки феъли шарт дар онон мутаҳаққиқ гардидааст, ки эшон на танҳо чизе, ки Худованд ба инфоқи он амр фармуда аст, балки илова бар он низ нофилаи бисёр дар роҳи Худо инфоқ кардааст, зеро эшон аз бузургтарин парҳезгорон буд ва ба тамоми маъно "وَصَدَّقَ بِالْحُسْنَى "-ро ба ҷо овардааст.

Гар чӣ зоҳири сиёқи оёт мухтас ба Абӯбакри Сиддиқ (р.з) нест, балки ҳар касе ба он амал кунад, машмули ояти карима қарор мегирад ва Сиддиқ

[1] : Сураи Лайл 5

биҳамдиллоҳ аз  онон аст ва дар назди уламо ҳамин тафсир муътабар аст, ки агар бихоҳанд барои сифоти мазкур дар ин оят мавсуф таъйин кунанд, мавсуфи аввал Сиддиқи акбар аст.

Ҳамчуноне, ки аз умуми оёт бар меояд, ҳар мӯмине метавонад машмули оёт каримот қарор гирад, аммо имом Содиқ (р) шахси Абӯбакри Сиддиқро дар ин ҷо таъйин фармуда аст, ба қаринаи оёте, ки ба дунбол меояд ва ин таъйин комилан дуруст аст. Албатта ихтисос ба эшон надорад, ки бақиятро шомил нашавад. Касоне ҳам, ки аз уламо ба таври куллӣ таъйинро напазируфтаанд, таъйини мушаххасро рад кардаанд ва на таъйини мисдоқ ё таъйини мисдоқҳоро.

Ба иборати дигар, инҳисорро напазируфтаанд, ки бигӯем, фалон оят (ба вижа оятҳое, ки метавонад умумият дошта бошад) инҳисоран дар бораи фалон аст.

**Тафсири Расули Худо**

Дар тафсири ин оёт, аҳодиси саҳеҳе низ дар саҳиҳайн омада аст, ки Амирул-мӯминин Алӣ (р.з) фармуд: "Барои ташйиъи ҷанозае дар Бақеъи

Ғарқад будем, ки Паёмбар (с) ташриф овsecurely варданд ва нишастанд. Мо низ давру бари Ҳазрат нишастем, сипас фармуданд:

«ما منكم من أحد ما من نفس منفوسة إلا كتب مكانها من الجنة و النار و إلا كتب شقية أو سعيدة».

«Ҳеҷ касе аз шумо нест, ҳеҷ нафас кашандае нест, магар ин, ки ҷойгоҳаш дар биҳишт ва дузах навишта шуда аст ва магар ин, ки навишта шуда аст, ки бадбахт аст ё хушбахт». Марде гуфт: Эй Расули Худо! Оё ба тақдире, ки бароямон навишта шуда, иктифо накунем ва амалро фурӯ нагузорем? Пас касе, ки аз мо аҳли саъодат ва хушбахтӣ бошад, ба сӯйи амали аҳли саъодат роҳ меёбад ва касе, ки аз мо ҷузъи аҳли шақоват ва бадбахтӣ бошад, ба сӯйи амали аҳли шақоват рӯй меоварад! Расули Худо (с) фармуданд: " اما اهل السعادة فيسرون لعمل السعادة اما اهل الشقاوة فيسرون لعمل الشقاوة", сипас ин оятро тиловат фармуданд: ﴿أَمَّا مَنْ أَعْطَى وَاتَّقَى وَصَدَّقَ بِالْحُسْنَى فَسَنُيَسِّرُهُ لِلْيُسْرَى﴾[1]

[1] : Сураи Лайл 5-6-7

## Иҷмоъи аҳли тафсир

Ҳофиз Ибни Касир дар тафсири ин оят аз чандин нафар аз муфассирин нақл карда, ки гуфтанд: ин оят дар бораи Абӯбакри Сиддиқ (р.з) нозил шуда аст. Ҳатто баъзе иҷмоъи муфассиринро дар ин бора нақл карда ва гуфта, бидуни шак Абӯбакр ҳам дар мафҳуми ин оят дохил аст ва ҳам шоистатарин фарди уммат аст, ки метавонад мисдоқи аввали умуми ояти карима қарор гирад, зеро лафзи оёт умум аст, ва Сиддиқ (р.з) аз ҳамаи уммат пешгомтар ва дар доштани сифоти мазкура дар оят ва дигар сифоти ҳамида аз ҳама собиқадортар аст, зеро эшон сиддиқ ва парҳезгор ва хуш ахлоқу шуҷоъ ва саховатманд буд ва дар харҷ кардани молаш дар роҳи итоъати Худо ва нусрату ёрии Расули Худо (с) бисёр дасти бозе дошт. Чӣ қадар пулҳои бешуморе дар роҳи касби ризои Парвардигораш харҷ кард. Касе набуд, ки бар эшон миннат ва эҳсоне дошта бошад, балки эшон буд, ки ҳатто бар сардорон ва руасои қабоил эҳсон мекард. Лизо ба Урва бин Масъуд, ки сардори қабилаи Сақиф буд, дар рӯзи сулҳи Ҳудайбия фармуд:

"اعصص نطير اللات أنحن نفر عنه و ندعه؟ قال لابي بكر: لولا يدٌ لك عندي لم أجزك بها لاجبتك" .

"... лот дар даҳонат, оё мо аз Паёмбар фирор мекунем ва ӯро раҳо мекунем? ӯ ба Абӯбакр гуфт: агар аз пеш мадюни фазли ту намебудам, ба ту ҷавоби бисёр талхе медодам!".

## Як вижагии мунҳасир ба фарди Абӯбакр Сиддиқ

Ҳамчунин дар саҳиҳайн омада аст, ки Расули Худо (с) фармуданд: "Касе, ки дар адад аз як навъ аз чизҳо дар роҳи Худо инфоқ кунад, аз дарҳи биҳишт фаро хонад мешавад: Эй бандаи Худо ин хайрот, пас касе, ки аз аҳли намоз бошад аз дари биҳишт фаро хонда мешавад ва касе, ки аз аҳли ҷиҳод бошад, аз дари ҷиҳод фарохонда мешавад ва касе, ки аз аҳли садақа бошад, аз дари садақа фаро хонда мешавад ва касе, ки аз аҳли рӯз бошад, аз дари Райён фаро хонда мешавад.

Абӯбакр арз кард: ما علي هذا الذي يدعي من تلك الأبواب من "ضرورة" ва арз кард: (эй Расули Худо) оё касе ҳаст, ки

[1] : Ривояти Бухорӣ

аз тамоми ин дарҳо фаро хонда шавад? Фармуданд: " نعم و أرجو أن تكون منهم يا أبوبكر", "бале! Ва умедворам, ки ту аз онон бошӣ эй Абӯбакр".

Ҳамчунин Абӯбакри Сиддиқ (р.з) дар озод кардани баъзе пешгомони Саҳоба (р.з), ки барда буданд ва баъзе сардорони Саҳоба, ки ҷузъи аввалин касоне буданд, ки мусалмон шуданд, низ эҳсон ва миннати фаровон дорад ва ҳамчунин ҳар ҷо ниёзманд ва ҳоҷатманде буд, эшон ба вай кумак мекарданд.

## Вижагии инҳисории дигари Абубакр (р.з)

Ин ҷо ҷумлаи " تجلل بالعباء" истеъмол шуда, ки маънои " تجلل", " استتر" аст. Яъне аз фақр худашро дар ҷомааш печонида буд ва ин матлабест, ки имом Содиқ (р) зикр карда аз Ойшаи Сиддиқа бинти Сиддиқ (р.з) низ нақл шудааст.

Чунон, ки Абӯҳотам бо санадаш аз Уммул-мӯминин (р.з) нақл мекунад, ки фармуд: " أنفق أبوبكر علي النبي صلي الله عليه وآله وسلم أربعين الفاً", "Абӯбакр чиҳил ҳазор бар Паёмбар (с) харҷ кард".

Ҳамчунин аз Урва бин Зубайр (р.з) ривоят аст, ки гуфт: "Абӯбакр ҳангоме, ки мусалмон шуд,

чиҳил ҳазор сармоя дошт, ки ҳамаи онро бар Расули Худо (с) дар роҳи Худо харҷ кард".

Ва аз Асмо бинти Абӯбакр (р.з) ривоят аст, ки фармуд: "Ҳангоме, ки Расули Худо (с) ба қасди ҳиҷрат хориҷ шуданд, Абӯбакр (р.з) бо эшон ба роҳ афтод".

Абӯбакр (р.з) тамоми молашро, ки дар ин вақт панҷ ё шаш ҳазор буд, ҳамаро бардошт ва ҳамроҳаш бурд. Ҷадам Абӯқаҳофа, ки чашмонашро дар даст дода буд, ба хона омад ва гуфт: "Ба Худо савганд, тавре, ки ман эҳсос мекунам ӯ ҳамаи молашро бо худаш бурдааст. Гуфт: на падарҷон! ӯ барои мо моли бисёре гузошта аст. мегӯяд: он гоҳ миқдоре рег ҷамъ кардам ва дар тоқчае, ки маъмулан падарам пулҳоро мегӯзошт, гузоштам ва бар рӯйи онҳо порчае кашидам. Он гоҳ дасти падарбузургамро гирифтам ва гуфтам: бубин падарҷон, инҳоро даст бизан, ки чӣ қадар моли зиёде гузошта ва рафтааст!.

Дасташро бар рӯйи регҳо бурдам ва ӯро дар ҳоле, ки регҳоро таҳ ва боло мекард, мегуфт: ( لا بأس إذ قد ترك لكم هذا فقد أحسن و في هذا بلاغ لكم), (ишколе надорад, агар ин ҳама молро барои шумо гузошта, кор хубе кардааст. Ин маблағ барои шумо кофӣ аст). Ин дар

ҳоле буд, ки ҳанӯз Абӯқаҳофа мусалмон нашуда буд.

Асмо (р.з) мегӯяд: Хайр ба Худо савганд, ҳеҷ чизе барои мо нагузошта буд. Ман фақат хостам пирамардро мутмаъин кунам.

Ибни Исҳоқ дар сиратуннабӣ ва Табарӣ онро нақл кардаанд.

Мунофоте байн ду ривоят нест. Ривояти чиҳил ҳазор ҳангоми мусалмон шудан аст ва ин ҳангоми ҳиҷрат. Лизо Паёмбар (с) фармуданд:

«إن من آمن الناس علي في صحبته و ماله أبوبكر و لو كنت متخذا من أهل الارض خليلاً لاتخذت أبابكر خليلاً ولكن أخوة في الإسلام و مودته» .

Дар муснади имом Аҳмад ва баъзе кутуби Сунан бо ривояти Абӯҳурайра (р.з) омада аст, ки Расули Худо (с) фармуданд: " ما نفعني مال قط ما نفعني مال أبي بكر", "ҳеҷ моле ба андозаи моли Абӯбакр ба ман нафъ нарасонд".

Ровӣ мегӯяд: Абӯбакр бо шунидани ин калимот ба гиря афтод ва арз кард: (هل أنا و مالي إلا لك يا رسول الله؟, (Эй Расули Худо! Магар ғайр азин аст, ки ман ва моли ман аз шумо ҳастем).

---

[1] : Муттафақун алайҳи ба ривояти Абӯ Саъиди Хузрӣ (р.з)

Дар бораи инфоқи Абӯбакр (р.з) ва байни фазли эшон ба вижа дар ин буъд ривоёти саҳиҳи мутавотир аст. Агар матлаб тӯлонӣ намешуд, бо тафсили бештаре дар ин замина сухан мегӯфтам, вале як матлаб дар ин замина кофист ва он ин, ки аз миёни тамоми Саҳоба ва Аҳли байти Паёмбар (с) Абӯбакр (р.з) ягона шахсиятест, ки тамоми молашро бар Расули Худ (с) ва даъват ва нусрату ёрии дини Худо харҷ кардааст.

Чунон чӣ Абӯдовуд ва Тирмизӣ ривоят мекунанд ва имом Аҳмад дар муснади ва дигарон низ онро саҳезҳ гуфтаанд.

### Мусобиқаи имон

Аз Умари Форуқ (р.з) ривоят аст, ки фармуд: "Расули Худо ба мо дастӯр дод, ки дар роҳи Худо инфоқ кунем! Аз қазо ман ҳам нисбатан моли зиёде дар ихтиёр доштам, гуфтам: имрӯз фурсат аст, ки аз Абӯбакр сабқат гирам, бинобарин нисфи моламро овардам. Расули Худо (с) пурсиданд: "барои хонаводаат чӣ гузоштӣ?" гуфтам: ҳамин миқдор!. Абӯбакр тамоми молашро овард. Вақте Расули Худо (с) аз эшон пурсиданд: " ما أبقيت لأهلك؟",

фармуд: (أبقيت لهم الله ورسوله). Гуфтам: ( لا أسابقك إلى شيء أبداً ). (дигар нахоҳам тавонист аз шумо сабқат бигирам)[1]".

## Номҳои гиромии Аллоҳи мутаъол

"العلي الأعلى" ду исме аз асмои муқаддаси Парвардигор аст, чунон ки дар охири ояталкурсӣ омада аст: " وَهُوَ الْعَلِيُّ الْعَظِيمُ "[2]. Ва ҳамчунин мефармояд: ﴿سَبِّحِ اسْمَ رَبِّكَ الْأَعْلَى﴾"[3].

Ва ин ҳар ду исм далолат бар улуви мутлақи Парвардигор дорад. Улуви шаън ва азамат, улуви қаҳр ва ғалаба ва улуви зоти муқаддас бар соири махлуқоташ бо истивои бар арши хеш. Ва ин аз сифоти зотии Худованд аст, ки ҳамвора бар вай қойм аст аз азал буда ва то абад хоҳад буд. Албатта ба гӯнае, ки шоистаи зоти поки ҳазрати Ҳақ бошад фақат сифоти камолро бар вай собит кунад ва аз нисбати ҳар гуна нақсе аъам аз ташбиҳ ва таътилу таҷсими зоти муҳаддаси ӯ таъоло ба дур аст.

---

[1] : Ин ривоят аз Муснади Баззор аст ва санадаш ҳасан ва бо маҷмӯъи шавоҳид саҳеҳ лиғайриҳӣ аст.

[2] : Сураи Бақара 255

[3] : Сураи Аъло 1

## Ҷибрил ва Абӯбакри Сиддиқ

Ин ҳадиси Ибни Умар (р.з) аст, ки фармуд: Хидмати Паёмбар (с) будам ва Абӯбакр низ хидмати Ҳазрат буд. ӯ (Абӯбакр) ибое (ҷомае) пушида буд, ки чандин ҷойи пеши синаашро гиреҳ зада буд. Ҷибрил фуруд омад ва арз кард: " يا محمد ما لي أرى أبابكر عليه عباءة خلها في صدره بخلال؟", фармуданд: " يا جبريل! أنفق ماله علي قبل الفتح", "эй Ҷибрил! ӯ тамоми молашро қабл аз фатҳи Макка барои ман харҷ карда аст". Арз кард, ки Худованд ба ту салом мерасонад. Он гоҳ бақияи ҳадисро зикр кард.

Ин ҳадисро Бағавӣ дар тафсираш 8/34 нақл карда, аммо чунон чӣ Ибни Касир дар тафсираш 4/308 зайл ояти ﴿ لَا يَسْتَوِي مِنْكُمْ مَنْ أَنْفَقَ مِنْ قَبْلِ الْفَتْحِ وَقَاتَلَ ﴾[1] зикр мекунад. Санади ин ривоят аз ин ваҷҳ заъифаст.

Ин ҳадис аз тариқи дигаре низ ривоят шуда аст. Чунон, ки ҳофиз Абӯ Абдулло Муҳаммад бин Муҳаммад Ал-фазоилии Розӣ дар "нузҳатул-абсор" ва ҳофиз Ибни Убайд ва соҳиби "Ал-суҳбаҳ" зикр кардаанд ва Ибни Муҳаммади Табарӣ аз онон дар

---

[1] : Сураи Ҳадид 10

"риёзу-назра" 1/132, боби " اختصاصه بمواساة النبي (ص) لنفسه وماله" ва ҳамчунин Абӯнаъим (р) онро нақл кардааст.

Нас ва сиёқи оят ошкор аст, ки Сиддиқ аз Парвардигораш розӣ ва Парвардигораш низ аз ӯ розӣ аст.

**Тафохур дар ҳақ**

Аз асбоби нузули оят чунон, ки Абдурразоқи Санъонӣ мурсал аз Ҳасан ва Шаъбӣ нақл мекунад, оят дар бораи Алӣ ва амакаш Аббос (р.з) нозил шуда аст.

Аз тариқи дигаре наз нақл шуда, чунон, ки Ибни Ҷарири Табарӣ бо санади худаш аз Муҳаммад бин Каъб Қуразӣ ривоят мекунад, ки гуфт: Талҳа бин Шайба аз бани Абдуддор ва Аббос бин Абдулмутталиб ва Алӣ бин Абӯтолиб тафохур карданд. Талҳа гуфт: Ман калиди дори Хонаи Каъба ҳастам, ки агар бихоҳам метавонам дар он ҷо бихобам!.

Аббос гуфт: ман масъули хидмат ва обрасони Ҳуҷҷоҷ ҳастам. Агар бихоҳам метавонам дар масҷид бихобам!.

Алӣ фармуд: Намедонам шумо чӣ мехоҳед собит кунед. Ман шаш моҳ пеш аз бақияи мардум ба тарафи қибла намоз хондам. Ман дар ҳоли ҷиҳодам ин ҷо буд, ки Худованд оятро нозил фармуд.

Ин асари мурсал далел бар фазоили сабқати Алӣ (р.з) ба Ислом аст ва бидуни шак ӯ аз касоне аст, ки ба Худованд ва рӯзи охират имон оварда ва намозро бар пой доштааст, бинобарин ӯ аз ин ҷиҳат аз Талҳа ва амакаш Аббос сабқат дорад.

Аммо аз он ҷо, ки ибрат ба умуми лафз аст, на ба хусуси сабаб, умуми ояти карима бақияи Саҳоба (р.з), ки ин сифат –имон ба Худо ва қиёмат ва иқомаи намоз- дар онон таҳаққуқ ёфтаро низ шомил мешавад.

Ҳамчунон касоне, ки собиқаи бештаре аз Алӣ дар имон доштаанд, монанди Абӯбакрро низ шомил мегардад ва оят чунон, ки бар фазилати Алӣ (р.з) далолот дорад, ба фазилати Абӯбакр ва Умар ба тариқи авло далолат дорад ва ба таври куллӣ тамоми касонеро, ки ин сифотро доро ҳастанд, шомил мешавад, зеро матлаби хосе дар оят нест, ки Алӣ (р.з) ихтисосан ба он муттасиф бошад ва соири Саҳоба набошанд.

**Шаъни нузули дигар**

Сабаби нузули дигаре низ ояти карима дорад, ки авло саҳеҳтар аст. Дар ҳадиси саҳеҳи марфуъ омада аст, ки имом Муслим бо санади худаш аз Нуъмон ибни Башири Ансорӣ (р.з) ривоят мекунад, ки фармуд:  Канори Расули Худо будам, ки марде гуфт: Баъд аз мусалмон шудан, агар ҷуз об додани Ҳуҷҷоҷ дигар ҳеҷ коре накунам, бароям кофист!. Дигаре гуфт: Баъд аз мусалмон шудан ҷуз обод кардани Масҷиди Ҳаром ҳеҷ кор накунам, бароям кофист.

Саввуме гуфт: Ҷиҳод дар роҳи Худо беҳтар аз аъмолест, ки шумо гуфтед!.

Умар (р.з) ононро боз дошт ва фармуд: Садои худатонро дар назди минбари Паёмбар (с) баланд накунед -рӯзи ҷумъа буд- ҳар гоҳ намози ҷумъа тамомо шуд, хидмати Паёмбар (с) меравам ва дар он чӣ ихтилоф кардед бароятон мепурсам. Он ҷо буд, ки Худованди мутаъол оят нозил фармуд:

﴿أَجَعَلْتُمْ سِقَايَةَ ٱلْحَآجِّ وَعِمَارَةَ ٱلْمَسْجِدِ ٱلْحَرَامِ كَمَنْ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْءَاخِرِ وَجَٰهَدَ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ ۚ لَا يَسْتَوُۥنَ عِندَ ٱللَّهِ ﴿١٩﴾﴾ [التوبة 19]

«Оё об додани Ҳуҷҷоҷ ва таъмири Масҷиди Ҳаром ҳамонанди (амали) касе қарор додед, ки ба

Худованд ва рӯзи охират имон оварда ва дар роҳи ӯ ҷиҳод кардааст? (ин ду) дар назди Худо мусовӣ нестанд...» [1].

## Аз фазоили Умари Форуқ

Албатта беҳтар аз ин фазилат барои Умари Форуқ (р.з) собит нест ва он ин, ки дар чандин маврид Қуръони Карим мувофиқи раъй эшон нозил шуда аст.

Монанди ду ракаъат намози Мақоми Иброҳим ва ҳукми ҳиҷоб ва ҳукми асирони Бадр ва тарки намози ҷаноза бар мунофиқин ва ғайр, ки тақрибар ба бист маврид мерасад, ки маҷмуъаи онҳоро шайх Абдулфатоҳ ровии Маккӣ дар китобаш: (الكوكب الأغر في موافقات عمر للقرآن و التورات و الأثر). Аввалан онҳоро ба назми шеър даровард ва он гоҳ шарҳ кардааст.

## Имони бемисоли Абӯбакр

[1] : Сураи Тавба 19

Ҳазрати Сиддиқ (р.з) ба гуфтаи мӯмини Оли Фиръавн истидлол карда, чунон, ки Худованд дар сураи Ғофир онро баён фармуда аст:

﴿وَقَالَ رَجُلٞ مُّؤۡمِنٞ مِّنۡ ءَالِ فِرۡعَوۡنَ يَكۡتُمُ إِيمَٰنَهُۥٓ أَتَقۡتُلُونَ رَجُلًا أَن يَقُولَ
رَبِّيَ ٱللَّهُ وَقَدۡ جَآءَكُم بِٱلۡبَيِّنَٰتِ مِن رَّبِّكُمۡۖ وَإِن يَكُ كَٰذِبٗا فَعَلَيۡهِ كَذِبُهُۥۖ وَإِن يَكُ
صَادِقٗا يُصِبۡكُم بَعۡضُ ٱلَّذِي يَعِدُكُمۡۖ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي مَنۡ هُوَ مُسۡرِفٞ كَذَّابٞ ٢٨﴾

[غافر 28]

«Ва марде аз Оли Фиръавн, ки имони худро пинҳон медошт, гуфт: "оё мехоҳед мардеро бикушед, ба хотири ин, ки мегӯяд: Парвардигори ман Аллоҳ аст, дар ҳоле, ки далоили равшане аз сӯйи Парвардигоратон барои шумо овардааст. Агар дурӯғгӯ бошад, дурӯғаш домани худашро хоҳад гирифт ва агар ростгӯ бошад (ло ақал) баъзе аз азобҳоеро, ки ваъда медиҳад ба шумо хоҳар расид. Худованд касеро, ки исрофкор ва бисёр дурӯғгӯ аст, ҳидоят намекунад»[1].

Ва Абӯбакр (р.з) аз назари имон ва ҷиҳод комилтар аз мӯмини Оли Фиръавн аст, зеро ки эшон ҳеҷгоҳ имони худашро пинҳон накард, балки имом ва тасдиқ ба Худо ва Расул дар назди ҳамагон, ба вижа мардуми Маккаи он замон машҳур ва

---

[1] : Сураи Ғофир 28

забонзади хосу ва ом буд ва ин матлабе, ки имом Содиқ (р) баён фармуд, ки Сиддиқ (р.з) аввалин муҷоҳиди роҳи Худо ва аввалин мудофеъ аз Паёмбари бузургвори Ислом (с) буд.

Олим ва муҳаддису муаррихи бузурги Мағрибзамин, Абӯ Амр бин Абдулбар ва Ибни Исҳоқ (вафот байни 150-153 ҳиҷрӣ), сиратнависи маъруф ва дигарон аз ҳадиси Ойша (р.з) ва Асмо (р.з) нақл кардаанд, ки дар он омада аст: Ҳангоме, ки Абӯбакр ҳини дифоъ аз Паёмбар ба пеши мо боз гашт, чунон осебе дида буд, ки ҳар ҷойи баданашро даст мезад, пусти бадан ҳаракат мекард ва ӯ ҳамвора вирди забонаш: "يا ذا الجلال والإكرام" буд.

Асли ин ҳадис дар саҳеҳи Бухорӣ дар китоби тафсир аст, бо ривояти Урва бин Зубайр (р.з) омада, ки гуфт:

Аз Абдуллоҳ бин Умар (р.з) пурсидам, ки бадтарин ҳолате, ки мушрикин бар Расули Худо (с) оварданд чӣ буд? Гуфт: Паёмбар (с) дар канори Каъба намоз мехонд, ки Уқба бин Абӯ Муъит омад ва ридои хешро бар гардани муборакӣ Расули Худо (с) печонд ва ба шиддат кашид!. Абӯбакр омад ва уро канор зад ва фармуд: (أتقتلون رجلا أن يقول ربي الله و قد جاءكم البينات من ربكم), "Оё мардеро мекашед, ки

мегӯяд, Парвардигори ман Аллоҳ аст! Дар ҳоле, ки ӯ оёти равшани Худоро аз ҷониби Парвардигоратон ба шумо оварда аст?!.

Ин далолат ба камоли шуҷоъат Абӯбакри Сиддиқ (р.з) ва камоли садоқати эшон мекунад:

﴿وَقَالَ رَجُلٌ مُّؤۡمِنٌ مِّنۡ ءَالِ فِرۡعَوۡنَ يَكۡتُمُ إِيمَٰنَهُۥٓ أَتَقۡتُلُونَ رَجُلًا أَن يَقُولَ رَبِّيَ ٱللَّهُ وَقَدۡ جَآءَكُم بِٱلۡبَيِّنَٰتِ مِن رَّبِّكُمۡۖ ٢٨﴾ [غافر 28]

«Ва марде аз Оли Фиръавн, ки имони худро пинҳон медошт, гуфт: "оё мехоҳед мардеро бикушед, ба хотири ин, ки мегӯяд: Парвардигори ман Аллоҳ аст, дар ҳоле, ки далоили равшане аз сӯйи Парвардигоратон барои шумо овардааст» [1]

Абӯбакри Сиддиқ ба танҳои дар баробари Қурайш меистод ва аз Паёмбари гиромӣ (с) дифоъ мекард. Ин буд, ки аввалин ҷиҳод ва дифоъе, ки Абӯбакри Сиддиқ аз Расули Худо (с) менамуд.

### Аз сифоти Абӯбакри Сиддиқ

Қаблан дар бораи ин ҳадис сухан гуфтем ва ҳофиз Исмоил бин Саммон (вафоташ 447 ҳиҷрӣ) дар китобаш "المواقفة بين أهل البيت والصحابة" ба санади

[1] : Сураи Ғофир 28

худаш аз Алӣ (р.з) ривоят мекунад, ки дар бораи Абӯбакри Сиддиқ фармуд:

«وإنه لأرأف الناس، و انه لصاحب رسول الله صلي الله عليه وآله وسلم في الغار و أنه لأعظم الناس غناء عن نبيه في ذات بده».

«Абӯбакр меҳрубонтарин мардум буд. Вай ёри ғори Расули Худо (с) буд ва эшон беш аз ҳама мардум аз касби дасти худаш аз Паёмбар (с) ҳимояти молӣ мекард».

## Дар бораи Алӣ бин Абӯтолиб

Ин, ки Алӣ мубтало ба ширк нашуд, асбоб ва авомиле дорад, ки Худованд ба тавфиқ ва эҳсони худ ӯро аз он боз дошт, аз ҷумла ин, ки:

1. Синнаш кучак буд. Ҳануз бузург нашуда буд ва ба синни булӯғ нашуда буд, ки дар масири ширк ба Худо аз муширикини Араб тақлид кунад.

2. Ин, ки дар зери тарбияти Расули Худо (с) буд, зеро Абӯтолиб фарзанди зиёде дошт ва даромадаш кам буд, лизо Расули Худо (с) ба хотири он, ки боре аз дӯши амакаш кам карда бошад, парвариши фарзандаш Алиро ба уҳда гирифт.

3. Ин парвариш ва тарбият худ ба танҳои кофӣ буд, ки ӯро аз ширк маҳфуз нигаҳ дорад.

Бинобарин бо таваҷҷуҳ ба он, чӣ гузашт, имони Алии камсину сол, ки ҳанӯз ба синни таклиф нарасида, бо имони касоне, ки аз ширк тавба карданд, ҳар гиз қобили муқоиса нест ва ин қиёс маъалфориқ аст.

4. Касе, ки аз ширк тавба карда ва бозгашта қобили таън ва мувохаза нест, зеро Ислом ва тавба ҳамаи гуноҳонро на танҳо нобуд мекунад, ки ба некӣ табдил мекунад. Чунон, чӣ дар охири сураи Фурқон ва ғайра омада:

﴿إِلَّا مَن تَابَ وَءَامَنَ وَعَمِلَ عَمَلًا صَٰلِحًا فَأُوْلَٰٓئِكَ يُبَدِّلُ ٱللَّهُ سَيِّـَٔاتِهِمۡ حَسَنَٰتٖۗ وَكَانَ ٱللَّهُ غَفُورًا رَّحِيمًا ٧٠﴾ [الفرقان70]

«Пас инҳоянд, ки Худованд бидиҳояшро табдил ба некиҳо табдил мекунад ва Худованд омурзандаи меҳрубон аст»[1].

5. Шарик накардани Алӣ ихтиёрӣ набуд, балки аввалан ҳануз синнаш кӯчак буд. Сониян: чун дар хонаи Паёмбар (с) парвариш меёфт, Худованд аз баракати тарбияти Паёмбар ӯро аз ширк маҳфуз дошт.

Ва он гаҳе аз куҷо маълум, ки ага ӯ ҳам дар ҳоле бузург мешуд, ки дар хонаи падараш мебуд ва ширки ононро медид, мутаъассир намешуд ва

---

[1] : Сураи Фурқон 70

мубтало ба ширк намегашт?!. Ба вижа ин, ки бародарони бузургаш, монанди Ақил ва ғайра ба ширк мубтало шуданд, ки монанди бақияи Саҳоба баъдҳо мусалмон шуданд.

Бинобарин ширк накардани Алӣ ва сачда накардани ӯ дар баробари бутҳо, бо ин ки як вижагии ӯст, аммо ҳар гиз ба ин далел фазилате бар дигар Саҳоба монанди Умар ва Усмон ҳосил намекунанд, ки қаблан ба ширк мубтало шуданд ва баъдҳо Худованд ононро навозиш кард ва тоҷи ифтихори имон ба сарашон гузошт.

**Ҳақҷӯйии насли ҷавон**

Ин оят аз сураи Зумар дар аввали ҷуз аст:

﴿فَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّن كَذَبَ عَلَى ٱللَّهِ وَكَذَّبَ بِٱلصِّدْقِ إِذْ جَآءَهُۥٓ ۚ أَلَيْسَ فِى جَهَنَّمَ مَثْوًى لِّلْكَٰفِرِينَ ﴿٣٢﴾﴾ [الزمر 32]

«Пас чӣ касе ситамгортар аст за касе, ки ба Худо дуруғ бибандад ва сухани ростро ҳангоме, ки ба суроғи ӯ омада, такзиб кунад?! Оё дар ҷаҳаннам ҷойгоҳи барои кофирон нест?!» [1].

Он чӣ ғолиб ва дар назди муфассирон машҳур аст, ҳамин аст, ки имом Содиқ (р) фармуданд, ибни

[1] : Сураи Зумар 32

Ҷарир Табарӣ ба санадаш аз Алӣ (р.з) дар тафсири ин оят 3/24 менависад:

"قال: "جاء به", اي محمد صلي الله عليه وآله وسلم "و صدق به ", اي أبوبكر رضي الله عنه".

Аз имом Абӯбакри Халлол нақл шуда, ки шахсе аз эшон дар бораи ин оят пурсид, фармуд: Дар бораи Абӯбакр нозил шуда аст. Суолкунанда гуфт: балки дар бораи Алӣ нозил шуда! Имом Халлол фармуд: дунболаи оятро бихон:

﴿هُمُ ٱلْمُتَّقُونَ ٣٣ لَهُم مَّا يَشَآءُونَ عِندَ رَبِّهِمْۚ ذَٰلِكَ جَزَآءُ ٱلْمُحْسِنِينَ ٣٤ لِيُكَفِّرَ ٱللَّهُ عَنْهُمْ أَسْوَأَ ٱلَّذِى عَمِلُوا۟ ٣٥﴾ [الزمر 33-35]

«...Ва онон парҳезгоронанд, он чӣ бихоҳанд назди Парвардигорашон барои онон мавҷуд аст ва ин аст ҷазои некӯкорон, то Худованд бадтарин аъмоле, ки анҷом доданд (дар сояи имон ва садоқати онҳо) меёмурзад...»[1].

Пурсанда бе ҷавоб монд, зеро мард аз гурӯҳе буд, ки Алӣ (р.з) ро маъсум медонанд. Агар Алӣ маъсум аст пас "أَسْوَأَ الَّذِي عَمِلُو" чист?!

Мутаъассифона баъзе агар худашон дурӯғ ва муболиғаву муғолата насохтаанд, шикори дурӯғҳо

[1] : Сураи Зумар 33-34-35

ва муболиғаву муғолатаҳои дигарон шудаанд. Ин ҳолати иддаи бисёр маъдуде аст.

Хушбахтона имрӯз насли ҷавон ба дунболи таҳқиқ меравад ва дигар шикори афсонаҳо ва хаёлбофиҳо намешавад, бинобарин ин ояти карима агар умумияти онро дар назар бигирем, ҳам Сиддиқ ва ҳам соири Саҳобаро шомил мешавад. Аммо беш аз бақия ва ба таври комилтар, шомили ҳоли Абӯбакри Сиддиқ (р.з) аст, чунон, ки хоҳад омад.

Вале умуми оят сифатест, ки мумкин аст ба ҳама интибоқ дошта бошад, чун ҳар касе, ки ба Паёмбар (с) имом оварда ва ӯро тасдиқ карда, метавонад машмули ин ояти карима қарор гирад.

Валҳамду *лиллоҳи* ало сиъати раҳматиҳи ва умуми фазлиҳи.

## Сиддиқ чаро сиддиқ шуд?

Имон ва тасдиқи Абӯбакр ба Паёмбар (с) як ҳолати умумӣ дорад. Яъне ин, ки эшон дар аввали даъвати Абӯбакр (р.з) бидуни ин, ки далеле бипурсад, бовар ва тасдиқ кард ва имон овард.

Ва як ҳолати хусусӣ дорад, ки ҳангоми Меъроҷ буд, вақте Паёмбар (с) ба Меъроҷ мушарраф

шуданд ва бозгаштанд, ин ҷо Абӯбакр билофосила тасдиқ кард.

Дар мавриди аввал чунон, ки дар саҳеҳи Бухорӣ дар китоби Тафсир дар охири сураи Аъроф:

﴿قُلۡ يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ إِنِّي رَسُولُ ٱللَّهِ إِلَيۡكُمۡ جَمِيعًا ٱلَّذِي لَهُۥ مُلۡكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۖ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ يُحۡيِۦ وَيُمِيتُۖ فَـَٔامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِ ٱلنَّبِيِّ ٱلۡأُمِّيِّ ٱلَّذِي يُؤۡمِنُ بِٱللَّهِ وَكَلِمَٰتِهِۦ وَٱتَّبِعُوهُ لَعَلَّكُمۡ تَهۡتَدُونَ ١٥٨﴾ [الأعراف 158]

«Бигӯ: Эй мардум! Ман фиристодаи Худованд ба сӯйи ҳамаи шумо ҳастам, касе, ки фармонравоии осмонҳо ва замин аз они ӯст, маъбуди (ростине) ҷуз ӯ нест, зинда мекунад ва мемиронад, пас ба Худованд ва Расули ӯ, он Паёмбари дарс нохондае, ки ба Худованд ва суханони ӯ имом дорад, имон оваред ва аз ӯ пайравӣ кунед, бошад, ки роҳ ёбед»[1].

Дар ҳадиси Абӯдардо (р.з) омада аст, ки фармуд: Байни Абӯбакр ва Умар бугу мугу пеш омад. Абӯбакр Умарро нороҳат кард. Умар бо нороҳатӣ роҳашро кашид ва рафт. Абӯбакр ба дунболаш ба роҳ афтод ва аз ӯ хоҳиш кард, ки ӯро бибахшад, аммо Умар напазируфт, то ин, ки ба хона расид ва дарро бар рӯйи худ баст.

---

[1] : Сураи Аъроф 158

Абӯбакр назди Расули Худо (с) омад, мо ҳам хидмати эшон будем. Расули Худо фармуданд: " ما أصاحبكم هذا فقد غامر", "ин рафиқи шумо кори сахте муртакиб шудааст". Умар аз кораш пушаймон шуд ва хидмати Расули Худо (с) омад ва чараёнро боз гуфт. Паёмбар (с) нороҳат шуданд, дар ин ҳол Абӯбакр дошт мегуфт: Ба Худо эй Расули Худо! Ман зулм кардаам!. Паёмбар (с) фармуданд:

«هل انتم تاركون لي صاحبي؟ هل انتم تاركون لي صاحبي؟ إني قلت يا أيها الناس إني رسول الله إليكم جميعا فقلتم كذبت و قال أبوبكر صدق».

«Оё шумо Соҳиби (ёр) маро бароям ба ҳоли худаш мегузоред? Оё шумо соҳиби маро бароям ба ҳоли худаш мегузоред? Ман гуфтам: эй мардум ман ба сӯйи ҳамаи шумо Паёмбар фиристода шудаам!. Гуфтед: дуруғ мегӯйи, Абӯбакр гуфт: рост мефамоед».

Ва дар ривояте, ки имом Бухорӣ (р) онро дар фазоили Сиддиқ (р.з) овардааст, Паёмбар (с) фармуданд:

«إن الله بعثني إليكم فقلتم كذبت، و قال أبوبكر صدقت، و واساني بنفسه و ماله فهل أنتم تاركون لي صاحبي؟»

«Худованд маро ба сӯйи шумо мабъус фармуд, гуфтед: дуруғ мегӯйи! Абӯбакр буд, ки

гуфт: рост мегӯед ва ҷону молашро дар ихтиёри ман гузошт, пас шумо соҳиби маро ба ҳоли худаш мегӯзоред». Ду мартаба ин ҷумлаҳоро такрор фармуданд.

Баъд аз он дигар Сиддиқ мавриди азият нагирифт. Ин гувоҳи содиқтарин инсони рӯйи замин, Расули Содиқ ва Амин (с) дар бораи имом ва садоқату шуҷоъат ва фидокории ёри ҷоннисорашон, Абӯбакри Сиддиқ (р.з) аст.

### Як иллати дигар

Бори дигар ҳангоме, ки Расули бузургвори Ислом (с) ба садоқати Сиддиқ (р.з) гувоҳӣ доданд, ки ҳазраташ бо Абӯбакр ва Умар ва Усмон бар болои кӯҳи Уҳуд буданд ва кӯҳи Уҳуд ба ларза даромад, фармуданд: "اثبت أحد، فإنما عليك نبي و "صديق، و شهيدان, "ором бош эй Уҳуд, ки бар болои ту ҷуз Паёмбар ва Сиддиқ ва ду шаҳид касе нест".

Ин ривоятро имом Бухорӣ ва имом Аҳмад ва баъзе соҳибони Сунан ривоят кардаанд. Монанди ин матлаб дар бораи ғори Ҳиро (кӯҳи Нӯр дар Маккаи Мукаррама) низ ривоят шудааст.

**Ақл ва имони бемисли Сиддиқ**

Яке дигаре аз асбобе, ки боиси шуҳрати эшон ба лақаби Сиддиқ гардид, тасдиқи бе чуну чарои сафари муъҷизаи Исро ва Меъроҷ аст.

Ин сафари муборак, ки яке аз бузургтарин муъҷизоти Паёмбар (с) буд, ва эшон ба иҷозаи Худованд як шаб аз Масҷиди Ҳаром ба Масҷиди Ақсо ва аз он ҷо ба осмони ҳафтум рафтанд ва баргаштанд. Душманони курдилро дӯчори ҳайрат ва нигаронӣ карда буд ва бештар истеҳзо мекарданд ва мақоми шомихи Нубуватро ба боди интиқод ва такзиб мегирифтанд, чун бо ақли онон ҷур намеомад.

Сиддиқи Акбар омад ва ҳама муҳосаботи ононро ба ҳам рехт ва гуфт: ман муҳмтар аз инро қабул кардам ва имон овардам, ки фариштае аз осмони ҳафтум қосиди Худо мешавад ва пеши Паёмбар меояд ва Пайғоми Худоро ба ӯ иблоғ мекунад!. Вақте инро қабул дорам, дар рафтани худи бандаи хоси Худо ба ҳукми Худо ва ба қудрати Худо ба пеши Худо чӣ мушкиле вуҷуд дорад?!.

Воқеъан, ки имони Сиддиқ ва тасдиқи Сиддиқ содиқона буд ва ҷуз касе, ки аз аъмоқи қалбаш ба

Худо ва Расул имон ва бовар дорад, касе наметавонист чунин муъҷизаеро бипазирад ва бовар кунад.

## Шинохти Ҷибрил аз Сиддиқ

Дар ҳадиси Абӯҳурайра (р.з) омада аст, ки Паёмбар (с) мефармояд: Шаби Меъроҷ ба Ҷибрил гуфтам: "قومي لا يصدقني". Ҷибрил фармуд: " يصدقك أبوبكر وهو الصديق", "Абӯбакр, ки Сиддиқ аст, туро тасдиқ хоҳад кард".

Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад бин Суддий дар фазоили Сиддиқ ва Ибни Муҳиб дар Риёзу-назра онро нақл кардааст.

## Қасидае дар мадҳи Сиддиқ

Чунон, ки Қаҳтонӣ дар қасидаи Нунияҳи худаш дар бораи Абӯбакр ва Умар, падарони ду ҳамсари Паёмбар (с) месарояд:

أضاء أقواهما أخشاهما    أتقاهما في السر وفي الأعلان

Он ду ёри софтар ва қавитар ва дар тарс аз Худо аз ҳама ҷилавтар

Он дуе, ки дар тақво аъам аз пинҳону
ошкор аз ҳама пештозтар буданд
Аз ҳама олимақомтар ва покаст
дар шаъну манзалат аз ҳама волотар
Ахлоқи Сиддиқи Аҳмад ва соҳиби ғор аст, ки
яке бо Паёмбар (с) дар дохили ғор ду нафар буданд Абӯбакр, манзур Абӯбакр аст, ки ихтилоф накардааст.
Дар шариъати мо дар фазилати он ду нафар.

Он чӣ дар ин ҷо маҳали шоҳид аст ин аст:

"الصديق صدق أحمد بمقاله وفعاله وجنان".

Сиддиқ баростӣ, ки Паёмбарро (с) тасдиқ кард, ҳам бо гуфтор ҳам бо кирдор ва ҳам бо тамоми вуҷудаш.

### Бахшиши Худованд барои Саҳоба

Дар ҳошияи Зоҳирия ин матлаб низ изофа бар матни зикр шуда аст.

Рофизи ба эшон гуфт: Худованди мутаъол мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ تَوَلَّوۡاْ مِنكُمۡ يَوۡمَ ٱلۡتَقَى ٱلۡجَمۡعَانِ إِنَّمَا ٱسۡتَزَلَّهُمُ ٱلشَّيۡطَٰنُ بِبَعۡضِ مَا كَسَبُواْۖ وَلَقَدۡ عَفَا ٱللَّهُ عَنۡهُمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ حَلِيمٞ ١٥٥﴾ [آل عمران 155]

«Касоне аз шумо дар рӯзе, ки ду гуруҳ ба ҳам расиданд, рӯй гардониданд, ҷуз ин нест, ки шайтон (ба кайфар) бахше аз дастовардашон ононро (аз ҷой) лағжонид ва ба ростӣ Худованд ононро бахшид, бе гумон Худованд омурзандаи бурдбор аст»[1].

Имом Ҷаъфари Содиқ фармуданд: Магар ин аст, ки Худованди мутаъол аз онон дар гузашта ва ҳамаро бахшида аст.

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ ....وَلَقَدۡ عَفَا ٱللَّهُ عَنۡهُمۡۗ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ حَلِيمٞ ١٥٥﴾ [آل عمران 155]

Муҳаққиқи китоб мефармояд: матлабро дар ҳошияи китоб ба ҳамин сурат ёфтам, аммобо ин оят бар Абӯбакр ишкол ворид кардан дуруст нест, зеро Сиддиқ (р.з) аз касоне буд, ки дар ғазваи Уҳуд дар канори Паёмбар (с) собит монд ва фирор накард, зеро сездаҳ нафар аз муҳоҷирин бо Паёмбар(с) истиқомат карданд, ки баъзе иборатанд: аз Абӯбакр, Умар, Алӣ, Талҳа, Абдурраҳмон бин Авф ва Саъд бин Абиваққос (р.з).

Ва касоне, ки дар он рӯз пушт карданд, вале тавба карданд ва Худованд тавбаашонро пазируфт, ба ҳеҷ унвон наметавон онро дастовез қарор дод.

---

[1] : Сураи Оли Имрон 155

Бар фарз агар дастовез ҳам буд, акнун нест, чун ба насси ояти карима Худованд ононро бахшид.

**Ояти Завилқурбо**

Ин далеле, ки Рофизӣ ба он истидлол карда ва хоста фарзияти муҳаббати Алӣ (р.з) ро бо он собит кунад, дуруст нест. Зеро дар тафсири он аз олимтарин мутааххирини Саҳоба, муфассири Қуръон ва боризтарин чеҳраи илмии Аҳли байт баъда аз Алӣ (р.з), яъне Абдуллоҳ бин Аббос (р.з) чунон, ки дар Саҳиҳайн оварда аз Саъид бин Ҷубайр нақл шуда, ки гуфт: аз Ибни Аббос дар тасири ояти ﴿ قُلْ لا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ أَجْراً إِلَّا الْمَوَدَّةَ فِي الْقُرْبَى . ﴾[1] пурсида шуд: саъид гуфт: " أن لاتوذوا محمدا في قرابته", Ибни Аббос гуфт: Аҷала кардӣ! ( عجلت) ҳеҷ шохае аз қабоили Қурайш нест магар ин, ки Расули Худо (с) ба онон робитаи хешовандӣ дорад, лизо фармуданд: Ман аз шумо подош намехоҳам, он чӣ мехоҳам ин аст, ки робитаи хешовандие, ки байни ман ва шумост барқарор нигаҳ доред. Инаст мафҳуми ояти карима.

[1] : Сураи Шуро 23

Худованди мутаъол нафармуд: ( إلا المودة للقربى), ё ( إلا المودة لذوي القربى), чунон чӣ дар бораи хумс фармуд:

﴿وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّمَا غَنِمۡتُم مِّن شَيۡءٖ فَأَنَّ لِلَّهِ خُمُسَهُۥ وَلِلرَّسُولِ وَلِذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡيَتَٰمَىٰ وَٱلۡمَسَٰكِينِ وَٱبۡنِ ٱلسَّبِيلِ إِن كُنتُمۡ ءَامَنتُم بِٱللَّهِ وَمَآ أَنزَلۡنَا عَلَىٰ عَبۡدِنَا يَوۡمَ ٱلۡفُرۡقَانِ يَوۡمَ ٱلۡتَقَى ٱلۡجَمۡعَانِۗ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٌ ٤١﴾[1]

Ҳамчунин дар ояти Фай дар сураим Ҳашр агар ин низ чунин меомад, истидлоли ин мард дуруст мебуд.

## Тафсири Рофизиҳо

Равофиз дар бораи ин оят ҳадиси ҷаълӣ ва дуруғинро аз Ибни Аббос (р.з) нақл мекунанд, ки вақте оят:

﴿قُل لَّآ أَسۡـَٔلُكُمۡ عَلَيۡهِ أَجۡرًا إِلَّا ٱلۡمَوَدَّةَ فِي ٱلۡقُرۡبَىٰ ٢٣﴾ [الشورى 23]

нозил шуд, гуфтанд: эй Расули Худо қаробати шумо кист, ки маваддаташ бар ом воҷиб шудааст? Фармуд: "Алӣ ва Фотима ду фарзанди онҳо".

Ҷаълӣ будани ин ривоят ба қадре ошкор аст, ки ниёзе ба баҳс надорад, чун сураи Шӯро ва тамоми сураҳое, ки бо (حم) шуруъ мешавад ( حوميم

[1] : Сураи Анфол 41

سبعه) дар Макка нозил шуда, ки дар он замон ҳануз издивоҷи Алӣ ва Фотим (р.з) набуда, то ин, ки фарзанд дошта бошанд!.

Аммо муҳаббати эшон воҷиб аст, ҳамчунон, ки муҳаббати умуми Саҳоба воҷиб аст, ба вижа собиқини аввалин, ки дар имон аз бақия сабқат гирифтанд ва ӯ бидуни шак аз собиқин аст ва далоиле, ки имоми Содиқ (р) дар бораи муҳаббати Сиддиқ фармудаанд, инҷо низ интибоқ дорад.

Иллати дуввуме, ки сабаби вуҷуби муҳаббати эшон мешавад, қаробати (писари амак) ва мусоҳарати (домод) эшон бо Паёмбар (с) аст, зеро ки эшон аз поктарин ва некӯтарин афроди Аҳли байти Паёмбар (с) буданд, ки муроъоти ҳуқуқи ононе, ки аз ин Байти тоҳираи мӯмин ҳастанд, бар мо воҷиб аст.

## Абӯбакр сардори уммат

Ояти мазкур аз сураи Ҳашр аст, ки дар воқеъ байни дӯстон ва душманони Саҳобаи Паёмбар (с) фарқ мегузорад ва матлаберо, ки имом Содиқ (р) фармуданд низ дар бар мегирад.

Ҳамчунин Уламо фармудаанд бинобарин мафоди ин ояти карима касе, ки Саҳобаи Паёмбар

(р.з) дашном диҳад ва лаън кунад ва бо онон кина дошта бошад дар моли Фай саҳме надорад.

Ва Абӯбакр (р.з) сардори Саҳоба ва афзалтарини онон аст ва ҷузъи аввалин касоне аст, ки машмули ояти каримаи сураи Тавба ояти 100 қарор мегирад, ки мефармояд:

﴿وَٱلسَّٰبِقُونَ ٱلۡأَوَّلُونَ مِنَ ٱلۡمُهَٰجِرِينَ وَٱلۡأَنصَارِ وَٱلَّذِينَ ٱتَّبَعُوهُم بِإِحۡسَٰنٖ رَّضِيَ ٱللَّهُ عَنۡهُمۡ وَرَضُواْ عَنۡهُ وَأَعَدَّ لَهُمۡ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي تَحۡتَهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدٗاۚ ذَٰلِكَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ ١٠٠﴾ [التوبة100]

«Пешравони нахустин аз Муҳоҷирин ва Ансор ва касоне, ки ба некукорӣ аз онон пайравӣ карданд, Худованд аз онон хушнӯд шуда ва (онон низ) аз ӯ хушнӯд шуданд ва барояшон боғҳое, ки фурудасти он ҷӯйборон равон аст, омода сохта, ки дар он ҷо ҳамеша ҷовидонанд, ин комёбии бузург аст»[1].

Ва дигар оёте, ки эшон ва соири Саҳобаро мадҳ  ва ситоиш мекунад ва ҳамчунин аҳодиси бешуморе, ки дар ин замина омада аст.

### Дидгоҳи муҳими имом Содиқ

[1] : Сураи Тавба 100

Имом Содиқ дуруст фармуданд, ки буғзи Абӯбакри Сиддиқ куфр аст, зеро буғзи эшон буғзи касест, ки Худо ва Расул аз ӯ ситоиш карда ва ӯро дӯст дошта ва ба ӯ муждаи биҳишт дода аст.

Ва ҳамчунин дашном ва лаъну такфир ва иттиҳоми Сиддиқ ба нифоқ дар воқеъ дашном ва иттиҳоми касе аст, ки аз вай ситоиш карда ва розӣ шуда, гӯё чунин шахсе ҳарфи Худо ва Паёмбарро рад карда ва онҳоро такзиб мекунад, ки бидуни шак ин куфр аст.

Лизо ин нас ва иршоди сареҳи имом Содиқ барои бисёре аз касоне, ки муддаъии имомат ва исмат ва пайравӣ аз Ҳазрат ҳастанд, ҷойи таъаммул аст, ба вижа касоне, ки на танҳо Сиддиқро лаън ва такфир мекунад ва ба шумули соири Саҳоба ҳамаро муртад ва кофир мехонанд, ки лаън ва нафрин ва кинапарварӣ алайҳи ононро аз беҳтарин ибодатҳо медонанд.

**Санади як ҳадис**

Ҳадисро бо ин лафз Ҳоким дар "мустадрак" (3/167) аз Абдуллоҳ бин Масъуд (р.з) оварда, онро саҳеҳ гуфтааст ва имом Заҳабӣ низ бо ӯ мувафиқат карда аст ва Табаронӣ дар "муъҷами кабир" ва

Ҳайсамӣ дар "маҷамаи завоид" (9/189) оварда ва изофа мекунад:

(وفيه عبد الرحمن بن زياد بن أنعم وفيه خلاف وبقية رجاله رجال الصحيح)

Ҳамчунон ҳадисро бо ин лафз шайх Албонӣ дар "силсилаи аҳодиси саҳеҳ" (1/358) ҳасан қарор дода аст.

Аммо тамоми ҳадис ғайр аз ҷумлаи ( أبوهما خير منهما), лафзи мутавотир аст, ки Мановӣ онро дар "ал-файз" оварда, пеш аз вай ҳам имом Аҳмад онро дар чанд ҷой аз муснадаш оварда аст (3/3 ва 62 ва 64 ва 80) ва (5/391) ва имом Тирмизӣ низ дар ҷомеъаш онро овардааст (4/329) ва (2/307) ва дигарон.

Ин ҳадис аз гурухе аз Саҳоба, аз ҷумла Абӯсаъид, Ҳузайфа, Умар, Алӣ, Баро бин Озиб, Абӯҳурайра, Ҷобир ва Қурра бин Иёс (р) нақл шуда аст.

Ин иснод ҷайид аст, ҷуз ин ки имом Зайнулобидин аз ҷадаш Алӣ мустақиман ҳадис ривоят накарда аст, зеро эшон дар соли 37 ҳиҷрӣ таваллуд шудааст, ки ин худ мерасонад иснoди нусхаи Зоҳирия дурӯст аст.

Ин ҳадис аз гурӯҳе аз Саҳоба аз ҷумла, Алӣ, Анас, Абӯҳузайфа, Ҷобир ва Абӯсаъид (р.з) нақл шудааст.

Ва ин ҳадиси Алиро Абдуллоҳ аз Аҳмад дар муснад (1/80), Ибни Асокир дар таърихи Димишқ (9/307) ва Тирмизӣ дар ҷомеъ (4/310) ва Ибни Моҷаи Қазвинӣ дар сунан (шумораи 94/100) ва дигарон овардаанд.

Ва шайх Албонӣ онро дар силсилаи саҳиҳ (шумораи 844) муфассал тахриҷ карда ва ҳукм ба сиҳҳати он кардааст.

**Аз фазоили Ойшаи Сиддиқа (р.з)**

Имоми Содиқ (р) қасдан дар ин ҷо аз ҷавоб додан чашмпӯшӣ кардааст, зеро ин суол бе натиҷа аст, чӣ натиҷае ҳосил мешавад, агар Ойша беҳтар аз Фотима ё Фотима беҳтар аз Ойша (р.з) бошад.

Яке духтари гиромии Расули Худо (с) ва сардони занони биҳишт ва дигаре ҳамсар ва маҳбуба ва ҳамроҳи эшон дар биҳишт аст ва кина ва дӯшманӣ ва лаъну нафрини ҳар яки онон дӯшманӣ бо худи Расули Худо (с) аст.

Ойша маҳбубаи Расули Худо (с), балки маҳбубтарин занон дар назди эшон аст, чуноне, ки

дар Саҳиҳайн аз ҳадиси Анас омада аст, ки аз Расули Худо (с) пурсида шуд: Маҳбубтарин мардум дар назди шумо кист? Фармуд: "Ойша". Пурсиданд аз мардон чӣ касе? Фармуданд: "أبوها", "падараш".

Ва ҳамчунин дар саҳеҳи Муслим омада, ки Расули гиромӣ (с) ба Фотима (р.з) фармуданд: " أي بنية! ألست! تحبين ما أحب", "духтари азизам! Магар ин нест, ки он чӣ ман дӯст дорам, ту ҳам дӯст медорӣ?". Арз карданд: Бале! Фармуданд: " فأحبي هذه", "пас Ойшаро дӯст дошта бош".

Ин замоне буд, ки байни ҳамсарони Паёмбар (с) бо ҳазрати Ойша (а) рақобат вуҷуд дошт ва ҳазрати Фотима аз тарафи онон хидмати Паёмбар (с) омада буд, то шикояти ононро ба ҳазрат бирасонад ва аз Паёмбар (с) бихоҳад, ки Ойша ро бар дигар ҳамсаронаш тарҷеҳ надиҳад.

Чунон, ки дар Саҳиҳайн аз ҳадиси Анас омада аст, ки ҳазрат фармуданд: "

«فضل عايشه علي النساء كفضل الثريد علي سائر الطعام».

«Бартарии Ойша бар дигар занон, мисли бартарии сарид бар боқимондаи таъом аст».

Ва дар саҳиҳи Бухорӣ омада аст, ки Уммор бин Ёсир (р.з) бар минбари Кӯфа хутба хонд ва Алӣ ва имом Ҳусайн нишаста буданд, дар бораи Ойша

(р.з) фармуд: (إني أعلم أنها زوجته في الدنيا و الآخرة), (ман яқин дорам, ки Ойша дар дунё ва охират ҳамсари Паёмбар (с) аст, аммо Худованд шуморо мавриди озмоиш қарор дода, то бубинад, ки аз ӯ пайравӣ мекунед, ё ҳамсараш.

Ва Ибни Ҳиббон дар саҳиҳаш аз ҳадиси Саъид бин Касир аз падараш аз Ойша (р.з) ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) ба Ойшаи Сиддиқа фармуданд: "إما ترضين أن تكوني زوجتي في الدنيا و الآخرة", "оё розӣ нестӣ ки дар дунё ва охират ҳамсари ман бошӣ?.

Ин бахш бисёр андаке аз фазоили модари мӯминон, афифаи тоҳира, Ойшаи Сиддиқа, ҳумайрои илм ва фиқҳу дониш ва завҷаи тоҳираи Расули Худо (с) аст.

Ҳоло қазоват кунед, ки ин модари мӯминон, ки Худованд аз болои ҳафт осмон бо чандин ояти нӯронии Қуръон ба ӯ иззат ва ифтихор бахшида ва тоҷи саъодат ва ифофу тақворо бар сари ӯ ниҳода, агар касе бо вай буғзу кина ва душманӣ дошта бошад ва ӯро мавриди дашному лаън ва нафрин қарор диҳад, ва чӣ басо аз ин ҳам по фаротар гузорад ва ба иффату поки ӯ шак ва тардид кунад ва ӯро (ба Худо паноҳ мебарам) кофир ва дӯзахӣ

бихонад, чӣ ҷойгоҳе дар дин дорад? Ва чунин касеро тибқи кадом меъёр бояд мусалмон донист?

أكرم بعائشة الرضي من حرة　　بكر مطهرة الإزار حصان

هي زوج خير الأنبياء وبكره وعروسه من جملة النسوان

هي عرسه هي أنسة هي آلفة هي حبه صدقا بلا أدهان

(Чӣ қадар мукарраму муъззаз ва озодаст, Ойшаи бокираи тоҳирае, ки бар покӣ ва иффати ӯ Худованд гувоҳӣ додааст. ӯ ҳамсари беҳтарини Паёмбар ва танҳо ҳамсари бокираи ӯст, ки аз миёни ҳамсарон фақат ӯ ифтихори арӯс буданро доштааст. Оре ӯ арӯси ва ӯ мунис ва ӯ василаи улфати Ҳазрат буд ва бидуни шак ӯ аз рӯйи садоқати ӯ маҳбубаи Ҳазрат (с) буд!".

## Аз фазоили Фотимаи Заҳро (р.з)

Фотимаи батул, бинти тоҳира ва ханаки чашми Расули гиромӣ (с) аст. Дар Саҳеҳайн аз ҳадиси Ойша (р.з) ривоят шуда, Расули Худо (с) қабл аз вафоти мариз буданд ва дар ҳуҷрои Ойша (р.з) бар бистари беморӣ буданд.

Фотима (р.з) хидмати Ҳазрат (с) омад. Ҳазрат чизе дар гуши батул гуфтанд, ки ӯ ба гиря афтод! Фармуданд:

"اما ترضين أن تكوني سيدة نساء اهل الجنة او نساء العالمين".

"Оё дӯст надорӣ, ки сардори занони биҳишт (ё сардори занони ҷаҳон) бошӣ? Ҳазрати Фотима (р.з) бо шунидани ин ҷумла хандид ва пас аз Паёмбар (с) вай аввалин касе буд, ки аз Аҳли байти Ҳазрат (с) ба эшон пайваст.

Модари гиромӣ ҳазрати Фотимаи Заҳро, уммулмӯминин Хадиҷа бинти Хувайлид (р.з) ҳамсари гиромии Расули Худо (с), афзалтарин занони ҷаҳон аст.

Фарзандони Фотимаи Заҳро, Ҳасан ва Ҳусайн, сардорони ҷавонони биҳиштанд ва Умми Кулсум, ҳасари Умари Форуқ (р.з) аст.

Ҳамсари ҳазрати Фотима (р.з), Амири мӯминон Алии Муртазо (р.з), халифаи чаҳорум, писарамуйи Расули Худо (с) аст, ки Ҳазрат байни худаш ва Алӣ (р.з) муохот ва бародарӣ барқарор карданд, ки иншоаллоҳ дар дунё ва охират барқарор хоҳад буд.

Фазоили Заҳрои батул машҳур ва маъруфтар аз он аст, ки касе инкораш кунад.

Муфозала байни Фотимаи Заҳро ва модари гиромиаш, Хадиҷаи бовафо ва байни Сиддиқа (р.з), ки кадом яказ онон беҳтар ва афзал аз дигаре аст, мавзуъест, ки дар бораи он ихтилофи назар вуҷуд

дорад ва дар айни ҳол самара ва натаҷае низ надорад.

Аммо бетардид буғзи ҳазрати Заҳро дар воқеъ буғз бо Расули Худо (с) аст, ки ҷуз мунофиқ, ки аз худи дини Илоҳӣ кина ба дил дорад, каси дигаре ҷуръати онро надорад:

أكرم بفاطمة البطول وبعلها وبمن هما لمحمد سبطان
غضبان أصلهما بروضة أحمد لله در الأصل والغصان

"Чи қадар мукаррам ва муаззаз аст Фотимаи батул ва шавҳараш ва чӣ қадар муаззаз ва мукаррам аст ду нувосаи гиромии ҳазрати Муҳаммад (с), Ҳасан ва Ҳусайн, инҳо ду шохаи дарахте ҳастанд, ки дар боғи Аҳмад риша дорад, хушо ба саъодати асли дарахт ва ду шохааш".

**Аз мувофақоти Умари Форуқ**

Ояти карима аз сураи Аҳзоб аст, ки Худованди мутаъол мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَدۡخُلُواْ بُيُوتَ ٱلنَّبِيِّ إِلَّآ أَن يُؤۡذَنَ لَكُمۡ إِلَىٰ طَعَامٍ غَيۡرَ نَٰظِرِينَ إِنَىٰهُ وَلَٰكِنۡ إِذَا دُعِيتُمۡ فَٱدۡخُلُواْ فَإِذَا طَعِمۡتُمۡ فَٱنتَشِرُواْ وَلَا مُسۡتَـٔۡنِسِينَ لِحَدِيثٍۚ إِنَّ ذَٰلِكُمۡ كَانَ يُؤۡذِي ٱلنَّبِيَّ فَيَسۡتَحۡيِۦ مِنكُمۡۖ وَٱللَّهُ لَا يَسۡتَحۡيِۦ مِنَ ٱلۡحَقِّۚ

وَإِذَا سَأَلۡتُمُوهُنَّ مَتَٰعٗا فَسۡـَٔلُوهُنَّ مِن وَرَآءِ حِجَابٖۚ ذَٰلِكُمۡ أَطۡهَرُ لِقُلُوبِكُمۡ وَقُلُوبِهِنَّۚ وَمَا كَانَ لَكُمۡ أَن تُؤۡذُواْ رَسُولَ ٱللَّهِ وَلَآ أَن تَنكِحُوٓاْ أَزۡوَٰجَهُۥ مِنۢ بَعۡدِهِۦٓ أَبَدًاۚ إِنَّ ذَٰلِكُمۡ كَانَ عِندَ ٱللَّهِ عَظِيمًا ﴿٥٣﴾ [الأحزاب 53]

«Эй касоне, ки имон овардаед, ба хонаҳои паёмбар дохил нашавед, магар шуморо ба хӯрдани таъоме фаро хонанд, бе он ки мунтазир биншинед, то таъом ҳозир шавад. Агар шуморо даъват кунанд, дохил шавед, ва чун таъом хӯрдед, пароканда гардед. На он ки барои саргармӣ сухан оғоз кунед. Албатта ин корҳо Паёмбарро озор медиҳад ва ӯ аз шумо шарм медорад, Вале Худо аз гуфтани ҳақ шарм намедорад. Ва агар аз занони паёмбар чизе хостед, аз пушти парда бихоҳед. Ин кор ҳам барои дилҳои шумо ва ҳам барои дилҳои онҳо покдорандатар аст. Шуморо набояд, ки паёмбари Худоро биёзоред ва на он ки занҳояшро баъд аз вай ҳаргиз ба занӣ гиред. Ин корҳо дар назди Худо гуноҳе бузург аст»[1].

Ин оятро уламо,ояти Ҳиҷоб номидаанд, зеро Паёмбар (с) баъд аз ин оят ба ҳамсаронаш дастӯр доданд ҳиҷоб кунанд. Ин оят низ мувофиқи раъй Умари Форуқ (р.з) нозил шуд, ки ба Расули Худо (с)

[1] : Сураи Аҳзоб 53

машварат доданд, ки ба занон дастӯри ҳиҷоб содир кунанд.

Сабаби нузули ин фармудаи Худованд:

﴿وَمَا كَانَ لَكُمْ أَن تُؤْذُواْ رَسُولَ ٱللَّهِ ﴿٥٣﴾﴾ [الأحزاب 53]

чунонки ривоят шуда, инаст, ки баъзе тасмим доштанд, баъд аз Расули Худо бо баъзе ҳамсарони эшон издивоҷ кунанд, лизо уламо иҷмоъ доранд, ки тамоми ҳамсароне, ки дар ҳангоми вафоти Расули Худо (с) зинда буданд, издивоҷ бо онон ҳаром аст, зеро ки онон тибқи насси Қуръони карим: ﴿ النَّبِيُّ أَوْلَى بِالْمُؤْمِنِينَ مِنْ أَنْفُسِهِمْ وَأَزْوَاجُهُ أُمَّهَاتُهُمْ ﴾ модарони мӯминон ҳастанд ва ононр дар дунё ва охират ҳамсарони ҳазрат (с) ҳастанд.

## Нақши мунофиқин дар ҷанги Ҷамал

Имом Содиқ (р) ба умуми ояти карима дар бораи "азият" истидлол карда, ки мақсуди Рофизӣ аз тарҳи суол, таън дар Уммулмӯминин Ойшаи Сиддиқа (р.з) буд. Сирфан ба далели ин, ки ҳазрати Сиддиқа (р.з) ба дунболи шаҳодати ҳазрати Усмон (р.з) ҷузъи касоне буд, ки мехостанд қотилони ҳазрати Усмонро муҳокима кунанд.

Аммо мутаъассифона онон бо соири мунофиқин тавре барномарезӣ карданд, ки на

танҳо дастгир ва муҳокима нашаванд, ки сулҳи омодаи байн ду лашкарро ба ҷанг мубаддал карданд, ки дар натиҷа ин макру дасисаи мунофиқин ҳазорон нафар кушта шуданд ва ин ҷанг ба ҷанги Ҷамал шуҳрат ёфт.

Иллати номгузории ин ҷанг ба ҷанги Ҷамал ин буд, ки ҳазрати Сиддиқа (р.з) дар дохили ҳувдаҷ ва бар болои шутур савор буданд, ба унвони як ҷомеъаи башарӣ ва инсонҳои одӣ ва ғайри маъсум, ин гуна умур хеле табиъӣ аст, чунонки Худованд дар сураи Ҳуҷурот мефармояд:

﴿وَإِنْ طَائِفَتَانِ مِنَ الْمُؤْمِنِينَ اقْتَتَلُوا فَأَصْلِحُوا بَيْنَهُمَا﴾ [الحجرات 9]

«Агар ду гурӯҳе аз мӯминон бо ҳам ба ҷангу қитол пардохтанд, пас байни онон сулҳ барқарор кунед»[1].

Қуръони Карим ҳар ду тоифаро на танҳо мусалмон, балки мӯмин номидааст ва худи ҳазрати Алӣ (р.з) низ вақте дар бораи Хавориҷ аз эшон пурсида шуд, ки оё кофиранд ё мусалмон? Фармуд: "«من الكفر فروا اخواننا بغوا علينا», "онҳо аз куфр фирор карданд, бародарони мо ҳастанд, ки алайҳи мо бағоват карданд".

Мантиқи баъзе таъаҷҷубовар аст, ки мегуянд, касоне, ки бо Алӣ ҷангиданд, наметавонанд

[1] : Сураи Ҳуҷурот 9

мусалмон бошанд!! Оё бояд мантиқи Қуръон ва ҳазрати Алиро бипазирем ва ҳамаи ононро мӯмин бидонем, ки дар иҷтиҳодашон ба хато рафтанд ва мустаҳиққи як аҷр шуданд ва ё мантиқи оқоёнро бипазирем ва ҷуз иддае каме, соири уммати Исломиро аз доираи Ислом хориҷ бидонем?!.

Бинобарин таъне, ки ин Рофизӣ бар модари мӯминон, Ойшаи Сиддиқа (р.з) вороид мекунад, дар воқеъ таън бар Паёмбар (с) аст ва аз озор ва азияти он тоҳираи афифа ба худи Паёмбар (с) озор ва азият мерасад.

Чун Ойшаи Сиддиқа (р.з) бо ҳазрати Алӣ (р.з) наҷангид ва на ба қасди ҷанг берун рафт, на бо Алӣ ва на бо каси дигар балки ба қасди сулҳ ва ваҳдат миёни мусалмонон хориҷ шуданд.

Бар хилофи дидгоҳи баъзеҳо, ки таърихро таҳриф мекунанд ва ҳақоиқро баръакс ҷилва медиҳанд, ҳомиён ва мусаббибони ин таҳриф таърих, ки дар воқеъ аз кина ва душманӣ бо Саҳоба ношӣ мешавад, муддаъи ҳастанд, ки ҳазрати Ойша (р.з) барои ҷанг хориҷ шуданд, ки ин хилофи воқеъият аст.

Ҷангро мунофикин доман заданд, касоне, ки аза дастгирию муҳокама ва расвоӣ метарсиданд, ки тақдир чунин шуд, ки ин ҷанг ҳамзамон шуд, бо хуруҷи Ойша ва дигар Саҳоба (р.з).

## Хилофати Уммати Муҳаммадӣ

Ин ояти сегонае, ки имом Содиқ (р.з) зикр кардаанд, далолат мекунад, ки умматро Худованд халифа қарор дода, яъне онҳо нисбат ба гузаштагон халифа ва ҷонишини онон ҳастанд, ки баъзе ҷонишини баъзе дигаре мешаванд.

Чунинки Абӯбакр ҷонишини Расули Худо (с) ва Умар ҷонишини Абӯбакр (р.з) ва Усмон ҷониниши Умар ва Алӣ ҷонишини Усмон (р.з) шуданд ва ба ҳамин сурат яке пайи дигаре баъдиҳо ҷонишини қаблӣ мешаванд. гӯё имом Содиқ аз ин оят ва оёти дигар бардошт кардаанд, ки чун ин уммат ҷонишини умматҳои гузашта дар рӯйи замин аст. Аввалин аҳди ҷонишинии воқеъии ин уммат аҳди Паёмбар (с) буд, ки уммати баъд аз Паёмбар (с) бар хилофати Абӯбакр мутаффиқ шуданд, сипас бар Умар, сипас бар Усмон, сипас бар Алии Муртазо (р.з).

Вақте ин иттифоқ пеш омад, дар воқеъ уммат ба маънои воқеъии ҷонишини рӯйи замин шуданд. Аллоҳу аълам.

Лаказаҳу (لكزه) (бо лом ва коф, рои нуқтадор ва ҳо), яъне ӯро аз пушт тела дода ва гоҳе "лакз" ба

маънои тела додан ва задан бо ҳам меояд, дар ин сурат вакз номида мешавад: ﴿وَكَزَهُ مُوسَى فَقَضَى عَلَيْهِ﴾[1] .

## Хулафои рошидин аввалин мисдоқи оёт

Он чӣ дар назди уламо дар бораи тафсири ояти ахири сураи Фатҳ машҳур аст, адами таъйин ин саҳоба аст, зеро инҳо сифоти оме ас, ки дар ашхоси муъайяни маҳдуд намешавад.

Бинобарин оят ҷанбаи умумӣ дорад. Ҳар кас ки ин сифотро доро бошад, машмули ояти карима қарор мегирад. Масалан сифати:

﴿وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ﴾

Сифати омест, ки бар ҳамаи Саҳоба (р.з) интибоқ дорад ва барои тахсиси ҳар умуме далел ё сабаб нузуле бояд бошад, то ин ки интибоқ увло ва сонавӣ дошта бошад. Албатта тамоми сифоти мадҳ ва ситоиш дар Қуръон карим нисбат ба бақияи мӯминони Саҳоба (р.з) ба шумули Саҳобаи Аҳли байт мисдоқи аввали он ҳастанд.

Бинобарин афродеро, ки имоми Содиқ (р.з) ном бурдаанд, Абӯбакр Сиддиқ ва Умар Форуқ ва Усмони зиннурайн ва Алии Муртазо (р.з) ҷузъи

[1] : Сураи қасас 15

аввалин касоне ҳастанд, ки ояти карима шомили ҳолашон мегардад.

### Лузуми тавбаи фаврӣ

Ҳарфи ман дар калимаи "منهم" дар ин ояти карима "баёнӣ" аст, ки барои баёни ҷинс омада, ки манзур ҷинси Саҳоба аст.

Чунончӣ ҳазрати Содиқ (р.з) фармуданд ва ин иҷмоъи муфассирин дар тафсири ояти карима аст.

Ва аз ҷумлаи ﴿ لِيَغِيظَ بِهِمُ الْكُفَّارَ ﴾ дар ояти карима, имом Молик ва баъзе дигар аз Уламо истидлол кардаанд, ки агар касе бо Саҳобаи Паёмбар (с) буғз дошта бошад, кофир мешавад, зеро касе, ки Саҳобаро дашном диҳад ва бар онон таън ворид кунад ва бо онон буғзу кина дошта бошад, бо онон ғайз гирфта ва касе, ки бо онон ғайз дошта бошад, ба насси ояти карима кофир мешавад.

Пас Худованд наҷот диҳад аз фитнаи такфир ва ҳукм ба иртидод ва нифоқи Саҳоба (р.з), ки воқеъан хатарнок аст.

Мутаасифона ин мараз ноогоҳона дар байни баъзе аввом низ сироят карда ва кинаву дӯшманӣ бо Саҳоба ва аҳёнан ҳукм ба куфру нифоқи онон низ аз забони баъзеҳо шунида мешавад, ки қатъан

тавба ва истиғфор аз ин ҷинояти бузург, ки Худо накарда, мӯҷиби куфри инсон мегардад, лозиму зарурӣ ва ғайри қобили таъхир аст.

Бояд ҳар чӣ зудтар инсон тавба кунад ва қалбашро нисбат ба ин авлиёи поки Илоҳӣ соф гардонад ва ба вижа ояти карима:

﴿وَٱلَّذِينَ جَآءُو مِنۢ بَعۡدِهِمۡ يَقُولُونَ رَبَّنَا ٱغۡفِرۡ لَنَا وَلِإِخۡوَٰنِنَا ٱلَّذِينَ سَبَقُونَا بِٱلۡإِيمَٰنِ وَلَا تَجۡعَلۡ فِي قُلُوبِنَا غِلّٗا لِّلَّذِينَ ءَامَنُواْ رَبَّنَآ إِنَّكَ رَءُوفٞ رَّحِيمٌ ١٠﴾ [الحشر 10]

«Парвардигоро! Моро ва он бародаронамонро, ки дар имон овардан аз мо пешӣ гирифтанд, биёмурз ва дар дилҳои мо ҳеҷ кинае дар ҳаққи касоне, ки имон овардаанд, қарор мадеҳ. Парвардигоро! Туйи, ки бахшандаи меҳрубонӣ»[1].

Худоё тавфиқ ва қабули тавба аз ту металабем.

Ин иснод ҷайид аст, агар симоъи имом Зайнулобидин аз ҷадаш, Алӣ бин Абӯтолиб (р.з) саҳеҳ бошад, албатта аз нусхаи зоҳирия собит аст ва ин нусхаи муътамад ва мувассақе аст, ки аз аслӣ қавитар аст. Албатта ҳадисро бо ин лафз наёфтем ва на дар тафсири ояти сураи Зумар, ки имом Содиқ (р.з) ба он истидлол кардаанд.

[1] : Сураи Ҳашр 10

## Саҳоба пешгомон дар Ҳашр

Аз ҳадисе, ки имом Содиқ ривоят кардаанд, алфози мухтасартаре низ вуҷуд дорад, аз ҷумла ривояти Ибни Умар (р.з), ки марфуъ аз Расули Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд:

«أنا اول من تنشق عنه الارض ثم ابوبكر ثم عمر ثم عثمان، ثم علي ثم أتي اهل البقيع ثم انتظر اهل مكة فتنشق عنهم ثم يقوم الخلائق».

Мулло Умар бин Хазр онро дар сираташ аз Ибни Муҳиби Табарӣ дар "риёзу-назра" (1/52) оварда аст. Ҳамчунон Абӯҳотами Розӣ дар фазоили Умар онро аз Ибни Муҳиб (1/164) нақл кардааст.

Ва аз Алӣ бин Абӯтолиб ривоят аст, ки арз кард: эй Расули Худо! Аввалин касе, ки дар рӯзи қиёмат аз ӯ ҳисоб гирифта мешавад, кист? Фармуд: Абӯбакр! Арз кард, сипас ки? Фармуданд: Умар! Арз кард: сипас ки? Фармуданд: "ثم أنت يا علي". Гуфтам: эй Расули Худо! Усмон куҷост? Фармуданд:

"إني سألت عثمان حاجة سرا فقضاها سرا فسالت الله أن لا يحاسب عثمان".

Ман аз Усмон чизе пинҳонӣ хостам, ӯ онро пинҳонӣ ба ҷо овард, лизо аз Худованд хостам, ки аз Усмон ҳисоб нагирад.

Ҳофиз бин бушрон ва Ибни Саммон дар (الموافقة بين آل البيت والصباحة), ва шабеҳи онро Хуҷандӣ дар Арбаъина овардаанд. Ҳамчунин Ибни Муҳибби Табарӣ (2/32) низ онро нақл карда аст. Аммо лафзе, ки дар матн омада, инаст,ки Расули Худо (с) аз қотилини Умар ва Алӣ ном гирифтааст.

Дар ин ҷо имом Содиқ (р) таъкид мекунад, касе,ки бо ин чаҳор нафар, ё ба яке аз онон буғзу кина биварзад, ё касоне, ки ононро такфир мекунанд, ё муртад мехонанд, бе тардид кофир аст ва аъмолаш ҷуъзи аъмоли касоне аст, ки Худованд дар бораи онон фармуда:

﴿وَقَدِمْنَا إِلَى مَا عَمِلُوا مِنْ عَمَلٍ فَجَعَلْنَاهُ هَبَاءً مَنْثُوراً﴾ [الفرقان 23]

«Ба ҳар гуна коре, ки карданд, мепардозем, сипас онро (чун) ғубори барбод рафта мегардонем» [1].

Алҳамду лиллоҳи раббилоламин ва саллаллоҳу ало Муҳаммадин ва Олиҳи тоҳирина ва саллам.

---

[1] : Сураи Фурқон 23

## Натиҷагирии мутарҷим

Пас донистем, ки имом Содиқ (р), ки имоми Аҳли байт дар замони худаш буд, душманони Саҳобаро ва касоне, ки бо онон буғзу кина доштанд ё ононро дашном медоданд мусалмон намедонист ва ин мутобиқи оёти Қуръони карим ва ақволи уламои уммат, аъам аз Саҳоба ва Тобиъин ва Табатобиъин аст.

Бинобарин ҷуз касе, ки аз ҳавову ҳаваси нафс ва аз шайтон пайравӣ мекунад ва ё надониста бозичаи дасти душманони Ислом қарор гирифта, ҳеҷ мусалмоне ҷуръат надорад, ки ба Саҳобаи Паёмбар (р.з) тавҳин кунад ё ононро кофир ва муртаду мунофиқ бихонад, ё ононро лаън кунад.

Худованд ҳамаи муслиминро аз шарри шайтон ва нафсҳо ва дӯшманони ҷинни ва инсиашон наҷот бахшад ва дилҳои ҳамаро ба Қуръон ва Суннат ва муҳаббати Саҳоба ва Аҳли байт(р.з) ҷамъ кунад ва ба онон тавфиқи ваҳдат ва иттиҳод ва якдилӣ иноят фармояд ва сояи ҳар гуна шару нифоқ ва ихтилоф ва чанддастагӣ ва кинаву душманиро аз сарашон дӯр кунад.

Худоё! Аз ту мехоҳем, ки уммати Исломиро муттаҳид бигардонӣ ва ононро бар душманонашон,

ки душманони дин ва Қуръон ҳастанд, пирӯз ва сарфароз бигардонӣ.

Худоё! Аз ту оҷизона мехоҳем, ки тамоми асбоб ва авомили ихтилофро аз миёни уммат решакан кунӣ ва барои ҳамеша дилҳои муслимини ҷаҳонро ба ҳам пайванди муҳаббат ва ухуват диҳӣ.

Худоё! Касоне, ки дар миёни уммат тухми ихтилоф ва кинаву душманӣ мекоранд, ҳидоят кун. Агар ҳидоят дар тақдирашон нест, Худоё ҳалок ва нобудашон бигардон.

Ва Худоё! Туро шоҳид мегирем, ки ба хотири ту бо ҳама дӯстони ту дӯст ҳастем ва ҳар касеро, ки ту дӯст доштаи ё дӯст медорӣ ё дӯст хоҳӣ дошт, ҳамаро дӯст медорем ва аз ҳама дӯшманонат нафрату инзиҷор дорем, вале аз ту мехоҳем, ки онҳоро низ ҳидоят кунӣ ва хазоини ту пур аз ҳидоят ва биҳишти ту бузург аст.

Худоё! Ҳама башариятро ба роҳи рост, ҳидоят кун ва ҳама ҳидоятшудагонро бо якдигар мутаҳҳид ва муттафиқ бигардон.

Худоё! Тамоми асбоби тафриқаву ихтилофро нобуд фармо ва ҳама тафриқаандозон ва ихтилофаф канонро ҳидоят фармо.

Худоё! Агар ҳидоят дар тақдирашон нанавиштаи, нобудаш бифармо, вале қабл аз он

расвояшон гардон, то барои дигарон панду ибрате бошанд.

Худоё! Наслҳояшонро ҳам ки қобили ҳидоятанд, ҳидоят фармо, агар нестанд расво ва нобудашон фармо.

Худоё! Туро шоҳид мегирам, агар ба ман фурсати як дуои мақбул иноят фармои, он як дуо инаст, ки тамоми башариятро ҳидоят кунӣ ва дилҳои ҳамаи ҳидоятшудгонро ба ҳам наздик кунӣ ва бо улфату муҳаббат ва ваҳдат шустушӯ диҳӣ ва тамоми авомили тафриқаро хор ва расвову залил гардонӣ.

Худоё! Ин дуоро аз ин бандаи оҷизва соири бандагонат, қабул фармо ва маро сабаби ҳидояту иттиҳоди уммат бигардон.

Худоё! Боз ҳам аз ту оҷизона мехоҳам, ки маро сабаби ҳидоят ва ваҳдати Уммати Муҳаммад (с) бигардонӣ, омин.

Алҳамду лиллоҳи рабилоламин. Поёни тарҷума якшанбе, шаби 14 рабиъулаввали 1423 ҳиҷрӣ, 1381 хуршедӣ, ба қалами Абдулло Ҳайдарӣ, Турбати Ҷомӣ, дар ҳарами Набавӣ шарифи Мадинаи Мунаввара, ҳазорҳо дуруду салом бар соҳиби он бод!

## Феҳрасти матолиб

Пешгуфтори мутарҷим.......................................... 3
Бахши аввал: Бо имом Ҷаъфари Содиқ ошно навем.......................................................... 10
Исму насаб.................................................. 11
Лақаб........................................................... 12
Фарзандон.................................................. 14
Муҳимтарин устодон................................ 14
Боризтарин шогирдон................................ 15
Саховат ва карам....................................... 16
Ҳикмат ва дониши вофир.......................... 18
Шахсият...................................................... 24
Ситоиши уламо.......................................... 27
Мавқеъи эшон дар қиболи Шайхайн (Абӯбакр ва Умар)................................................... 29
Бахши дуввум: матни мунозараи имом Ҷаъфари Содиқ бо як Рофизӣ............................ 34
Симои ин мунозара..................................... 52
Бахши саввум: Замима аввал: Хасоиси Абӯбакр (р.з).................................................... 54
Вижагиҳои Абӯбакри Сиддиқ (р.з) ....................... 55
Бахши чаҳорум (замимаи дуввум) дар бораи

махтут ........................................................................ 60
Аввал: Исми махтут ................................................. 61
Дуввум: Нисбати мунозара ба имом Содиқ (р). 62
Саввум: Тавсифи нусхаҳои хаттӣ........................ 64
1. Нусхаи Туркия.......................................... 64
2. Нусхаи Зоҳирия ........................................ 66
Чахорум: Симоъот ва қироъоти мавҷуд бар махтут ........................................................................ 69
Панҷум: Намунаҳое аз ҳар ду нусхаи махтут..... 75
Шашум: Ин санади нусхаи Зоҳирия аст ............ 75
Санад ва исми нусхаи туркия ................................ 76
Бахши панҷум: Ҳавошии китоб.......................... 78
Фазоили Абӯбакри Сиддиқ .................................. 79
Аҳли байт ва Абӯбакр ........................................... 81
Фазилати Абӯбакри Сиддиқ дар Қуръон .......... 83
Маъияти Аллоҳ бо Абӯбакр.................................. 85
Рашки Умари Форуқ ба Абӯбакри Сиддиқ........ 86
Ҷараёни иртидод ва нақши Сиддиқ.................... 88
Як достони ҷолиб................................................... 89
Достони шаби Ҳиҷрат........................................... 90
Дуруғи садақа додани ангуштарин дар намоз.. 92
Абӯбакр низ мисдоқи ояти закот дар рукуъ...... 95
Ривояте аз имоми Ҷаъфари Содиқ..................... 96
Фатҳи Ниҳованд..................................................... 97
Қотеъияти Сиддиқ................................................. 97

Подоши Абӯбакри Сиддиқ................................... 99
Алӣ меҳварӣ чаро?................................................ 101
Гувоҳии имом Содиқ............................................ 104
Тафсири Расули Худо (с)....................................... 105
Иҷмоъи аҳли тафсир.............................................. 107
Як вижагии мунҳасир ба фарди Абӯбакри Сиддиқ............................................................................ 108
Вижагии инҳисории дигари Абӯбакри Сиддиқ............................................................................ 109
Мусобиқаи имон..................................................... 112
Номҳои гиромии Аллоҳ Таъоло.......................... 113
Ҷибрил ва Абӯбакри Сиддиқ............................... 114
Тафохур дар ҳақ..................................................... 115
Шаъни нузули дигар.............................................. 117
Аз фазоили Умари Форуқ..................................... 118
Имони бемисли Абӯбакри Сиддиқ..................... 118
Аз сифоти Абӯбакр.................................................. 121
Дар бораи Алӣ бин Абӯтолиб.............................. 122
Ҳаққӯйи насли ҷавон............................................ 124
Сиддиқ чаро сиддиқ шуд....................................... 126
Як иллати дигар..................................................... 129
Ақл ва имони бемисоли Сиддиқ......................... 130
Шинохти Ҷибрил аз Сиддиқ.................................. 131
Қасидае дар мадҳи Сиддиқ.................................. 131
Бахшиши Худованд барои Саҳоба...................... 132

Ояти завилқурбо........................................................ 134
Тафсири Равофиз........................................................ 135
Абӯбакр сардори уммат........................................... 136
Дидгоҳи муҳими имом Содиқ................................ 137
Санади як ҳадис........................................................ 138
Аз фазоили Ойшаи Сиддиқа.................................. 140
Аз фазоили Фотимаи Заҳро................................... 143
Аз мувофақоти Умари Форуқ................................ 145
Нақши мунофиқон дар ҷанги Ҷамал.................. 147
Хилофати Уммати Муҳаммадӣ............................ 151
Хулафои Рошидин аввалин мисдоқи оёт........... 152
Лузуми тавба фаврӣ................................................ 153
Саҳоба пешгомон дар Ҳашр.................................. 155
Натиҷаи мутарҷим.................................................. 157
Феҳрасти мотолиб................................................... 160